ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА МУҲИТИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ

## Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни география



МОДУЛИ
1

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 1

## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА МУҲИТИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ

**Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни география**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-6 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Шосафар Акобиров

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Н.М. Қодиров, | мутахассиси пешбари шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; |
| Т. Турдиев, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; |
| М. Буранов, | омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. |


Модул ҳамчун воситаи таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география таҳия гардида, ба дарки мушкилӣ ва тазодҳои таҳсилоти муосир равона шудааст. Дар маркази таваҷҷуҳ принсипҳои муносибати босалоҳият дар таълим, хусусан муҳити таълим ва омӯзиш, инчунин таъсири онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон қарор доранд.

Омӯзиши модул нишон медиҳад, ки чӣ гуна омӯзгор нақши худро аз манбаи дониш ба тарроҳи муҳити таълимие табдил медиҳад, ки рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ ва қобилияти омӯзишро дастгирӣ мекунад. Тавассути таҳлил ва тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ, омӯзгорон усулҳоеро меомӯзанд, ки ба рушди малакаҳои устувори худташаккулдиҳӣ, рефлексия ва истифодаи дониш дар шароити нав мусоидат мекунанд.

## Мундариҷа


Пешгуфтор ........................................................................................................ 4

1 Мушкилӣ ва тазодҳо дар таҳсилоти муосир .......................................................... 7

2 Муносибати босалоҳият ба таълим: дарси география ва нақши омӯзгор чӣ гуна тағйир меёбанд.......................................................................................................... 19

3 Муҳити таълим ва омӯзиш: чаро онҳо муҳимманд ва бо муносибати босалоҳият дар таълим чӣ алоқа доранд.......................................................................... 36

4 Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ: воситаҳо барои омӯзгорони фанни география ............................................................................................................ 54

Адабиёт ва сарчашмаҳо.................................................................................. 72

## ПЕШГУФТОР

Дар асри XXI таълим натанҳо воситаи интиқоли дониш, балки муҳити ташаккули шахсият, тафаккур ва қобилияти мутобиқшавӣ ба ҷаҳони зудтағйирёбанда мебошад. Муносибатҳои анъанавӣ, ки бештар ба азхудкунии далелҳо ва пайравӣ аз стандартҳо такя мекунад, имрӯзҳо бештар бо ҳолатҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки онҳоро тағйироти технология, тарзи нави зиндагӣ, ҷаҳонишавӣ ва рушди ноустувор ба вуҷуд овардааст. Системаи таълими ҷаҳони муосир дар ҷустуҷӯйи тавозун миёни арзишҳо буда, ниёз ба навоварӣ дорад. Дар ин замина, **муносибати босалоҳият** дар таълим, ки ба ташаккули қобилият барои амал, ҳалли масъалаҳо, ҳамкорӣ ва таълими пайваста нигаронида шудааст, аҳамияти бештар пайдо мекунад.

География аз фанҳое мебошад, ки хусусияти байнифаннӣ ва алоқамандии амал ва тафаккури интиқодӣ (таҳлилӣ) оид ба муҳити атрофро дошта, объектҳоро дар харита тасвир ва муносибати байниҳодисаҳои табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро меомӯзад. География имкон медиҳад, ки ҷаҳонро ҳамчун як раванди муттаҳид ва динамикӣ дарк намоем. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни география ба воситаи муассир барои рушди саводи функсионалӣ, тафаккури фазоӣ, қобилияти пешгӯӣ ва шуури экологии шаҳрвандӣ мубаддал мегардад.

Модули мазкур барои дастгирии омӯзгорони фанни география/шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дар раванди гузариш ба усулҳои муосири таълими ба рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон равонашуда таҳия гардида, дар он на танҳо муҳтавои фаннӣ, балки **нақши омӯзгор, сохтори супоришҳо, ташкили муҳити таълим ва навъи муошират бо хонандагон** мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

### 1. Шарҳи умумӣ ва ҷанбаҳои ташкили кор

Қисми якуми модул шунавандагонро бо сохтор ва ҳадафҳои курс ошно сохта, тарзе тарҳрезӣ шудааст, ки маълумоти назариявӣ бо фаъолиятҳои амалӣ ва бозандешию табодули таҷриба омезиш ёфтаанд. Ба ташкили **муҳити омӯзиш** ҳамчун як фазои чандҷониба, динамикӣ ва эҷодкорона, ки дар он ҳамкорӣ, кушодагӣ ва бознигарии қарорҳои педагогии маъмул ҷой доранд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Гузаронидани **ташхиси аввалия** ба шунавандагон имкон медиҳад, ки мавқеи худро дарк намуда, сатҳи омодагии худро барои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим арзёбӣ кунанд. Дар ин марҳила ҳамчунин ташкили **гурӯҳҳои корӣ** муҳим аст, ки дар он ҳамкорӣ, таҳлили муштараки супоришҳо ва тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ амалӣ хоҳад шуд.

### 2. Мушкилӣ ва тазодҳо дар таҳсилоти муосир

Дар қисми дуюм иштирокчиён бо муаммоҳое аз қабили кӯҳнашавии зудтари дониш, аз ҳад зиёд будани маводи таълимӣ, паст шудани ҳавасмандии хонандагон, душвориҳо дар ташаккули малакаҳои мутобиқшавӣ дар шароити муосири носозгор рӯ ба рӯ мешаванд.

Мухолифат миёни ниёзи фардикунонии таълим ва хусусияти оммавии системаи мактабӣ рӯз аз рӯз тезу тунд мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус ба ихтилоф миёни фаҳмишҳои суннатии мақсадҳои таълим ва талаботи замони муосир: дониш ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ — ё ҳамчун воситаи амал равона мешавад. Мактаб бояд чӣ гуна бошад: макони омодагӣ ба имтиҳон ё фазои рушди шахсият, худшиносӣ ва ташаккули малакаҳои ҳаётан муҳим?

Фаҳмиши чунин тазодҳо роҳро ба сӯйи бознигарии созандаи муносибат ва таъйини вазифаҳои нави таълими фанни география боз мекунад.

**3. Муносибати босалоҳият дар таълим: дарси география ва нақши омӯзгор чи гуна тағйир меёбанд**

Қисми сеюми модул ба бознигарии сохтори дарси география ва нақши омӯзгор дар таълими ин фан бахшида шудааст. Дар шароити муносибати босалоҳият, **дарс ба раванде табдил меёбад,** ки хонанда дар он нақши фаъол мебозад. Ӯ на танҳо супоришҳоро иҷро мекунад, балки мақсад гузошта, роҳҳои ҳалли масъалаҳоро интихоб карда, маълумотҳоро таҳлил ва хулоса мебарорад. Ба ҷои «саволу ҷавоб» ба муколамае рӯ ба рӯ мешавад, ки дар он фарзия, баҳс, шубҳа ва кашфиётҳо ҷой доранд.

Омӯзгор дар ин раванд — **на нусхабар, балки ташкилдиҳанда, роҳнамо ва шарикест,** ки шароити маъноофариро эҷод мекунад. Ӯ супоришҳое тарҳрезӣ мекунад, ки дорои мазмуни воқеӣ буда, интихоби шахсиро дар бар мегиранд, тафаккурро барангехта, ҷустуҷӯро ташвиқ мекунанд.

Ҳамзамон ба малакаи омӯзгор:

- намудҳои супоришро (кушода/пӯшида, бозсозӣ/муаммоӣ) фарқ карда тавонистан;
- маводро ба имконият ва манфиатҳои хонанда мутобиқ сохтан;
- истифодаи воситаҳои ташхисӣ на барои назорат, балки барои рушд;
- ташаккули рисолати омӯзишии ба вазъиятҳои воқеӣ наздик, такя мекунанд

Кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки дар модул ба муколама ва бознигарии андешаҳои ба рушди хонандагон мусоидат кунанда, ки шояд солҳои тӯлонӣ бетағйир мондаанд, дахл карда, омӯзгоронро аз чаҳорчӯбаҳои маъмулӣ берун ва ба сӯйи таълими фаъолу самаранок роҳнамоӣ мекунад, ки дар он география натанҳо фанни таълимӣ, балки роҳ ба суйи дарки ҷаҳон мебошад.

**4. Муҳити таълим ва омӯзиш: чаро онҳо муҳимманд ва бо муносибати босалоҳият дар таълим чӣ алоқа доранд**

Дар қисми чорум **мафҳумҳои муҳити таълим ва муҳити омӯзиш** мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Муҳим он аст, ки ин ду мафҳумро дуруст дарк кунем: муҳити таълим ҳамаи омилҳоеро дар бар мегирад, ки рушди шахсиятро таъмин мекунанд, дар ҳоле ки муҳити омӯзиш бештар ба омӯхтани донишу малакаҳо ва қобилиятҳои мушаххас равона шудааст. Бо вуҷуди ин, дар доираи муносибати босалоҳият, ин мафҳумҳо ба ҳам наздик мешаванд: омӯзиш ҷузъи ҷудонашавандаи муҳити умумии таълим мегардад, ки дар он хонанда фаъолона ширкат меварзад.

Омӯзгорон даъват мешаванд, ки принсипҳои тарҳрезии муҳитеро омӯзанд, ки:

- хонандаро ба қабули масъулият водор созад;
- ҳавасмандии дохилиро ташаккул диҳад;
- шароити омӯзиш, таҳқиқ ва таҷрибаро фароҳам оварад;
- ба таҷрибаи ҳаётӣ ва манфиатҳои шахсии хонанда такя намояд;
- доираи синф ва китоби дарсиро ба самти ҷомеа, табиат, оила васеъ гардонад.

Дар омӯзиши фанни география ин муносибат аҳамияти бештар пайдо мекунад, зеро ин фан ба **хислати фазоии худ**, кор бо манбаъҳои воқеӣ, харитаҳо, мушоҳидаҳо ва таҳқиқоти маҳаллӣ такя мекунад. Ин ҳама муҳити ғании таълимиро фароҳам меоранд, ки дар он дониш ва таҷрибаи хонанда хулосагирӣ ва татбиқ мешаванд.

**5. Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ: воситаҳо барои омӯзгорони фанни география**

Қисми панҷум ба имкониятҳои муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ бахшида шудааст, унсурҳое, ки дар шароити муосир барои таҳсилоти самаранок, фарогир ва инноватсионӣ аҳамияти калидӣ доранд. Дар Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот,

истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ҳамчун самти стратегӣ барои навсозии муҳтаво ва усулҳои таълим муайян шудааст.

Дар ҷараёни дарс мо мефаҳмем, ки муҳити рақамӣ аз китобхонаҳои электронӣ то платформаҳои интерактивӣ ва моделсозии харитаҳо чӣ гуна имкониятҳои нав фароҳам меорад:. Меомӯзем, ки зеҳни сунъӣ дар таҳлили ҳодисаҳои географӣ, тарҳрезии сенарияҳо ва арзёбии салоҳиятҳои хонандагон чӣ нақш мебозад. Баррасӣ мекунем, ки кадом воситаҳои рақамӣ барои омӯзгорони география муфиданд, чӣ гуна онҳоро дар фаъолияти таълимӣ истифода бурдан мумкин аст ва чӣ гуна ин технологияҳо ба ташаккули салоҳиятҳои асри XXI — тафаккури интиқодӣ, мустақилият, ҳамкорӣ ва саводи рақамӣ — мусоидат мекунанд.

Ҳадафи асосӣ — омӯзиши тарҳрезии дарс бо истифода аз муҳити рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, на танҳо дар асоси дониш, балки дар асоси амал, таҳлил, муошират ва иштироки фаъолонаи хонанда мебошад.

# МАВЗУИ 1

## Мушкилӣ ва тазодҳо дар таҳсилоти муосир

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Дар чӣ зуҳур кардани тазодҳо дар таҳсилоти анъанавӣ ва талаботи ҷаҳони муосир.
- Чӣ гуна дигар шудани нақши омӯзгор ва хонанда дар шароити рақамисозӣ ва татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим.
- Чӣ гуна дигаршавии афзалиятҳои таълимиро инъикос намудани ислоҳот ва таҳқиқоти байналмилалӣ **(PISA, TIMSS, TALIS**).
- Барои чӣ ба ҳадафҳои асосии таълим табдил ёфтани маҳоратҳои асри XXI (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ).

**Чиро бояд тавонист?**

- Муайян кардани мушкилот ва тазодҳои асосӣ дар асоси вазъиятҳои таълимӣ (китобҳои дарсӣ, супоришҳо, сиёсати маориф).
- Таҳлил кардани таъсири муносибатҳои нав ба раванди омӯзиш.
- Муқоиса намудани моделҳои анъанавӣ ва инноватсионии таълим.
- Банақшагирии унсурҳои таълимӣ (вазъиятҳо, масъалаҳо, кейсҳо) бо дарназардошти мушкилоти муосир ва ниёзҳои хонандагон.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ**

- Кадом тазодҳо дар соҳаи маориф имрӯз бештар ба назар мерасанд: дониш ба муқобили салоҳиятҳо? Таълим муқобили роҳбаладӣ (фасилитатсия)? Таълими якҷоя муқобили инфиродӣ?
- Кадом мушкилиҳои муосир симо ва нақши омӯзгорро тағйир медиҳанд?
- Таълим барои зиндагӣ ё барои супоридани имтиҳонҳо, оё мешавад ин ду ҳадафро ҳамзамон амалӣ кард?
- Кадомаш муҳимтар аст: муҷаҳҳазсозии технологӣ ё муносибати педагогӣ?
- Чӣ гуна метавон тавозун миёни озодии хонанда ва такя ба стандартҳоро таъмин кард

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед

1. Дарки ихтилофҳои асосӣ дар низоми таҳсилоти муосирро фаҳмед.
2. Мақсад ва самтҳои ислоҳоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шудаистодаандро донед.
3. Роҳҳои бартараф намудани ихтилофҳоро бо такя ба таҷрибаи воқеӣ ёбед.

# Муқаддима

Мактаби муосир дар ҳолати тағйирот дар муносибат, мақсад ва интизориҳо аз хонанда ва омӯзгор қарор дорад. Мо ҳарчи бештар калимаҳои «салоҳият», «тафаккури интиқодӣ», «муҳити таълим»-ро мешунавем. Аммо ин тағйирот чӣ гуна ба фанни мушаххас — масалан, география таъсир мерасонад? «Ислоҳот» барои омӯзгоре, ки бо харита, падидаҳои табиӣ ва минтақаҳои иқлимӣ кор мекунад, чӣ маъно дорад?

Мавзуи мазкур аз дидгоҳи амалӣ баррасӣ мегардад: бо кадом тарзҳо омӯзгори география рӯ ба рӯ мешавад, кадоме аз онҳо ба ислоҳот марбутанд, кадоме ба моҳияти худи фан ва чӣ гуна метавон роҳҳои воқеии пешрафтро дар доираи муносибати босалоҳият дар таълим пайдо кард.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Тазодҳо дар таҳсилот** — вазъиятеро ифода мекунад, ки дар он мақсад, интизорӣ ё талабот бо имкониятҳо, захира ё шароитҳои мавҷуда дар тазод қарор мегиранд. Таҳлили чунин зиддиятҳо имкон медиҳад, ки нуқтаҳои рушд ва самтҳои ислоҳот муайян карда шаванд.

**Стратегияи миллии рушди маориф (СМРМ)** –ҳуҷҷати меъёрие, ки дар он ҳадаф, афзалият ва қадамҳои беҳсозии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 муайян карда шудаанд.

**Чаҳорчӯбаи миллии рушди тахсилот** — ҳуҷҷатест, ки барои беҳтар кардани **муҳити таълиму** омӯзиш дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии кишвар ва фароҳам овардани заминаи рушди устувору беҳбуди натиҷаҳои таҳсилот вобаста ба муҳити таълим таҳия карда шудааст. Чаҳорчӯба сохтореро муайян менамояд, ки дигаргуниро аз равишҳо дар ташкили фазо то бознигарии меъёрҳои муваффақияти хонанда, равона месозад.

**Таҳқиқоти байналмилалии муқоисавии сифати таҳсилот: PISA ва PIRLS.**

- **PISA** (Барномаи арзёбии байналмилалии хонандагон). Санҷише, ки чӣ гуна хонандагони 15-сола донишҳои худро аз фанҳои хониш, математика ва илмҳои табиӣ истифода карданро арзёбӣ мекунад.
- **PIRLS** (Таҳқиқоти рушди саводнокии хондан дар сатҳи байналмилалӣ) – барномае, ки сатҳи саводнокии хонданро дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ арзёбӣ мекунад.
- Натиҷаҳои ин таҳқиқот барои а**рзёбии самаранокии сиёсати маориф ва амалия** дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон (аз соли 2024) истифода мешаванд.

**Салоҳиятҳои калидӣ (4К+ маҳорати омӯхтан)** – ин маҳоратҳои умумиест, ки ба ҳар шахс дар асри XXI новобаста аз касбу машғулият зарур аст.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**
**Пас аз омӯзиши машғулият метавонед:**

1. Тазодҳои асосиро дар низоми таҳсилоти муосир дарк намоед.
2. Мақсад ва самтҳои ислоҳоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозишавандаро донед.



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Супориш: дар гурӯҳ*** *саволҳоро баррасӣ намуда, ҷавобашонро нависед.*

| Савол | Ҷавоб |
|---|---|
| **Саволи 1:**<br>Кадом **дигаргуниҳоро дар таҳсилот** давоми 5-10 соли охир мушоҳида кардаед? | |
| **Саволи 2:**<br>Ба андешаи шумо, кадом омилҳо бештар аз ҳама ба **татбиқи муносибатҳои нав монеа** эҷод мекунад? | |
| Иқтибос барои андеша:<br>«Ислоҳот танҳо ҳуҷҷат нест, балки роҳ аст. Ин роҳро онҳое тай мекунанд, ки ҳар рӯз ба синфхона ворид мешаванд».<br>**Саволи 3:**<br>Ҳангоми хондани иқтибоси мазкур чӣ ҳиссиёт шуморо фаро мегирад?<br>Оё ин ба таҷрибаи шумо наздик аст? | |



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 1.1-ро бодиққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 1.1 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 1.1**

### *1. Тазодҳои таҳсилоти муосир: андешаҳои омӯзгори фанни география*

Омӯзгори фанни география будан дар Тоҷикистон ин маънои ҷустуҷӯйи мунтазами тавозун байни талабот ба мухтавои фан ва имкониятҳои хонандагонро дорад. Мо кӯшиш мекунем, ки дар хонандагон тасаввуроти дуруст дар бораи ҷаҳон, тафаккури фазоӣ ва маҳорати таҳлили равандҳои табиӣ ва иҷтимоиро ташаккул диҳем. Аксар вақт бо вуҷуд доштани мушкилот, яъне маҳдуд будани дастрасӣ ба харитаҳо, дарки мавзуъҳо бидуни робита ба ҳаёти воқеӣ ва камбуди вақт барои андешаронӣ рӯ ба рӯ мешавем. Ин мушкилот барои аксарияти мо шиносанд.

#### *1. Барномаи пурмазмун (ғанӣ) ва дарки мухтаво*

Барномаи фанни география мавзуъҳои зиёдеро аз омӯзиши равандҳои геологӣ то мушкилоти глобалии инсоният дар бар мегирад. Албатта омӯзиши ҳар як мавзуъ муҳим аст, аммо барои дарки амиқ ҳамеша вақт намерасад. Бисёр вақт омӯзгорон маҷбур мешаванд, ки маводро танҳо «мухтасар» шарҳ диҳанд, на онро ҳамаҷониба омӯзанд.

Масалан, ҳангоми таҳлили минтақаҳои иқлимӣ мумкин аст танҳо бо таснифот маҳдуд шавем, аммо барои хонандагон дар ин ҳолат фаҳмо мешавад, ки чӣ гуна иқлим ба ҳаёти ҳаррӯза: нақлиёт, ғизо, зиндагӣ дар минтақаҳои гуногун ва ғ. таъсир мерасонад.

*Бе дарки амиқ ва пайвастагӣ бо воқеият география танҳо ҳамчун маҷмӯи истилоҳ ва нақшаҳо қабул мегардад, ки ин ҳавасмандии хонандагонро коҳиш дода, ба ташаккули тафаккури ҳамаҷонибаи географии онҳо халал ворид месозад.*

#### *2. Мазмун ва захираҳо*

География ҳамчун фанни таълимӣ ба маводди визуалӣ (тасвирӣ) ниёз дорад: харита, нақша, атлас ва дигар захираҳо, вале на дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ маҷмуи харита ва дигар маводди зарурӣ мавҷуданд. Аз ин рӯ, зарур аст омӯзгор роҳҳои алтернативиро ҷустуҷӯ кунад, «дар тахтаи синф» кор кунад ё маводди лозимиро танҳо тариқи шифоҳӣ шарҳ диҳад. Ҳатто агар хоҳиш барои истифодаи усулҳои муосир, масалан, кор бо харитаҳои интерактивӣ, расмҳо аз моҳвора ё маълумот дар бораи аҳолӣ бошад, ин танҳо дар ҳолати мавҷуд будани таҷҳизот ва интернет имконпазир мегардад.

*Баъзан дарсҳои география «бе харита» гузаронида мешаванд, ки ин моҳияти онро ҳамчун воситаи илмии аёнӣ ва амалӣ заиф мекунад.*

#### *3. Масофа байни муносибати инфиродӣ ва суръати ягонаи омӯзиш*

Сатҳи омодагии хонандагон дар синф метавонад тафовути зиёд дошта бошад. Баъзеҳо аллакай бо харита кор карда, диаграммаҳоро мехонанд, дар ҳоле ки як гурӯҳ хонандагон дар муайян кардани самтҳои уфуқ иштибоҳ намуда, наметавонанд пойтахти Покистон ё Молдоваро номбар кунанд.

Аммо барнома як буда, на ҳама вақт имкон медиҳад, ки суръатро суст ё муносибатро тағйир диҳем. Агар дар ҷадвали дарсӣ дарсҳо аз меъёр зиёд бошанд, душвор аст, ки дарси худро тавре ташкил намоем, ки сатҳҳои гуногунро ба назар ва ҳамзамон мухтаворо фаро гирад.

*Ин боиси нороҳатии ботинии омӯзгор мегардад: дар ӯ хоҳиши кумак ба ҳар як хонанда вуҷуд дорад, аммо шароит ин имкониятро намедиҳад.*

***4. Ислоҳот ва воқеияти муассисаи таълимӣ***

Мунтазам оид ба зарурати ташаккули салоҳиятҳои калидӣ, истифодаи муносибати лоиҳавӣ ва кор бо маълумот ҳарф мезанем. Ин муҳим ва дуруст аст. Аммо татбиқи он вақт, омодагӣ ва намунаҳои супоришҳоро талаб мекунад, ки ин дар аксар маврид мушкилиҳо дорад.

Ислоҳот ба муассисаҳои таълимӣ тавассути ҳуҷҷатҳо роҳандозӣ мегардад. Аммо ин ҳуҷҷатҳо сенарияи дарсҳо, намунаи супоришҳо ва дастгирии методӣ шуда наметавонанд. Омӯзгор маҷбур мешавад навовариҳоро мустақилона ба хонандагон, шароит ва захираҳои худ мутобиқ созад.

*Бе такягоҳи амалӣ, талаботи нав ҳамчун як бори иловагӣ қабул мешаванд, на кумак.*

***5. Дастрасӣ ба технология ва маҳорати истифодаи он***

Ҳатто дар сурати мавҷудияти технологияҳои рақамӣ аз платформаҳои онлайн то зеҳни сунъӣ на ҳамеша омӯзгорону хонандагон омодаанд онҳоро дар раванди таълим истифода баранд. Малакаҳои рақамӣ имрӯз ба яке аз ниёзҳои асосӣ табдил ёфтаанд, аммо на ҳама омӯзгорон барои аз худ кардани онҳо захира ва дастгирии кофӣ доранд.

Аксаран камбуди қарорҳои методӣ, вақт ва эътимод ба кор бо воситаҳои нав вуҷуд дорад. Хонандагон, дар навбати худ, технологияҳоро асосан барои муошират истифода мебаранд, на барои омӯзиш.

Дар ин замина тазоди дигар миёни муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки инфрасохтори рақамии рушдёфта доранд ва онҳое, ки ба интернет ва таҷҳизот дастрасии маҳдуд доранд, ба назар мерасад. Ин танҳо ба муассисаҳои таҳсилоти умумии дар деҳот воқеъбуда дахл надорад. Масалан, дар давраи пандемияи COVID-19 нобаробарии рақамӣ ҳатто дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо низ намоён шуд.

Мушкилоти иловагӣ бо воридшавии зеҳни сунъӣ (ЗС) ба маориф аз ҷойгузини кори мустақилона то масъалаи рӯбардорӣ (плагиат) ва коҳиши ангеза ба омӯзиш марбут мебошад. Ин хатарҳо ҳанӯз ҳалли ягона ва умумӣ надошта, таҳлил ва таҳияи муносибатҳои навро талаб мекунанд. То он ки технологияҳо воқеан ба захираи таълим табдил ёбанд, муҳим аст, ки воқеияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба назар гирифта шуда, омӯзгор ба раванди азхудкунии муҳити рақамӣ ҳамроҳ гардад.

### Аз саволҳо ба тағйирот: чӣ чиз тағйир меёбад ва чаро муҳим аст

Ҳангоме, ки мо оид ба номувофиқатиҳо дар таълими фанни география сухан меронем, муҳим аст, ки танҳо ба зикри мушкилот маҳдуд нашавем. Ин тазодҳо ба мо кумак мекунанд муайян намоем, ки дар кадом самтҳо аллакай тағйирот рух медиҳанд ва кадом чораҳо дар сатҳи низоми маориф андешида мешаванд.

Баъзе равандҳо маҳз ба таълими география ҳам тавассути навсозии мундариҷа ва ҳам бо васеъ кардани имкониятҳои методӣ таъсир мерасонанд.

***1. Стратегияи миллӣ: чаро ҳамаи ин анҷом дода мешавад***

Аз соли 2021 дар кишвар **Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030** амал мекунад, ки дар он зарурати гузариш аз интиқоли дониш ба рушди тафаккур, малакаҳои таҳлилнамоӣ, ҳамкорӣ ва фаъолияти таҳқиқотӣ таъкид мешавад.

Барои фанни география ин маънои онро дорад, ки таъкид на танҳо ба дониш дар бораи ҷаҳон, балки ба малакаи дидани робитаҳо, муқоисаи минтақаҳо, фаҳмидани равандҳои глобалӣ ва хусусиятҳои маҳаллӣ равона мегардад.

*География аз зумраи фанҳое мебошад, ки дар он муносибати босалоҳият метавонад тавассути супориш аз харита таҳлили диаграммаҳо ва кор бо манбаъҳои маълумот бо муваффақият амалӣ карда шавад.*

### ***2. Чаҳорчубаи миллӣ: аз ҳадаф то шароит***

**Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот, ки** ҳамчун ҳуҷҷати байнисоҳавӣ соли 2025 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, инҳоро дар бар мегирад:

- **муҳити устувор ва фарогири (инклюзиви)-и таълим** на танҳо бо таҷҳизоти техникӣ таъмин будан, балки бехатарии равонӣ, ҳавасмандкунанда ва дастгирикунанда будани он фаҳмида мешавад;
- самтҳо барои **инфрасохтори физикии муосири муассисаи таълимӣ** — таҷҳизот, фазо, дастрасӣ ба захираҳо;
- принсипҳои **дастгирии касбии омӯзгор** — методӣ, роҳнамоӣ ва маънавӣ;
- муносибати нав ба **арзёбӣ** на танҳо ба натиҷаи ниҳоӣ, балки ба **равандҳои тафаккур,** муҳокима ва ҳамкорӣ.

*Ин дигаргуниҳо яку якбора амалӣ намешаванд. Вале Чаҳорчӯба фаҳмиши системавии онро муайян мекунад, ки дар шароити Тоҷикистон имконият ва вазифаҳои* ***муассисаи таълимии муосир*** *бояд чӣ гуна бошад.*

### ***3. Чӣ дигаргуниҳо ба амал омаданд***

Саволи матраҳ он нест, ки чӣ ба нақша гирифта мешавад. Муҳим он аст, **ки чӣ чиз аллакай қисми фаъолияти ҳаррӯзаи муассисаи таълимӣ гаштааст.**



**Муассисаҳои таълимии нав.** Дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимии нав бунёд мешаванд, биноҳои иловагӣ кушода шуда, базаи моддӣ-техникӣ навсозӣ мегардад. Дар муассисаҳои таълимӣ воситаҳои рақамӣ: проекторҳо, тахтаҳои мултимедӣ бештар шуда истодаанд. Ин имконияти кор бо маълумотҳои географӣ, суратҳо аз моҳвора ва маълумоти воқеии омориро васеъ мекунад.



Ҳамзамон, биноҳои нав бо дарназардошти принсипҳои фарогирӣ тарҳрезӣ шуда, пандусу лифтҳо насб мегарданд ва шароити таълим барои кӯдакони дорои ниёзҳои гуногун, аз ҷумла нуқсонҳои шунавоӣ, биноӣ ва ҳаракат, фароҳам карда мешавад.

Ин гузариши тадриҷӣ аз равиши расмӣ ба ташкили воқеии муҳити таълимии дастрасро инъикос мекунад.

*Албатта, дастрасӣ ба захираҳо ва муҳити фарогир то ҳол яксон нест. Аммо тамоюл вуҷуд дорад ва вақте бо дастгирӣ ба омӯзиш ҳамроҳ аст, омӯзгорон аллакай шурӯъ ба истифодаи имкониятҳои нав мекунанд.*

Китобҳои дарсӣ навсозӣ мегарданд, дар онҳо супоришҳои кушода: таҳлили харита, муқоисаи минтақаҳо, муҳокимаи оқибатҳои ҳодисаҳои табиӣ пайдо мешаванд.

Амали ҳамгироии география бо дигар фанҳо (экология, иқтисод, таърих) оғоз мегардад, ки ба принсипи алоқаҳои байнифаннӣ мувофиқат мекунад.

*Ин қадамҳо ҳанӯз ҳамаҷониба татбиқ нашудаанд. Вале онҳо заминаи устувореро барои таълими фанни география пурмазмун ва ба ҳаёти воқеӣ наздиктар гардадан, имкон фароҳам меоранд.*

### *4. Салоҳиятҳо на танҳо дар маводи методӣ мавҷуданд*

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон модели салоҳиятҳои калидиро тасдиқ намудааст, ки чунин мебошанд:

1. *Коммуникативӣ (иртиботӣ)*
2. *Ҳамкорӣ*
3. *Тафаккури интиқодӣ*
4. *Эҷодкорӣ*
5. *Маҳорати омӯхтан*

Дар ин барнома ба салоҳиятҳои калидӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, ки барои ихтисор мо онҳоро бо салоҳиятҳои калидӣ **(4К+)** ишора хоҳем кард.

Салоҳиятҳои калидӣ бештар дар маводи таълимӣ ва пешниҳоди супоришҳо инъикос мегардад. Масалан, дар китобҳои дарсӣ дар чунин шакл дида мешаванд:

- саволҳои кушода, ки таҳлил ва далелҳоро талаб мекунанд;
- супоришҳо барои кори гурӯҳӣ ва муҳокима;
- унсурҳои худбаҳодиҳӣ ва рефлексия.

*Ҳарчанд ин дар миқёси васеъ татбиқ нашуда бошад ҳам, самт муайян шудааст ва омӯзгорон тадриҷан шаклҳои навро меомӯзанд.*

### *5. Таҳқиқоти байналмилалӣ: нигоҳ аз ҷониби дигар*

Тоҷикистон аз соли 2024 дар **таҳқиқоти PISA** ва **PIRLS** — лоиҳаҳои байналмилалие, ки на «дониши фаннӣ», балки **малакаи истифодаи донишро дар ҳолатҳои воқеӣ** арзёбӣ мекунанд иштирок мекунад.

*Ин таҳқиқот на ҳамчун шакли ҳисобдиҳӣ, балки ҳамчун робитаи мутақобилаи муҳим аст, то муайян кунем, ки дар низом чӣ чиз кор мекунад ва чӣ ба бознигарӣ ниёз дорад.*

### *6. Рақамикунонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ*

Мувофиқи Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ платформаҳои нави рақамӣ ба таври фаъол истифода мешаванд. Хизматрасонии eDonish — дафтари электронӣ ва журнал барои бисёре аз омӯзгорон ва хонандагон аллакай шинос аст. Он барои ба ҳисобгирии ҳузурӣ, ташкили ҷадвали дарсҳо ва муоширaт бо падару модарон мусоидат мекунад.

Тадриҷан доираи васеи дигар захираҳо низ пайдо шудаистодааст, ки таълим ва дастрасӣ ба маводди таълимиро дастгирӣ мекунанд.

**Ҷадвали 1. Захираҳои рақамии дастрас барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Тоҷикистон**

| Ном | Тавсиф ва мақсад |
|---|---|
| **Maktab Mobile** *maktabmobile.tj* | Портали миллии таълими фосилавӣ (онлайн/офлайн). Машқҳо, наворҳои таълимӣ, кабинети шахсӣ, омӯзиш бо суръати инфиродӣ. Муфид барои хонандагони синфҳои миёна ва болоӣ. |
| **Marifat.tj** | Китобхонаи электронӣ, дастур ва наворҳои таълимӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. Барои дарсҳо, лоиҳа ва мутолиаи иловагӣ муфид. |
| **Twinkl — Tajikistan** *https://www.twinkl.com/* | Варақаҳои кории тайёр, рӯнамо ва супоришҳо, мутобиқ ба барномаи таълимии Тоҷикистон. Барои банақшагирии дарс ва машқҳои мустақилонаи хонандагон муфид. |
| **Digital Learning Platform (Schools 2030)** *https://schools2030.org* | Платформаи рақамӣ бо дарс, навор ва маводи методӣ барои хонандагони синни 6–17 сола. Дастгирии омӯзгорон ва мубодилаи таҷрибаҳои муваффақ. |

| | |
|---|---|
| **Tomaktabi (Сандуқчаи Зулбиё)** *https://tomaktabi.tj/* | Китобхонаи рақамӣ ва мухтавои мултимедӣ барои кӯдакони синни 3–6 сола: китобҳо, бозиҳо, супоришҳои интерактивӣ. |
| **W-Library** (муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе) | Китобхонаи электронӣ бо >5000 китоб, дастрас дар компютерҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе. Фаъол будан, танҳо дар дохили шабакаи мактабӣ. |

Аз рӯйи натиҷаҳо метавон **ислоҳотро мушаххас,** мундариҷаи барнома, муносибат ба супоришҳои таълимӣ ва шакли арзёбиро дақиқтар кард.

**Ин барои омӯзгор чӣ аҳамият дорад?**

Ҳамаи ин омилҳо: стратегия, чаҳорчӯба, муассисаҳои таълимии типпи нав, салоҳиятҳои калидӣ, рақамикунонии муассисаҳои таълимӣ, иштирок дар таҳқиқот самтҳои ислоҳот мебошанд. Ислоҳот на як ҳалли анҷомёфта, балки як раванд аст, ки дар он **омӯзгор нақши калидӣ мебозад**. Амалигардонии он ҳамеша тавассути қарорҳо, таҷриба ва интихобҳои омӯзгор дар дарс сурат мегирад.

*Аз ин рӯ муҳим аст, ки омӯзгор фишорро эҳсос накунад, балки **роҳнамоии возеҳ эҳсос намуда, дастгирӣ ёбад**.*

**Муҳимтар аз ҳама, ҳаракат аллакай оғоз шудаст**

Бале, тағйирот ҳамеша босуръат ва яксон пеш намеравад. Дар муассисаҳои таълимӣ ҳанӯз мушкилот ва маҳдудиятҳо мавҷуданд. Вале муҳим аст, бинем, ки тағйирот қадам ба қадам тавассути равандҳои воқеӣ ҳамчун қисми амалия дар ҳолати амалӣ шудан қарор дорад.

Агар ягон раванди **фаъолияткунандаро** мубодила ва ба шароити худу синфи мушаххас мутобиқ созем, пас мо аллакай дар ислоҳот на танҳо ҳамчун иҷрокунанда, балки чун иштирокчиёни воқеии дар доираи тағйирот андешамандона коркунанда ширкат дорем.

**ЗАМИМАИ 1.**

## Варақаи иттилоотӣ

**Чаро маҳз салоҳиятҳои калидӣ (4К+) интихоби муносиб ва амалӣ аст?**

*Модели (**4К+**) — тафаккури интиқодӣ (таҳлилӣ), эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ ва маҳорати рмӯхтан* имрӯзҳо аз заминаҳои асосии рушди салоҳиятҳои асри XXI эътироф шудааст. Маҳз аз ҳамин сабаб торафт муҳиммияти он бештар эҳсос мешавад:

1. **Эътирофи байналмилалӣ**
   Модели салоҳиятҳои калидӣ заминаи асосии барномаҳои PISA, OECD Learning Framework 2030 ва як қаторислоҳоти соҳаи маориф дар ИМА, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Финландия ва дигар мамлакатҳо шудааст.

2. **Соддагӣ ва универсалӣ**
   Бар хилофи рӯйхати бештари салоҳиятҳо (то 10–20 банд) модели салоҳиятҳои калидӣ мукаммал аст, ки малакаҳои маърифатӣ ва иҷтимоиро фаро гирифта, онро фаҳмо, амалӣ ва устувор мегардонад.

3. **Ҳамгироӣ бо фанҳои таълимӣ**
   Ҳар яке аз салоҳиятҳои калидӣ метавонад **дар тамоми фанҳои таълимӣ** аз адабиёт ва таърих то математика ва физика рушд ёбад. Муҳим аст, ки на «дарси махсус оид ба салоҳиятҳо», *балки худи раванди таълим бо рушди малакаҳо муттаҳид карда шавад.*

4. **Посух ба талаботи ҷаҳони муосир**
   Салоҳиятҳои калидӣ аз ҷониби корфармоён ҳамчун салоҳиятҳои универсалӣ ва асосӣ эътироф шудаанд. Онҳо аз касб вобаста набуда, барои ҳаёт дар шароити зудтағйирёбанда ва мушкилоти нав муҳим мебошанд.

5. **Мутобиқат бо моделҳои дигар**
   Модели салоҳиятҳои калидӣ дигар на танҳо муносибатҳоро истисно намекунад, балки бо малакаҳои байнифаннӣ, рақамӣ ва ғайра мутобиқ шуда, ба заминае табдил меёбад, ки самтҳои дигар ба осонӣ метавонанд ба он ҳамроҳ шаванд.

**Хулоса**

Интихоби салоҳиятҳои калидӣ **содасозии раванд нест, балки таваҷҷуҳ кардан ба стратегияи мушаххас аст.** Ин на ҳадафи ниҳоӣ, балки ҳамчун ибтидои роҳ, заминаест, ки ба он метавон малакаҳои мураккабтар ва тағйирпазириро илова кард: саводи рақамӣ, шаҳрвандии фаъол, тафаккури экологӣ, малакаҳои соҳибкорӣ ва ғайра.

**Салоҳиятҳои калидӣ пояи устувори таҳсилоти оянда аст**, ки дар асоси он низоми ба тағйирот мутобиқшавандаро сохтан мумкин аст.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Таълими муосири география аз омӯзгор на танҳо дониши фаннӣ, балки қобилияти дар шароити тазодҳо амал карданро низ талаб мекунанд, аз ҷумла:** барномаи пурмазмун ва имкониятҳои хонандагон, талаботи ислоҳот ва воқеияти муассиса, зарурати истифодаи маводди аёнӣ ва маҳдудияти захираҳо.
2. **Ин тазодҳо сабаби ноумедӣ нестанд, балки роҳнамо барои рушд мебошанд.** Онҳо нишон медиҳанд, ки дар куҷо бештар ниёз ба дастгирӣ, тағйирпазирӣ ва табодули таҷриба вуҷуд дорад.
3. **Муносибати босалоҳият ба таълим метавонад** на ҳамчун талаботи беруна, балки ҳамчун роҳи фаъол, сермаъно ва муфид сохтани дарс барои хонандагон гардад. Ин муносибат тағйироти хурд, вале андешамандро дар тарзи баён кардани супоришҳо, дар навъи саволҳо ва дар ташкили ҳамкорӣ талаб мекунад.
4. **Омӯзгор бояд дарк кунад, ки салоҳиятҳо дар як дарс ташаккул намеёбанд.** Онҳо тадриҷан, дар ҳар мавзуъ, ҳар навъи супориш ва шароити мусоид ташаккул меёбанд.
5. **Ислоҳот танҳо дар ҳолате самаранок мешаванд, ки худи омӯзгорон фаъолона иштирок кунанд.** Бе ҳавасмандӣ, муколама ва дастгирии маҳаллӣ, ҳар гуна тағйирот хатари танҳо дар коғаз боқӣ монданро дорад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки гуфтугӯ, мубоҳиса, таҷриба ва рушдро якҷоя пеш барем.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки ғояҳои калидӣ**

1. **Имрӯз дар бораи таълими фанни география дар шароити муосир чӣ чизи нав ё муҳимро фаҳмидед?**
   *(Чӣ чиз барои шумо ғайриинтизор, дақиқ ё баръакс боиси шубҳа шуд?)*
2. **Кадом бахши дарси имрӯза дар шумо вокуниши ботинӣ, мувофиқат ё мухолифат ба вуҷуд овард? Чаро?**
   *(Шояд ин як андеша, мисол ё мушоҳида буд?)*
3. **Кадом супориш ё навъи фаъолият бештар дар хотиратон монд? Чаро**?
   *(Кадом фаъолият ҷолиб буд? Дар кадом лаҳза шумо фаъолтар будед?)*
4. **Ба кадом мушкилот ё саволҳо оид ба мавзуъ ҳоло ҳам ҷавоб надоред**?
   *(Чиро мехоҳед муфассалтар муҳокима кунед, бештар донед ё дар дарсҳои мушаххас бинед?)*
5. **Шумо ҳамчун омӯзгор ва шахс чӣ чизро бо худ мебаред?**
   *(Баъди дарс дар бораи чӣ фикр хоҳед кард?)*

*Шакли фаъолият: баррасӣ дар ҷуфт ё гурӯҳҳои хурд*

**II. Ҷумлаҳои зеринро ба анҷом расонед:**

- *«Баъди ин дарс ман фаҳмидам, ки…» ё*
- *«Акнун ман ба … аз дигар дидгоҳ менигарам»*

*Шакли фаъолият**:** як супоришро интихоб кунед ва ба таври хаттӣ ҷавоб диҳед.*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 1.1**

*Мақсад арзёбӣ кардан нест, балки кумак ба* ***дарки мавқеи худ ва нуктаҳои ҷалбкунии*** *марбут ба ислоҳот ва тағйирот дар омӯзиши география мебошад.*

### Тест барои худбаҳодиҳӣ

*Муайян кунед, ки кадоме аз ин саволҳо ба шумо бештар мувофиқ аст.*

| Саволҳо | Ҳа | Не | Қисман |
|---|---|---|---|
| 1. Ман мефаҳмам, ки чӣ ҳадафҳо паси ислоҳоти ҷории таҳсилот қарор доранд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Ман мебинам, ки ислоҳот бо таълими география дар муассисаи мо чӣ гуна алоқаманд аст. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Барои ман намунаҳо басандаанд, ки муносибати босалоҳиятро дар дарсҳои география татбиқ намоям. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Ман муҳити мусоид дорам то дар он имконияти душвориҳоро муҳокима ва табодули таҷриба кунам (ҳамкорон, иттиҳодияи методӣ ва ғ.). | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Ман бо тазодҳо байни барнома ва сатҳи омодагии хонандагон рӯ ба рӯ мешавам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Супоришҳоро барои синф, имкониятҳо ва шароити мушаххас мутобиқ месозам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 7. Метавонам намунаи супоришҳоеро пешниҳод кунам, ки дар рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 8. Медонам, ки кадом захираҳои рақамӣ барои омӯзгорон дастрасанд ва метавонам онҳоро дар раванди таълим истифода барам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 9. Воситаҳои зеҳни сунъиро барои омодасозии маводди таълимӣ, супориш ё тестҳо истифода кардаам | | | |
| 8. Эҳсос мекунам, ки назари ман ҳамчун омӯзгор дар муҳокима намудани тағйирот муҳим аст. | ☐ | ☐ | ☐ |

*Ҷавобҳои худро бо ҳамкорон муҳокима кунед. Чӣ мувофиқат мекунад? Дар куҷо ихтилоф вуҷуд дорад? Чиро мехоҳед ба таври дигар анҷом диҳед?*

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**

**1. Дарёфти роҳҳои бартараф намудани тазодҳо бо такя ба таҷрибаи воқеӣ**

### КОРИ АМАЛӢ: ИХТИЛОФ – НУҚТАИ РУШД

***Мақсад:*** *дарк кардани тазодҳо дар амалия ва оғози ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал ва имкониятҳои рушд.*

| **1. Мундарича ва барнома** | |
|---|---|
| **Тазод** | **Чӣ бояд кард? Чӣ гуна метавон тазодро ҳал кард?** |
| 1. Ҳаҷми зиёди мавзуъҳо ва мафҳумҳо, вале барои дарки он вақти кофӣ нест | |
| 2. Мазмуни барнома якранг аст, аммо хонандагон гуногунанд | |
| 3. Баъзе мавзуъҳо аз ҳаёти воқеии хонандагон дуранд. | |
| **2. Методика ва шакли дарс** | |
| 1.Истифодаи методҳои нав талаб мешавад, аммо барои таҳияи супоришҳо вақт намерасад. | |
| 2. Хоҳиши кор бо харита ва воситаҳои аёнӣ хеле зиёд аст, лекин мавод намерасад | |
| 3. Хонандагон намефаҳманд, ки омӯзиши фанни география барои чӣ ба онҳо лозим аст | |
| **3. Идоракунии синф** | |
| 1.Шумораи хонандагон дар синф зиёд буда, ташкили баҳс ё кори гурӯҳӣ душвор аст | |
| 2. Баъзе хонандагон фаъол нестанд, шавқи хондан надоранд. | |
| 3. Назорати расмӣ тартиботро нигоҳ медорад, вале шавқро зиёд намекунад | |

## МАВЗУИ 2

# Муносибати босалоҳият дар таълим: дарси география ва нақши омӯзгор чӣ гуна тағйир меёбанд

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Муносибати босалоҳият дар таълим: моҳият ва фарқияти муносибати босалоҳият дар таълим аз таълими анъанавӣ.
- Тағйирёбии мақсад ва вазифаҳои дарси география дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим.
- Супориши кушода: чӣ гуна ин навъи супориш малакаҳои фикрронӣ, таҳлил ва асосноккунии ақидаро рушд медиҳад.

**Чиро бояд тавонист?**

- Таҳлили ҳадаф ва мухтавои дарси география аз нигоҳи муносибати босалоҳият дар таълим.
- Фарқ карда тавонистани супоришҳое, ки иҷрои онҳо ба татбиқи амалӣ равона шудаанд.
- Таҳрезии вазъиятҳои таълимӣ.
- Ташкили муҳити ҳамкорӣ ва робитаи мутақобила.

**Саволҳои барои баррасӣ.**

- Тафовутҳои асосии дарси география, ки дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим тарҳрезӣ шудааст, аз дарси анъанавӣ дар чист?
- Ифодаи «омӯзгор - ташкилдиҳандаи муҳити таълим» дар таълими фанни география чӣ маъно дорад?
- Кадом супоришҳо дар дарсҳои шумо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки ташаббус, тафаккури интиқодӣ ва ҳамкориро нишон диҳанд?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Чӣ будани муносибати босалоҳият дар таълимро фаҳмида, зарурати татбиқи онро **дарк намоед.**
2. Чӣ гуна тағйир ёфтани нақши омӯзгорро шарҳ диҳед.
3. Супоришҳои кушода ва ба рушди салоҳият нигаронидашударо **таҳия кунед.**

# Муқаддима

«Ба тарзи нав» таълим додан чӣ маъно дорад? Мо аз дарсҳои имрӯза чӣ натиҷаҳоро интизорем? Чаро хонанда на танҳо бояд дониш дошта бошад, балки тавонад амал кунад? Ба ин ва дигар саволҳо **муносибати босалоҳият дар таълим** ҳамчун асоси мактаби муосир ҷавоб дода метавонад.

Мавзуъ аз ду машғулият иборат аст. Ҳар яки онҳо кумак мекунад, ки марҳила ба марҳила моҳияти ин муносибатро дарк ва онро дар фаъолияти худ татбиқ намоед.

Дар машғулияти якум шумо бо принсип ва мантиқи муносибати босалоҳият дар таълим шинос мешавед. Ин машғулият заминаи умумӣ ва фаҳмишро фароҳам оварда, кумак мекунад, ки ба дарс на аз мавқеи «дониши тайёрро ба хонандагон додан», балки аз мавқеи **«хонанда чӣ кор мекунад ва чиро меомӯзад»** назар кунед.

Дар машғулияти дуюм аз назария ба амал гузашта, супоришҳои анъанавиро тарзе такмил медиҳед, ки **амал, интихоб ва андешарониро** дар бар гиранд. Ба ин восита мутобиқ сохтани супоришҳои мушкили ба имкониятҳои синф мувофиқро метавонед омӯзед (дарс - ҳамеша ҷустуҷӯи мувозинат байни мушкилӣ ва дастрасӣ мебошад). Дар умум, машқ, муҳокима, табодули таҷриба воситаҳое мебошанд, ки таълимро муфид ва амалӣ мегардонанд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муносибати босалоҳият дар таълим** – модели муосири таълим мебошад, ки дар он на танҳо дониш ҳамчун ҳадаф муҳим аст, балки қобилияти татбиқи он дар амал, ҳалли вазифаҳо, баровардани хулосаҳо, фаҳмидани алоқамандии ҳодисаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ аҳамият дорад.

**Таҳсилоти фарогир** - принсипест, ки тибқи он ҳар як хонанда новобаста аз хусусият ва имкониятҳои ибтидоии худ метавонад ба раванди таълим ҷалб гардад. Омӯзгор суръат ва тарзи гуногуни дарки хонандагонро ба назар гирифта, шаклҳои корро тавре интихоб мекунад, ки барои ҳама ҷиҳати расидан ба мақсадҳои таълимӣ шароити баробар фароҳам шавад.

**Вазъияти таълимӣ** — фаъолияти махсусест, ки аз ҷониби омӯзгор ташкил карда шуда, дар он хонанда бо савол ё мушкилоти географӣ рӯ ба рӯ мешавад. Ин метавонад таҳлили харита, муҳокимаи мавзуи рӯзмарра (масалан, тағйирёбии иқлим), иҷрои лоиҳа, ҳалли кейс ё кор бо маълумоти рақамӣ бошад. Чунин вазъият хонандаро ба мушоҳида, мулоҳиза ва истифодаи донишҳо дар заминаи муайян водор мекунад.

**Тафаккури географӣ** — қобилияти мушоҳида кардани робитаҳои сабабу натиҷаи равандҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, фаҳмидани таъсири мутақобилаи инсон ва табиат, таҳлили харитаҳо, маълумот, графикҳо, инчунин пешгӯӣ ва хулосабарорӣ кардан мебошад.

**Фасилитатор** — омӯзгорест, ки на танҳо маълумотро мерасонад, балки шароити заруриро барои таҳлили мустақилона, гузоштани саволҳо, ҷустуҷӯи ҳалҳо ва муҳокима фароҳам меорад. Ӯ ба хонанда кумак мекунад, ки мушоҳида, андеша ва таҷриба кунад.

**Саволи навъи кушода** — саволи таълимиест, ки ҷавоби ягона надорад. Хонандагон метавонанд қарорҳои гуногун пешниҳод карда, далелҳои худро бо такя ба дониш ва маълумот шарҳ диҳанд. Масалан: «Кадом ҷой барои сохтани шаҳри нав бехтар аст ва чаро?».

**Манбаи маълумотҳои географӣ** — харита, диаграммаи иқлимӣ, акс аз моҳвора, инфографика, маълумоти оморӣ, мушоҳида ё матне, ки маълумоти муҳим, падида ва равандҳои географиро дар бар мегирад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Чӣ будани муносибати босалоҳият дар таълимро фаҳмида, зарурати татбиқи онро **дарк намоед**
2. Чӣ гуна тағйир ёфтани нақши омӯзгорро шарҳ диҳед.



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Супориш:*** ***дар гурӯҳ*** *саволҳоро муҳокима карда, аз таҷрибаи худ мисолҳо оред.*

| Савол | Мисолҳо аз таҷриба |
|---|---|
| **Саволи 1:** Кадом усулҳоро истифода мебаред, то хонандагон на танҳо мавзуъро нақл, балки **фикр карда, андешаҳои худро баён кунанд**? | |
| **Саволи 2:** Дар кадом намуди супоришҳои дарсҳои шумо **хонандагон бо сарчашмаҳои географӣ** ё масъалаҳои баҳснок кор мекунанд? | |
| **Саволи 3:** Шумо одатан аз куҷо медонед, ки хонанда на танҳо далелҳоро аз ёд, балки **воқеан мавзуъро дарк** кардааст? | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттиллоотии 1.2-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 1.2 арзёбӣ кунед.**

**Варақаи иттиллоотии 1.2**

### *1. Моҳияти муносибати босалоҳият дар таълим*

Ҷаҳон тағйир меёбад. Хонанда ва муассисаи таълимӣ низ тағйир меёбанд. География низ ҳамчун фанни таълимӣ аз нав таҷдиди назарро мехоҳад. Агар пештар омӯхтани номи дарёю пойтахтҳо, дар хотир нигоҳ доштани минтақаҳои иқлимӣ ва захираҳои табиӣ кофӣ мебуд, ҳоло муҳим аст, ки робитаҳои байни табиат ва инсон дарк шуда, қобилияти таҳлили маълумоти географӣ, хондани харита, хулосагирӣ ва пешгӯйи карда шавад. Ҳамаи ин моҳияти муносибати босалоҳият дар таълимро таҷассум мекунад.

Муносибати босалоҳият ин на танҳо истилоҳи наву мӯд шуда аст. Ин самти муосири педагогӣ мебошад, ки дар он на танҳо азбар кардани омилҳо балки қобилияти истифода бурдани донишҳо дар ҳаёт муҳим аст.

*Мухтасар:*

- **дониш** — ҳадаф нест, балки **восита** аст;
- **хонанда** — на қабулкунандаи иттилоот, балки **иштирокчии фаъоли раванд** мебошад;
- **дарс** — на расонандаи мавод, балки **ташкили фаъолияти ба дарк ва татбиқи донишҳо равонашуда аст**.

Идеяи асосӣ: хонанда на танҳо бояд **донад**, балки **тавонад амал** кунад.

*Масалан:*

- ✓ на танҳо номи дарёҳои бузурги Тоҷикистонро омӯхтан, балки шарҳ дода тавонистан, ки чаро дарёҳо бештар аз кӯҳҳо сарчашма мегиранд ва чӣ гуна ин ба кишоварзӣ таъсир мерасонад;
- ✓ на танҳо захираҳои табиии кишварро номбар кардан, балки таҳлил карда тавонистан, ки истихроҷи канданиҳои фоиданок чӣ гуна ба иқтисод ва муҳити зист таъсир мерасонад;
- ✓ на танҳо минтақаҳои иқлимиро дар хотир нигоҳ доштан, балки фаҳмонидан, ки чаро дар баъзе минтақаҳо боришот кам ва дар дигар минтақа зиёд аст - ин бо релеф ва бодҳо чӣ алоқамандӣ дорад.

Ҳамеша савол пайдо мешавад: ин дар амал чӣ гуна метавонад бошад? Чӣ тавр ба хонанда расонидани маводро мушаххас тағйир додан мумкин аст, то ки хонанда на танҳо «донад», балки «анҷом диҳад»?

Инро дар намунаи **як мавзуъ, аммо дар ду шакли муносибат** баррасӣ мекунем.

**Мисоли 1. Географияи Тоҷикистон**

***Мавзуъ:*** *Иқлими Тоҷикистон (синфи 8)*

| Муносибати анъанавӣ | Муносибати босалоҳият |
|---|---|
| Минтақаҳои иқлимии Тоҷикистонро гӯед. Хусусиятҳои онҳоро номбар кунед. | Тасаввур кунед, ки шумо метеорологед. Пешгӯии кӯтоҳ оид ба обу ҳаво омода кунед, шарҳ диҳед, ки чаро дар маҳалли интихобшуда бориш ё гармӣ имконпазир аст. |
| **Натиҷа:** донистани омилҳо, минтақаҳо, истилоҳот. | **Натиҷа:** дарки қонуниятҳо, маҳорати татбиқи донишҳо дар заминаи воқеӣ. |

Чунин тағйирот дар ташкили фаъолияти таълимӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки на танҳо иттилоотро такрор кунад, балки онро осон фаҳмида ба таври амалӣ истифода барад. Аз ҷумла, дар ҳаёти ҳаррӯза: ҳангоми интихоби сайрхат, арзёбии хатарҳои табиӣ, фаҳмидани хабарҳо ва тағйирёбии глобалӣ.

### 2. *Ҳадафҳои таълими география ва нақши омӯзгори муосир*

Муносибати босалоҳият дар таълим моҳияти мақсади дарсро дигаргун мекунад. Акнун - ҳадаф танҳо «нақл кардани мавзуъ» ё «додани таърифи истилоҳот» нест. Ҳадаф **рушди қобилияти тафаккури географии хонанда**, дарк кардани робитаҳои табиат ва ҷомеа, инчунин **татбиқи донишҳо дар ҳолатҳои воқеӣ** мебошад.

*Фаъолиятҳои зерин ба мақсад наздиканд:*

- малакаи таҳлили харита, нақша, матн ва омор;
- муҳокимаи сабаб ва оқибатҳои падидаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ;
- ташаккули саводнокии экологӣ ва фазоӣ;
- дарк намудани география ҳамчун илми робитаи инсон ва муҳит.

***Масалан:***

- хонанда маълумотро оид ба иқлим таҳлил намуда, оид ба намудҳои иқлим хулоса мебарорад;
- мефаҳмад, ки чаро дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон фаромадани ярч ва дар дигар минтақаҳо хушксолӣ бештар аст;
- маълумотро дар бораи демография ва сатҳи урбанизатсия муқоиса карда, мушкилотро муайян ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли онро пешниҳод мекунад;
- дар муҳокимаи мавзуъ иштирок намуда, нуктаи назари худро бо далелҳо исбот менамояд (Дар Тоҷикистон кӯҳҳо дар ҳаёти одамон чӣ нақш доранд?).

Барои он, ки хонада воқеан тафаккури географӣ дошта бошад, **танҳо ивази супоришҳо кофӣ нест, зарур аст мантиқи дарс аз нав карда шавад**. Ин бе тағйирот дар кори худи омӯзгор ғайриимкон аст. Маҳз омӯзгор услуб ва шакли ҳамкории таълимиро муайян намуда, афзалиятҳоро таъйин менамояд ва ба хонанда дарки маънии мавзуъро мефаҳмонад. Таҳсилоти фарогир ба як ҷузъи муҳими муҳити таълим табдил меёбад. Дарс наметавонад танҳо барои «хонандаи миёна» тарҳрезӣ шавад. Дар синф хонандагон гуногунанд: баъзе кӯдакон маводро зудтар мефаҳманд, дигарон ба вақти бештар ниёз доранд; бархе бо матни китоб қаноат мекунанд, вале дигарон тавассути муҳокимаи шифоҳӣ беҳтар мефаҳманд. Вазифаи омӯзгор таҳияи супоришест, ки барои ҳар як хонанда имкони воридшавӣ дошта бошад. Ин эътирофи гуногуншаклии хонандагон ва истифодаи он ҳамчун захира аст. Вақте ки ҳар як хонанда имкони иштирокро мебинад, сатҳи ҷалбшавӣ ва эътимод дар он меафзояд. Муносибати босалоҳият дар таълим нақши нави омӯзгорро на ҳамчун интиқолдиҳандаи маълумот, балки ҳамчун **ташкилкунандаи вазъиятҳои таълимӣ**, ки дар он хонанда мушоҳида, мулоҳиза ва муҳокима намуда, хулоса мебарорад, дигар мекунад.

*Ин дар амал чӣ гуна аст?*

- Омӯзгор ҷавобҳои тайёр намедиҳад, **балки саволгузорӣ карданро меомӯзад**: «Чаро дар ин минтақа заминҷунбиҳо зуд-зуд рух медиҳанд?».
- Дарсро тавре ташкил мекунад, ки хонанда на танҳо бо матн, балки **бо харита, ҷадвал, графикҳо кор кунад**.
- Супоришҳоеро интихоб мекунад, ки дар онҳо **муқоиса, фаҳмондан ва пешгӯйӣ** кардан лозим аст.
- Муҳитеро эҷод мекунад, ки дар он хонанда метавонад **санҷишу баррасӣ ва ғалат карда, аз он сабақ омӯзад.**

Ҳамин тавр, на танҳо дониш, балки тафаккури географӣ, огоҳии экологӣ ва шаҳрвандӣ низ ташаккул меёбанд.

Бо пайравӣ аз анъанаи нек, биёед дар мисоли як мавзуъ дида бароем, ки **муносибати босалоҳият чӣ гуна метавонад дар амал татбиқ карда шавад**. Ин мусоидат менамояд, ки бинем на танҳо мазмуни супоришҳо, балки мантиқи худи равандҳои таълим низ тағйир меёбад. Муҳим он аст, ки мавзуъ метавонад тавассути вазъиятҳои гуногуни таълимӣ ки ҳар яки онҳо ба тарзи худ хонандаро ба кор бо мавод ҷалб мекунанд, омӯзонида шавад.

**Мисоли 2. Географияи Тоҷикистон**

***Мавзуъ:*** *Захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон (синфи 8)*

| Мавзуъ | Вазифа / вазъияти таълимӣ | Амали хонандагон? |
|---|---|---|
| Захираҳои обии Тоҷикистон | **Таҳлили харита ва маводи оморӣ**: «Захираҳои обӣ дар куҷо ҷамъ шудаанд?» | Бо харитаҳои табиӣ ва мавзуӣ кор карда, дарё ва обанборҳои асосиро муайян, ҳаҷм ва истифодаи онҳоро таҳлил мекунанд. |
| Захираҳои обии Тоҷикистон | **Дар нақш бозидан:** «Шуро оид ба идоракунии захираҳои обӣ» | Ба гурӯҳҳо (сокинон, деҳқонон, экологҳо, мақомот) муттаҳид шуда, масъалаи таъмини обро муҳокима ва роҳҳои мувофиқ пешниҳод мекунанд. |
| Захираҳои обии Тоҷикистон | **Лоиҳаи хурд:** «Об дар деҳа / шаҳри мо» | Дар минтақаи худ дастрасӣ ба оби тозаро таҳқиқ мекунанд, пурсишҳо гузаронида роҳҳои ҳаллро пешниҳод ва рӯнамо омода мекунанд. |

Ин супоришҳо асоси илмиро ҳифз карда, мазмунро ба ҳаёт наздиктар мекунанд. Хонандагон на танҳо ёд мегиранд, балки ба **таҳлил, муқоиса ва пешниҳод кардани андешаҳои худ оғоз менамоянд.** Аз он ки онҳо бо **харита, рақам ва ақидаҳо** кор ва вазъиятҳои воқеии экологиро муҳокима мекунанд, таҷрибае меомӯзанд, ки барои дарки ҷаҳони муосир муҳим аст.

Ҳангоме, ки омӯзгорон бо чунин мисолҳо шинос мешаванд, саволҳои амалӣ ногузир ба вуҷуд меоянд:

— Барои ин гуна супоришҳо аз куҷо мавод гирифтан мумкин аст?
— Ҳамаи инро чӣ гуна метавон дар як дарс ҷой намуд?
— Оё якбора истифодаи ҳамаи вазъиятҳои таълимӣ ҳатмист?

Ин ва дигар саволҳо комилан табииanд. Ва дар ин ҷо ҷавоби ягона вуҷуд дошта наметавонад. Курси мо дорухати тайёр нест, балки бештар ҳамчун харита бо роҳҳои эҳтимолӣ хидмат мекунад. Ҳадаф нишон додани самт ва принсипҳое мебошад, ки ҳангоми андухтани таҷрибаи худ метавон ба онҳо такя кард.

Муҳим аст ёдовар шуд, ки ҳар як супориш бояд барои синфи муайян вобаста ба сатҳ, манфиат ва захираҳои дастрас мутобиқ карда шавад. Табиист, ки ҳама чиз якбора амалӣ намешавад. Масалан, барои супориши таҳлили харита ва омор маълумоти ҳозира ва маводи визуалӣ (аёнӣ), барои нақшбозӣ вақт барои омодагӣ ва тақсимоти мушаххаси нақшҳо ва барои лоиҳаи хурд такя ба контексти маҳаллӣ ва муносибати эҷодкорона зарур аст.

Дуюм, китоби дарсии география танҳо нуқтаи ибтидоӣ аст. Барои ташкил кардани корҳои таҳқиқотӣ ё лоиҳавӣ аксар вақт бояд аз он берун баромада аз акс, видео, мақолаҳои хабарӣ, омори минтақа ва ғ. истифода кард.

Сеюм, ҳамеша интихоб вуҷуд дорад. Як омӯзгор метавонад ҳамаи се вазъияти таълимиро амалӣ карда, онҳоро ба ду дарс тақсим кунад. Дигар омӯзгор ба мавзуи муҳимтарин, масалан, нақшбозӣ оид ба тақсими об байни бахшҳо, диққат диҳад. Ҳар ду

раванд дурустанд, агар ба хонанда кумак кунанд, ки мавзуъро дарк намуда, донишҳоро татбиқ ва ҳисси шахсии худро дар ҷалби фаъолият пайдо кунад.

Ва ниҳоят маҳдудияти вақт аст. Маҳз барои ҳамин қисми омодагӣ метавонад берун аз дарс гузаронида шавад: хонандагон метавонанд дар хона маводро омӯзанд, далелҳо фикр карда, тасвирҳои визуалиро пайдо кунанд ё пурсиш гузаронанд. Ин шакли кор мустақилият, масъулият ва таваҷҷуҳ ба фанро ташаккул медиҳад.

Ҳамин тавр, супориш дар мавзуи «Захираҳои обии Тоҷикистон» на танҳо як тамрин аст, балки воситаи сохтани пул байни географияи мактабӣ ва ҳаёти воқеӣ мебошад.

*Моҳиятан, ҳамаи гуфтаҳои боло ифодакунандаи касбияти омӯзгор мебошад: қобилияти интихоб кардан, мутобиқ сохтан ва эҷоди муҳите, ки дар он хонанда ба андеша кардан оғоз мекунад.*

Агар ҳадаф қадам ба қадам муносибатҳои навро ҷорӣ кардан, сохтори дарсро аз нав баррасӣ намуда, супоришҳоро барои мавзуъҳои гуногун мутобиқ гардонидан бошанд, тадриҷан дар амалияи педагогӣ тағйироти воқеӣ ба вуҷуд меоянд. Ин тағйирот на ҳамеша фавран равшан хоҳанд шуд, аммо бо мурури замон унсурҳои калидӣ ба монандӣ ҳадаф, шакли супоришҳо, нақши омӯзгор, мавқеи хонанда дар дарс тағйир меёбанд. Барои он ки чунин тағйирот тасодуфӣ набуда, мақсаднок бошад, муҳим аст, ки самтҳои мушаххас дошта бошем. Дар зер ҷадвале оварда шудааст, ки дар он гузариш аз тарзи анъанавӣ ба муносибати босалоҳият дар таълим дида мешавад.

**Гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим**

| Буд | Чунин шуд |
|---|---|
| Омӯзгор маълумот медиҳад | Омӯзгор фаъолиятҳои таълимиро тарҳрезӣ мекунад. |
| Хонанда шунаванда аст | Хонанда иштирокчӣ, таҳқиқгар аст. |
| Супориш барои нақл ё такрор аст. | Супориш барои таҳлил, муқоиса, ҳалли масъалаҳо мебошад. |
| Ҳадаф — дар хотир доштан ва нақл кардан | Ҳадаф - дарк кардан, татбиқ намудан, алоқамандиро муайян кардан аст. |
| Кор «барои баҳо» | Кор «барои натиҷа» ва дарку маърифат |

Метавон ҳамаи инро як методикаи нави таълим номид? Албата не. Ин бештар тағйири мантиқи дарс ба монанди на танҳо додани дониш, балки омӯзонидани истифодабарии он аст. Мо аз мазмуни китобҳои дарсӣ рӯ намегардонем, онро барои хонанда амалӣ ва муҳим месозем. География на танҳо маҷмӯи мавзуъҳо, балки фазое барои андеша, муқоиса ва ҷустуҷӯйи ҷавобҳо мегардад.

**Хулоса**

Муносибати босалоҳият дар таълим роҳи ягонаро пешниҳод намекунад. Он самтҳоро муайян мекунад, ки дар доираи онҳо омӯзгор таҷрибаи шахсии худро месозад. Дар ин раванд, дониш ҳамчун асос боқӣ мемонад ва дарс ба фазое табдил меёбад, ки хонанда омӯхта, онро дар амал ва баррасиҳо истифода барад.

ЗАМИМАИ 2.

## ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМӢ ЧИСТ?

**Вазъияти таълимӣ** —вазъияти махсуси аз ҷониби омӯзгор сохташуда мебошад, ки дар он хонанда бо савол, мушкилот ё масъала рӯ ба рӯ карда мешавад. Ин на танҳо супориш аст, балки фазои фаъолият, андеша, интихоб ва муҳокима мебошад. Дар марказ на мазмуни китобҳои дарсӣ, балки фаъолнокии хонанда аст.

⇒ **Вазъиятҳои таълимӣ барои чӣ лозиманд?**

Вазъиятҳои таълимӣ барои он лозим аст, ки хонанда на танҳо такрор карданро омӯзад, балки таҳлил намуда, фарзия пешниҳод кунад, ҳамзамон хулоса бароварда қарор қабул кунад. Маҳз тавассути чунин вазъиятҳо салоҳиятҳои калидии тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, қобилияти кор дар гурӯҳ ва малакаҳои коммуникативӣ рушд мекунанд.

⇒ **Чӣ тавр вазъиятҳои таълимиро эҷод кардан мумкин аст?**

Беҳтарин вазъиятҳои таълимӣ чунин буда метавонанд:

- **супоришҳои ҷолиб,** ки бо вазъи воқеӣ ё моделсозишуда алоқаманд аст;
- **усулҳои фаъол:** мубоҳиса, лоиҳа, бозиҳои нақшофарӣ, кор бо матн ва масъалаҳо;
- **натиҷаи кушода:** роҳҳо ва андешаҳои гуногуни имконпазир;
- **контекст:** хонанда дар «нақш»,«аз номи касе», «барои касе» амал мекунад.

**Намунаи 1.**

**Мавзуъ:** Захираҳои обии Тоҷикистон – синфи 8

**Супориш:** Шумо мутахассиси Вазорати ҳифзи табиат мебошед. Маълумоти таҳлилӣ оид ба вазъи ҷории захираҳои обӣ ва хавфҳои эҳтимолии экологии онҳо омода кунед.

**Хонандагон чӣ кор мекунанд:** харита ва маълумотҳои оморро таҳлил менамоянд, тавсияҳо таҳия карда, сабабҳои камбудии обро баррасӣ ва роҳҳои ҳалли масъаларо пешниҳод менамоянд.

**Намунаи 2.**

**Мавзуъ:** Урбанизатсия (шаҳришавӣ) ва муҳоҷират – синфи 9.

**Супориш:** Шумо рӯзноманигоред. Як сужа омода кунед: «Чаро ҷавонон аз деҳаҳо ба шаҳрҳо кӯч мекунанд? Ин ба минтақа чӣ таъсир мерасонад?»

**Хонандагон чӣ кор мекунанд:** ақидаҳояшонро ҷамъ мекунанд, аз манбаъҳои оморӣ истифода карда, афзалият ва камбудиҳои урбанизатсияро баррасӣ ва гузориши кӯтоҳ таҳия менамоянд.

**Намунаи 3.**

**Мавзуъ:** Иқтидори захираҳои табиии ҷаҳон – синфи 10.

**Супориш:** Тасаввур кунед, ки шумо як дастаи иқтисодшиносонед. Вазифаи шумо муайян кардани он аст, ки дар кадом минтақаҳои ҷаҳон захираҳо нобаробар тақсим шудаанд ва ин чӣ гуна низоъҳоро метавонад ба вуҷуд орад.

**Хонандагон чӣ кор мекунанд:** минтақаҳоро муқоиса ва хулоса намуда, харитаи захираҳои табиӣ ва нуқтаҳои эҳтимолии ташаннуҷ (вазъияти буҳронӣ)-ро таҳия мекунанд.

Вазъиятҳои беҳтарини таълимӣ аз рӯйи формулаи зерин сохта мешавад: **савол + нақш + ҳадаф + натиҷа.** Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки на танҳо «дониш» гиранд, балки **амал** кунанд. Вазифаи омӯзгор таҳияи қадамҳо, мавод ва дастгирӣ мебошад.

**ЗАМИМАИ 3**

## Вазифаҳои дидактикии таълими фанни география (синфҳои 7–11)

Таълими фанни география на танҳо дар асоси далел ва тавсифи ҳудудҳо, балки дар асоси низоми вазифаҳои дидактикие, ки заминаи тамоми фаъолияти омӯзгорро муайян мекунанд, сохта мешавад. Вазъиятҳои таълимӣ нишон медиҳанд, ки ин вазифаҳо дар амал чӣ гуна татбиқ мешаванд: одатан як супориш якбора ду-се вазифаи дидактикиро фаро гирифта, ҳамзамон салоҳиятҳои калидӣ тафаккури интиқодӣ, муошират ва ҳамкориро фаъол месозад. Барои дарки он ки фанни география дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар атрофи чӣ сохта мешавад ва «ядро»-и муҳтавои он чист, дар поён рӯйхати вазифаҳои асосии дидактикӣ оварда шудааст.

| Вазифа | Мақсад / тавсифи кӯтоҳ |
|---|---|
| **1. Ташаккули саводи харитасозӣ** | Малакаи хондан, шарҳ додан ва таҳияи харитаҳо; пайваст кардани падидаҳо бо ҷойгиршавии географӣ; кор бо намудҳои гуногуни харитаҳо (топографӣ, мавзуӣ, рақамӣ) |
| **2. Рушди тафаккури фазоӣ** | Қобилияти дарки робитаи байни объект ва равандҳо дар фазо: «дар куҷо ҷойгир аст?», «чаро маҳз дар он ҷо?», «оқибатҳои ҷойгиршавӣ чӣ гунаанд?» |
| **3. Таҳлили равандҳои табиӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ** | Дарки ҳамкории табиат ва ҷомеа: иқлим ва фаъолияти хоҷагидорӣ, сарватҳо ва истифодаи онҳо, муҳоҷирати аҳолӣ, урбанизатсия |
| **4. Кор бо манбаъҳои иттилооти географӣ** | Малакаи истифодаи омор, диаграммаҳо, тасвирҳои моҳвораӣ, моделҳои рақамӣ; таҳлили интиқодӣ ва муқоисаи манбаъҳои гуногун |
| **5. Ташаккули масъулияти экологӣ ва глобалӣ** | Дарки робитаи инсон ва табиат; фаҳмиши мушкилоти тағйирёбии иқлим, рушди устувор, амнияти экологӣ |
| **6. Рушди малакаҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ** | Малакаи гузоштани саволҳо, ҷамъоварии маълумот (мушоҳида, пурсиш, ченкунӣ), таҳияи гипотезаҳо ва пешниҳоди натиҷаҳо дар шаклҳои гуногун |
| **7. Пайваст кардани география бо замони муосир ва таҷрибаи шахсӣ** | Татбиқи донишҳои географӣ барои таҳлили ҳаёти ҳаррӯза: нақлиёт, ғизо, муҳоҷират, кор бо харитаҳои интернетӣ ва хидматрасониҳо |
| **8. Ташаккули тасаввури арзишии географӣ дар бораи ҷаҳон** | Тарбияи эҳтиром ба гуногуншаклии фарҳангҳо ва кишварҳо, дарки шахс ҳамчун шаҳрванди кишвари худ ва ҷаҳон |
| **9. Рушди тафаккури интиқодӣ** | Қобилияти дарки сабабҳои мураккаби падидаҳо (масалан, гуруснагӣ, муҳоҷират, офатҳои табиӣ) ва пешниҳоди роҳҳои асосноки ҳалли онҳо |

Барои ҳар як вазифаи дидактикӣ метавон усул ва шаклҳои гуногуни корро интихоб кард, пурра шарҳ додани онҳо дар як курс имконнопазир аст. Мо танҳо самтҳои асосиро тавассути вазъиятҳои таълимӣ ва машқҳои амалӣ нишон медиҳем.

Рӯйхати вазифаҳо дар шакли илова оварда шудааст, зеро он ду вазифаро иҷро мекунад: аз як тараф, он воситаи банақшагирии дарсҳо барои омӯзгор аст, аз тарафи дигар унсури пайвасткунанда, ки модулҳоро ба як низоми ягона муттаҳид мекунад. Дарси дуруст тарҳрезишуда имкон медиҳад, ки вазифа ва салоҳиятҳо ҳамгиро шуда, таълими географияро яклухт гардонад: фан дигар танҳо маҷмӯи фактҳо нест, балки ба воситаи дарки робитаи табиат, ҷомеа ва инсон табдил меёбад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муносибати босалоҳият** ин рад кардани дониш набуда, гузариш ба истифодаи амалии он мебошад.
2. **Таҳсилоти фарогир**— ин эътирофи гуногуншаклии хонандагон: қобилият, суръати азхудкунӣ ва имкониятҳои онҳо мебошад. Ин равиш шароите фароҳам меорад, ки ҳар як хонанда метавонад дар раванди таълим иштирок карда ба натиҷа ноил гардад.
3. **География —** на танҳо дар бораи харита ва мамлакатҳо, балки дар бораи қобилияти андеша кардан, дидани робитаҳо ва арзёбии оқибатҳо мебошад.
4. **Нақши омӯзгор — эҷоди шароит барои андеша, таҳқиқ ва ҳамкорӣ аст.**
5. **Вазъияти таълимӣ** – воситаи муҳимми татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим аст.
6. **Муносибати босалоҳият дар таълим дарсҳои географияро муҳим ва ҳаётӣ сохта,** муҳтаворо бо зиндагии воқеӣ пайваст мекунад**.**

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки идеяҳои асосӣ**

1. Кадом қисми дарси имрӯза барои шумо ҷолиб ё тааҷҷубовар буд? Чаро?
2. Кадоме аз супоришҳои пешниҳодшударо шумо мехоҳед дар дарси худ озмоиш кунед?
3. Кадом идея ба шумо махсусан муфид ё амалӣ ба назар мерасад?

***Шакли кор:*** *ҷавобҳои хаттӣ ё баррасӣ дар дунафараҳо/гурӯҳҳо*

**II. Худбаҳодиҳии таҷрибаи худ**

1. Чӣ тавр фаҳмиши шумо оид ба нақши омӯзгор дар шароити муносибати босалоҳият дар таълим тағйир ёфт? Чӣ барои шумо равшантар, наздиктар ё андешаи шумо нисбат ба он дигар шуд?
2. Барои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим кадом душвориҳои фанни географияро дар муассисаи худ мебинед? Чӣ қадамҳоеро метавонед акнун барои бартараф кардани онҳо гузоред?

**III. Худбаҳодиҳӣ**

1. Барои шумо чӣ фаҳмо ва муҳим гардид?
2. Ибораҳоро ба анҷом расонед:

   «Баъд аз ин дарс ман фаҳмидам, ки…» ё

   «Акнун ман ба … аз дидгоҳи дигар менигарам»

***Шакли фаъолият:*** як вазифаро интихоб карда, ба он хаттӣ ҷавоб диҳед.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧИРО ДАР ХОТИР ГИРИФТАМ, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳии 1.2

**1. Мафҳумҳоро бо шарҳашон мувофиқ гузоред**

| Мафхум | Тавсиф |
|---|---|
| **A.** Муносибати босалоҳият дар таълим | 1. Қобилияти татбиқи дониш, малака ва таҷриба барои ҳалли масъалаҳо |
| **B.** Тафаккури географӣ | 2. Қобилияти таҳлил намудани ҳодисаҳо, харитаҳо, маълумотҳо ва мушоҳида кардани робитаи онҳо |
| **C.** Фасилитатор | 3. Омӯзгоре, ки шароитро барои ҷустуҷӯ ва таҳлили мустақилона фароҳам меорад |
| **Ҷавоби Шумо:** | A — … ; B — … ; C — … |

**2. Ғалатро ёбед**

Интихоб кунед, ки кадом шарҳ ба идеяҳои муносибати босалоҳият дар таълим **мутобиқат намекунанд**:

A. Хонанда бояд маводе, ки дар китоби дарсӣ пешниҳод шудааст, аз худ кунад.
B. Хонанда дар муҳокимаҳо иштирок мекунад ва андешаи худро баён мекунад.
C. Дарс тавре ташкил шудааст, ки хонанда донишҳоро дар вазъияти нав татбиқ мекунад.
D. Омӯзгор ба хонандагон ҷавобҳои тайёр намедиҳад, балки бо саволҳо онҳоро ҳавасманд мегардонад.

**3. Норасоиро пурра кунед**

**Муносибати босалоҳият -** ин муносибатест, ки на танҳо дониш, балки қобилияти...

A. дар хотир нигоҳ доштани мафҳум
B. дар вазъияти воқеӣ истифода бурдани дониш
C. параграфро зуд нақл кардан
D. тестро беғалат супоридан **муҳим аст.**

**4. Интихоб намоед, ки кадом супориш ба муносибати босалоҳият дар таълим мувофиқат мекунад (дарси география)?**

A. Аз китоби дарсӣ рӯйхати минтақаҳои табиии Тоҷикистонро нависед
B. Мини-дебат дар бораи проблемаи истифодаи об дар минтақа таҳия намудан
C. Оид ба донистани номи дарёҳо кори санҷишӣ гирифтан
D. Номбар кардани пойтахтҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ

**5. Таърифро пурра кунед.** Фасилитатор — омӯзгорест, ки ҷавобҳои тайёр намедиҳад, балки…

A. …талаботро зиёд мекунад
B. …интизомро дар гурӯҳҳо ташкил мекунад
C. …шароитро барои ҷустуҷӯи мустақилона фароҳам меорад
D. …супоришро ҳамроҳи хонандагон иҷро мекунад

**6. Мутобиқатро ёбед**

Рушди **тафаккури географӣ** кадом натиҷаро нишон медиҳад?

A. Хонанда масоҳати Тоҷикистонро аз ёд медонад
B. Хонанда шарҳ медиҳад, ки чаро дар як қисми кишвар боришот аз қисми дигараш зиёд аст
C. Хонанда мазмуни параграфро бозгӯӣ мекунад
D. Хонанда номҳои тамоми захираҳои табииро аз ёд кардааст.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Таҳияи** супоришҳои кушодаи ба рушди салоҳиятҳо нигаронидашуда



## КОРИ АМАЛӢ: УСТОХОНАИ ХУДБАҲОДИҲИИ ПЕДАГОГӢ

**Кори амалии 1. «Табдили супоришҳо»** – Чӣ гуна супориши анъанавиро ба супориши рушди салоҳиятҳо нигаронидашуда табдил додан мумкин аст?

**Мақсад**: омӯхтани роҳҳои табдил додани супоришҳои одӣ ба супоришҳои ба рушди салоҳиятҳо нигаронидашуда

**Шакли фаъолият:** Кори дунафарӣ ё кор дар гурӯҳҳои хурд

**Марҳилаҳои иҷро:**

**Қадами 1.** Супоришҳои эҳтимолиро муҳокима ва баррасӣ намоед.

**Қадами 2.** Аз рӯйхати санҷишӣ истифода карда, кори гурӯҳҳои (дунафарӣ ё гурӯҳҳо) дигарро таҳлил кунед.

| Мавзуъ | Супориши анъанавӣ | Имкониятҳо барои табдилдиҳӣ |
|---|---|---|
| ***1. Мавқеи географии Тоҷикистон*** | Мамлакатҳои ҳамсарҳад ва сарҳадҳои табиии онро номбар кунед | Тасаввур кунед, ки шумо географ - стратег ҳастед. Маърӯзае омода кунед, ки чӣ гуна мавқеи географӣ ба иқтисодиёт, бехатарӣ ва муносибатҳои байналмиллалӣ таъсир мерасонанд. |
| ***2. Минтақаҳои табиии ҷаҳон*** | Минтақаҳои табиии асосиро номбар кунед | |
| ***3. Захираҳои обии Тоҷикистон*** | Калонтарин дарё ва кӯлҳои Тоҷикистонро номбар кунед | |
| ***4. Урбанизатсия дар Осиёи Марказӣ*** | Бузургтарин шаҳрҳо ва суръати рушди онҳоро номбар кунед | |

**Варақаи санҷишӣ барои арзёбии супоришҳои робитаи мутақобила**

| Меъёрҳо | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Оё супориш муҳтавои мушаххас (вазъият, нақш, мушкилот) дорад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Оё он таҳлил, интихоб ё асосноккуниро талаб мекунад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Оё онро бо роҳҳои гуногун иҷро кардан мумкин аст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Оё дар он алоқамандӣ бо ҳаёти воқеӣ дида мешавад? | ☐ | ☐ | ☐ |

**Кори амалии 2. «Мутобиқсозии супоришҳо»**-Чӣ гуна супоришро ба имкониятҳои хонандагон мувофиқ кардан мумкин аст?

**Мақсад:** Омӯзиши **мутобиқсозии** супоришҳои ба рушди салоҳиятҳо равонашуда ба имконоти хонандагон.

**Шакли фаъолият:** кори дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд.

**Тартиби иҷро намудан:**

**Қадами 1.** Мисол ва шарҳро хонед.

**Қадами 2.** Супоришҳоро иҷро кунед.

**Қадами 3.** Корҳои дунафарӣ/гурӯҳҳоро бо истифода аз феҳристи санҷишӣ (чек-лист) таҳлил намоед.

НАМУНА

***Мавзуъ:*** *Иқтидори захираҳои табиии Осиёи Марказӣ — синфи 9.*

| **Муносибати анъанавӣ** | **Муносибати ба рушди салоҳиятҳо асосёфта** |
|---|---|
| Захираҳои асосии табиӣ мамлакатҳои Осиёи Марказиро номбар кунед | *Супориш барои гурӯҳҳо:* Шумо муҳаррирони маҷаллаи географиед. Дар ҳаҷми як саҳифа дар мавзуи захираҳои табиии Осиёи марказӣ маълумот омода сохта, ақидаи худро баён намоед, ки онҳо чӣ гуна истифода шуда истодаанд ва чи тавр ба ҳамкорӣ ва низоъҳо дар ҳудуди минтақа таъсир мерасонанд. |
| **Хонандагон чӣ кор мекунанд**: маълумотҳоро оид ба мамлакатҳои минтақа таҳлил намуда, қонуниятҳои истифодабарии захираҳои табииро муайян ва аҳамияти геополитикӣ доштани онҳоро арзёбӣ менамоянд. Ҳамзамон, сохтор ва мухтавои саҳифаро таҳия намуда, кор дар гурӯҳро меомӯзанд, мавқеи худро асоснок карда, хулосаҳо пешниҳод менамоянд. | |

**Шарҳи супориш**

Ин супориш ба хонандагон имкон медиҳад, ки на танҳо омилҳои географиро номбар, балки онҳоро ба шакли нав тавассути саҳифаи мавзуии рӯзнома шакл дода, пешниҳод намоянд. Хонандагон таҳлили маълумотро омӯхта, захираҳои кишварҳои гуногунро муқоиса ва таъсири экологӣ ва иқтисодии онҳоро муайяну идеяҳоро ташаккул дода, онҳоро дар шакли коммуникативӣ пешниҳод мекунанд.

Ин гуна фаъолиятҳо татбиқи дониш, ҳолати воқеӣ, муоширати ва тафаккури интиқодиро рушд дода, ба сатҳи баланди малакаҳо мутобиқанд. Бинобар ин, муҳим аст, ки омӯзгор ба худ савол диҳад, ки оё хонандагони ман аз уҳдаи ин супориш мебаромада бошанд?

Барои фаҳмидани ин саволҳои назоратиро баррасӣ менамоем.

**Саволҳои санҷишӣ (барои омӯзгор)**

1. Оё хонандагон дар бораи захираҳои табиии Осиёи Марказӣ ва аҳамияти онҳо барои минтақа тасаввурот доранд?
2. Оё онҳо метавонанд иттилооти географиро **ҷамъбаст ва ба низом** дароварда, **муқоиса** кунанд?
3. Оё онҳо метавонанд **робитаҳои сабабу натиҷаро** ба таври сода баён кунанд (масалан, «захираҳои фаровон — асоси рушди иқтисодӣ», «камбуди об — манбаи низоъ»)?
4. Оё онҳо қаблан дар гурӯҳҳо кор кардаанд ва **метавонанд** нақшҳоро тақсим намоянд?
5. Оё онҳо **таҷрибаи эҷоди графикаи иттилоотӣ**, овеза, рӯзномаҳои деворӣ ва ҷадвалҳоро доранд?
6. Оё онҳо дар дарсҳо **робитаи шароити табиӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодиро** баррасӣ кардаанд?
7. Оё дар дарс ё хона **маводди зарурӣ**: харита, маълумотнома, китобҳои дарсӣ, маълумоти интернетӣ мавҷуданд?
8. Кадом қисмати корро **хонандагон** метавонанд омода кунанд (масалан, ҷамъ овардани далелҳо, тасвирҳо, таҳияи тарҳи саҳифа)?

Ҳарчанд, ин рӯйхати пурраи саволҳои имконпазир набошад ҳам, аммо ҳатто ин **8 банд** барои фаҳмидани миқёс ва талаботи супориш **кифоя аст** (агар баъзе ҷавоб ба саволҳо «не» бошанд, пас супориш «танзим»-ро талаб мекунад).

**Муҳим:** мутобиқшавӣ ин содагардонӣ ба ҳадди бетарафӣ нест, балки қадам ба сӯйи «мутобиқшавӣ» мебошад, ки супоришҳоро барои хонандагон иҷрошаванда мегардонад, сатҳи душвориро нигоҳ медорад, вале ҳамзамон имкони шомил шуданро ба кор фароҳам меорад. Бе душворӣ, рушд вуҷуд надорад ва бидуни дастрасӣ, иштирок нахоҳад буд.

**Имкониятҳои мутобиқшавӣ**

- ✓ **Як мақола ба ҷойи саҳифа**

  Хонандагон як матни кӯтоҳи иттилоотӣ (5–7 ҷумла) дар бораи захираҳои табиии як кишвари Осиёи Марказӣ (масалан, Тоҷикистон ё Ӯзбекистон) омода мекунанд.

- ✓ **Инфографика ба ҷойи рӯзнома**

  Ба ҷойи матн — нақшаи визуалӣ ё диаграмма месозанд: **захираҳо → истифода → мушкилоти эҳтимолӣ → хулоса**.

- ✓ **Ҷамъоварии гурӯҳии маълумот + тарҳбандии инфиродӣ**

  Дар гурӯҳ хонандагон мавод ҷамъ карда, ҳар кадом як муаррифии хурд омода мекунад (шакли шифоҳӣ ё дар шакли корт).

- ✓ **Кор бо қолаб**

  Ба хонандагон сохтори омодашуда дода мешавад: сарлавҳа, қисмҳо барои тавсифи захираҳо, бахши «савол–ҷавоб», ҷойгоҳ барои хулоса.

***Ба ҷойи як вазифаи якхела*** *(аз боло) барои ҳама, озодии интихоб вуҷуд дорад: худи хонандагон супориш ва шакли корро интихоб мекунанд.*

**Шаклҳои алтернативӣ** (шаклҳои вариативии супоришҳо)

- ✓ **Нақшбозӣ: «Эксперти мамлакатҳо»**

  Ҳар гурӯҳ — «намояндагони» як кишвари Осиёи Марказӣ мебошанд. Вазифаи онҳо — муаррифии иқтидори захираҳои кишвар ва пешниҳод намудани роҳҳои ҳамкорӣ дар минтақа.

- ✓ **Мубоҳиса «Низоъ ё ҳамкорӣ?»**

  Баррасии мушкилоти истифодаи умумии захираҳои табиӣ (об, энергетика). Мисолҳо: Амударё ва Вахш. Қолаб: далелҳо тарафдор/ муқобил.

- ✓ **Харитаи захираҳои табиӣ**

  Таҳияи харитаи интерактивӣ ё коғазии захираҳои табиии минтақа бо нишон додани: намуди захира, кишвар, аҳамият ва хатарҳои эҳтимолӣ.

- ✓ **Сенария барои барномаи радио**

  Хонандагон сабти (ё навиштани) барномаи радиоиро омода мекунанд: «Захираҳои географӣ дар Осиёи Марказӣ — мушкилот ва имкониятҳо».

⇒ **Як супориши таълимиро интихоб намоед ва ба шароити хонандагони худ мутобиқ созед**

⇒ **Мавзуъ:** Кашфиётҳои бузурги географӣ (синфи 7)

***Супориш.*** *Шумо — сенариянависони филми ҳуҷҷатии хурдед. Сенарияи видеоролик (3–4 дақиқа) дар бораи таъсири Кашфиётҳои Бузурги географӣ ба рушди савдо, фарҳанг ва тасаввури ҷаҳон омода кунед.*

⇒ **Мавзуъ: Иқтидори захираҳои табиии Тоҷикистон (синфи 9)**

***Супориш.*** *Тасаввур кунед, ки шумо — муаллифи маҷаллаи географиед. Як мақола вобаста ба нақши калидии иқтидори захираҳои табиии Тоҷикистон дар рушди кишвар омода кунед.*

⇒ **Мавзуъ: Географияи иқтисодии Тоҷикистон (синфи 8)**

***Супориш.*** *Тасмаи хронологиро оид ба марҳилаҳои асосии рушди иқтисодии Тоҷикистон таҳия кунед. Воқеаҳои калидӣ, соҳаҳо ва омилҳои географие, ки ба рушди он таъсир расонидаанд, қайд кунед.*

**Варақаи арзёбии супориши мутобиқшуда**

| Меъёрҳо | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Оё дар супориш мушкилоти воқеӣ вуҷуд дорад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Оё донишро татбиқ кардан лозим аст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Оё барои баррасӣ/мубоҳиса ҷой вуҷуд дорад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Ин «супориш барои ҷавоб додан» аст ё «супориш барои фаҳмиш»? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Барои татбиқи онҳо кадом захираҳо талаб карда мешаванд? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Оё супориш ба синфи ман мувофиқ аст? | ☐ | ☐ | ☐ |

**Кори амалии 3. Пешгӯии натиҷаҳо**

**Мақсад:** омӯхтани **пешгӯйии натиҷаҳо** дар супоришҳои ба рушди салоҳиятҳо асосёфта.

**Шакли фаъолият: дунафарӣ** ё кор дар гурӯҳҳои хурд

**Қадамҳо барои иҷро намудан:**

**Қадами 1.** Вазифаи стандартиро иҷро кунед (аз китоби дарсӣ ё таҷрибаи шахсии худ).

**Қадами 2:** Онро тавре тағйир диҳед, ки:
- хонанда амал намояд,
- ҷой барои мулоҳиза/таҳлил/баҳс вуҷуд дошта бошад.

**Қадами 3.** Натиҷаро муайян кунед: чиро бояд омӯхт, хонанда кадом малакаҳоро инкишоф медиҳад.

**Қадами 4:** Бо истифода аз феҳристи санҷишӣ кори дигар ҷуфтҳо/гурӯҳҳоро мубодила ва таҳлил кунед.

**НАМУНА. Матритса: «Вазифа - Фаъолият - Натиҷа»**

| *Супориши таълимии тағйирёфта* | *Хонанда чӣ кор мекунад?* | *Натиҷа* |
|---|---|---|
| Тасмаи хронологии тағйирот дар истифодаи захираҳои табиии Тоҷикистонро аз солҳои 1990-ум то имрӯз таҳия кунед. Воқеаҳои калидӣ, мушкилоти экологӣ ва тадбирҳои андешидаро қайд кунед. | Маълумотро аз манбаъҳои гуногун ҷуста, рӯйдодҳои муҳимро муайян мекунад. Маводро дар шакли нақшаи визуалӣ таҳия мекунад. | – Муайян кардан ва ташкили сохтори маълумоти муҳими географиро меомӯзад.<br>– Тафаккури сабабу натиҷаро дар муҳтавои экологӣ такмил медиҳад.<br>– Малакаи маълумоти визуалиро рушд медиҳад.<br>– Қобилияти шарҳ додан ва муаррифии хулосаи кори худро таҳким мебахшад. |

***Мавзуъ:***

***Супориш:***

| *Супоришҳои таълимии табдилёфта* | *Хонанда чӣ кор мекунад?* | *Натиҷа* |
|---|---|---|
| | | |

**Варақаи арзёбӣ барои арзёбии супориши мутобиқшуда ва натиҷаи пешбинишаванда**

| Меъёрҳо | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Хонанда дар ин супориш бознигарӣ ё таҳлил мекунад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Оё супориш шавқ ва ҳавасмандии хонандаро нигоҳ медорад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Чиро бояд омӯхт, малакаҳои рушдёбандаи хонандаҳо муайян карда шудааст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Оё супориш ба синфи ман мувофиқ аст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Чӣ тавр супоришро барои синфи мушаххас сода ё мураккаб кардан мушаххас нишон дода шудааст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Нақши омӯзгор дар иҷрои ин вазифа муайян аст? | ☐ | ☐ | ☐ |

**Кори амалии 4. Иҷрои супоришҳои ба рушди салоҳиятҳо нигаронидашуда**

***Мавзуъ:*** Аҳамияти географии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ

ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМӢ: **«Маълумотномаии геостратегӣ»**

*Тасаввур кунед, ки шумо географ-мушовир дар ҳукумати Тоҷикистон мебошед.* **Вазифаи шумо таҳияи маълумотномаест**, ки арзиши стратегии мавқеи географии кишвар дар он шарҳ дода шудааст: захираҳои табиӣ, иқтидори обӣ, долонҳои нақлиётӣ, системаҳои кӯҳӣ. Чаро ин барои рушди минтақа ваояндаи устувор муҳим аст?

**Кори гурӯҳӣ:**

**Қадами 1.** Агар зарур бошад, вазифаро ба имкониятҳои худ мутобиқ кунед. Фикр кунед, ки кадом шакли кор (овеза, маълумотномаи кӯтоҳ, харита, муаррифӣ) барои шумо мувофиқтар аст?

**Қадами 2.** Бонки **андешаҳоро** омода кунед.

- Дар Тоҷикистон кадом навъи захираҳои табиӣ ва обӣ мавҷуданд?
- Релефи онро кадом системаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд?
- Долонҳои нақлиётӣ ва мавқеи марзӣ чӣ аҳамият доранд?
- Чаро ин омилҳо барои рушди минтақа ва ҳамкориҳо муҳиманд?

**Қадами 3:** 3–4 далели асосиро интихоб кунед, ки арзиши стратегии мавқеи географии Тоҷикистонро нишон медиҳанд. Онҳоро дар шакли ёддошти таҳлилӣ, муроҷиат ё паёми визуалӣ (масалан, овеза, нақша, ҷадвал, суханронии оммавӣ) таҳия кунед.

**Қадами 4**: **Ояндаро ба инобат гиред:**

Чӣ гуна географияи кишвар метавонад ба рушди устувор, ҳамкориҳои байналмилалӣ, амнияти озуқаворӣ ва обӣ мусоидат намояд?.

**Қадами 5. Муаррифӣ намоед (Рӯнамо таҳия кунед)**

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

***Шакли фаъолият:*** кори *фардӣ ё дунафарӣ. Муҳокима / ҷавобҳои хаттӣ.*

1. Кадом вазифа ё намуди фаъолият ба шумо бештар муфид буд ва чаро?
2. Ҳангоми таҳияи супоришҳо дар раванди дарсҳо кадом принсипҳоро ба назар мегиред?
3. Ҳангоми мутобиқсозии супроишҳо ба кадом мушкилот дучор шудед ва чӣ гуна онҳоро бартараф кардан мумкин аст?
4. Барои шумо фарқи асосӣ байни супориши анъанавӣ ва ба рушди салоҳиятҳо асосёфта дар чист?
5. Шумо дар дарси оянда чиро санҷидан мехоҳед?
6. Ҷумларо пурра кунед:

— *«Имрӯз ман фаҳмидам, ки муносибати ба салоҳият асосёфта ...»*

— *ё: «Ҳоло ман ба ... »*

# МАВЗУИ 3

## Муҳити таълим ва омӯзиш: чаро онҳо муҳимманд ва бо муносибати босалоҳият дар таълим чӣ алоқа доранд

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Унсур ва хусусиятҳои муҳити таълим ва омӯзиш
- Муҳити таълим ва муҳити омӯзиш: фарқият ва алоқамандии онҳо
- Таъсири муҳити таълим ба рушди салоҳиятҳои хонандагон
- Мушкилоти маъмул ва монеаҳо, дар ташкили муҳити таълим

**Чиро бояд тавонист?**

- Муҳити таълим ва омӯзиширо фарқ карда, вазифа ва нақши онҳоро дар сохтори муносибати босалоҳият дар таълим фаҳманд.
- Таҳлили муҳити таълим: муайян кардани омилҳое, ки ба рушди салоҳиятҳо мусоидат ё монеа мешаванд.
- Тарҳрезии муҳити омӯзиш бо ба инобат гирифтани мундариҷаи воқеӣ, ҳамкорӣ, фаъолиятҳои таҳқиқотӣ ва тафаккури таҳлилӣ.
- Танзими муҳит барои ҳадафҳои гуногун: кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ, таълими амалӣ, муҳокима ва интихоби қарорҳо.

**Саволҳо барои баррасӣ**

- Фарқи аслии муҳити таълим ва омӯзиш дар чист ва чаро ҳангоми тарҳрезии дарс ҳарду бояд ба назар гирифта шаванд?
- Чӣ гуна муҳити созгор тарҳрезишуда метавонад ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат кунад?
- Кадом унсурҳои муҳити омӯзиш рушди мустақилият ва ташаббускории хонандагонро беҳтар мекунанд?
- Омӯзгор дар ташкили муҳити таълимие, ки ба муносибати босалоҳият дар таълим нигаронида шудааст, чӣ нақш мебозад?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Фарқ кардани муҳити омӯзишӣ аз таълимӣ, фаҳмидани ҳадафҳо ва робитаи байни онҳо.
2. Шарҳ дода тавонистани таъсири муҳити таълим ба рушди салоҳиятҳои асосӣ.
3. Шинохтани душвориҳои маъмул ҳангоми эҷоди муҳити таълим ва интихоби роҳҳои ҳалли онҳо.
4. Эҷод ва таҳлил кардани муҳити таълимӣ дар дарсҳои география.

## Муқаддима

Дар ин мавзуъ мо ба дарсҳои география на ҳамчун майдони омӯзиши воқеаҳо, балки ҳамчун **муҳити таълим менигарем**, ки дар он хонандагон шавқ ва омодагӣ барои татбиқи донишҳоро дар зиндагӣ доранд.

Фарқияти муҳити омӯзиш ва таълимро таҳлил карда, мебинем, ки онҳо чӣ гуна ба рафтор, ангеза ва иштироки хонандагон таъсир мерасонад.

Ба рушди салоҳиятҳои асосии асри XXI **тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, коммуникатсия, ҳамкорӣ** ва маҳорати омӯхтан диққати махсус дода, мефаҳмем, ки муҳити таълим чӣ гуна ба ин малакаҳо мусоидат ва онҳоро таҳким мебахшад.

Дар анҷом, тавассути рефлексия ғояҳои асосиро дарк карда, амалияи педагогии худро арзёбӣ ва барои татбиқи равишҳои нав дар дарсҳои худ қадамҳои мушаххасро муайян мекунед.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муҳити омӯзиш** – низоми восита ва усулҳое, ки барои азхудкунии маводди таълимӣ истифода мешаванд: китоби дарсӣ, харитаҳо, супоришҳо, ҷадвалҳо, шарҳи омӯзгор ва тестҳо.

**Муҳити таълим** – фазо ва шароите, ки дар дарс ба рушди тафаккур, ташаббус, шуурнокӣ ва ангеза (ҳавасмандӣ) мусоидат мекунад. Ин на танҳо захира, балки услуби муошират, имконияти интихоб, муҳокима ва кори гурӯҳӣ низ мебошад.

**Дониши географӣ** – қобилияти дарк ва шарҳ додани равандҳоест, ки дар ҷаҳон рух медиҳанд, дидани робитаҳо байни падидаҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва татбиқи донишҳо дар ҳаёт.

**Шарикӣ** – ширкати фаъолони хонандагон дар раванди таълим,таваҷҷуҳ ба мавзуъ, омодагӣ ба муҳокима, ибрози ақида ва ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли масъалаҳо мебошад.

**Саволҳо барои робитаи мутақобила (рефлексия)** – дарк намудани амалҳои шахсӣ ва раванди омӯзиш: чӣ ба даст омад, чӣ душвор буд, чиро фаҳмидам.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Муҳити омӯзиш ва таълимро фарқ карда, мақсад ва робитаи байни онҳоро фаҳмед.
2. Таъсири муҳити таълимро дар рушди салоҳиятҳои асосӣ шарҳ диҳед.



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Супориш барои гурӯҳҳо:***
*Яке аз вариантҳоро интихоб ва вазифаи пешниҳодшударо иҷро кунед.*

| **Варианти 1: «Дарсе, ки фаъол шуд»** | **Варианти 2: «Супориши ҷолиб»** |
|---|---|
| **Супориш.** Лаҳзаеро дар дарси география ба ёд оред, ки хонандагон дар он аз лаҳзаҳои муқаррарӣ фаъолтар иштирок карданд.<br><br>➩ **Ин кадом супориш буд** (шарҳ диҳед)? | **Супориш.** Як супорише фикр кунед, ки хонандагонро «ҷалб» карда, дар онҳо ҳавасмандӣ, баҳс, андеша ва фикр карданро ба вуҷуд орад.<br><br>➩ **Супоришро нависед** |
| **Чаро он натиҷа дод?**<br>• Хонандагон чӣ кор карданд?<br>• Шумо чӣ кардед?<br>• Дар ин супориш чӣ чиз фаъол буд? | **Баррасӣ дар гурӯҳҳо:**<br>• Махсусияти он дар чист?<br>• Чаро маҳз бо хонандагони шумо мувофиқ буд? |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи маълумотии 1.3 - ро бодиққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 1.3 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 1.3**

### 1. Муҳит чӣ гуна ба ташаккули салоҳиятҳо таъсир мерасонад?

Чаро дар баъзе ҳолатҳо хонандагон бо шавқ дар муҳокимаҳо иштирок ва ақидаҳо пешниҳод намуда, савол медиҳанд, вале дар дигар мавридҳо хомӯш мемонанд, аз хато кардан метарсанд ё ҷавоби тайёрро интизор мешаванд? Бештар вақт ҷавоби ин савол на танҳо ба барнома ё китобҳои дарсӣ вобаста аст, балки **дар кадом муҳити таълимӣ қарор доштани хонандагон** иртибот дорад.

Имрӯзҳо муносибати босалоҳият дар таълим дар аксар мамлакатҳои дунё асоси таҳсилот гардида истодааст, ки Тоҷикистон низ истисно нест. Ин муносибат аллакай дар стандартҳои нав ва курсҳои такмили ихтисос ҷой дода шудааст. Аммо ин барои мо, омӯзгорони фанни география чӣ маъно дорад? Чӣ тавр онро дар шароити воқеии муассисаҳои таълимии анъанавӣ татбиқ кунем?

География ҳамчун фан - на танҳо мавқеи ҷойгиршавӣ ё марзҳо аст. Ин илмест, ки бевосита ба он таъсир мерасонад, ки хонанда чӣ гуна ҷаҳони атроф, ҳамкории табиат ва ҷомеа, инчунин ҷойгоҳи худро дар равандҳои глобалӣ дарк мекунад. Ва бештар аз он вобаста аст, ки ин дарк дар кадом муҳити таълимӣ сурат мегирад: муҳите, ки барои таҳқиқ ва муколама кушода аст ва дастгирӣ мекунад ё баръакс, маҳдуд ба далелҳои хушк ва азбар кардани номҳост.

**Муносибати босалоҳият дар таълим: сода ва фаҳмо**

*Намуна:* Хонанда медонад, ки Тоҷикистон кишвари кӯҳистон аст. Аммо оё ӯ метавонад фаҳмонад, ки:

- чаро сохтани роҳҳо дар шароити Тоҷикистон мушкил аст?
- релеф чӣ тавр ба иқлим ва фаъолияти кишоварзӣ таъсир мерасонад?

Чунин саволҳо имконият медиҳанд, ки на танҳо иттилоотро такрор намоем, балки онро таҳлилу муқоиса намуда, хулоса барорем. Маҳз дар ҳамин раванд салоҳиятҳои муосир зоҳир мегарданд, ки асоси равиши нави таълимро ташкил медиҳанд.

**Салоҳиятҳои калидӣ** ихтисораи чор салоҳияти асосӣ: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ мебошад**,** ки дар шароити ҷаҳони босуръат тағйирёбанда аз муҳимтаринҳо ба ҳисоб меравад.

**Тафаккури интиқодӣ** — таҳлилу муқоиса кардан, хулоса баровардан.
**Эҷодкорӣ** — навоварӣ, ёфтани роҳҳои ҳалли ғайристандартӣ.
**Маҳорати омӯхтан** – муайян кардани мақсадҳо, ба нақша гирифтани омӯзиши мустақилона, баҳо додан ба худ
**Коммуникативӣ (иртиботӣ)** — баён кардани андешаҳо, далел овардан, муҳокима кардан.
**Ҳамкорӣ** — кор дар гурӯҳҳо, ба созиш расидан, ақидаи дигаронро гуш карда тавонистан.

Дар амалияи педагогӣ шумораи зиёди салоҳиятҳои калидӣ (универсалӣ, асосӣ, фарогир, ҳаётӣ) истифода мешаванд. Чаро маҳз салоҳиятҳои асосӣ (**4К+**) интихоб шуданд. Шумо метавонед аз маълумоти махсуси иттилоотӣ, ки дар охири ин мавзуъ ҷойгир шудааст, ҷавобро ёбед.

**Чаро муҳит аз мундариҷа муҳимтар аст?**

Табиист, ки салоҳиятҳо худ аз худ бо баён кардани мазмуни мавзуъ аз ҷониби хонанда рушд дода намешаванд. Барои рушди тафаккури интиқодӣ ҳолате лозим аст, ки хонанда худаш хулоса барорад. Барои омӯхтани ҳамкорӣ таҷрибаи кор дар гурӯҳ зарур аст ва маҳз муҳити таълим ин имкониятҳоро фароҳам меорад.

*Барои айён будан ду вазъияти таълимиро пешниҳод мекунем:*

- Дар як синф хонандагон савол медиҳанд, фикри худро баён мекунанд ва дар муҳокима фаъолона ширкат меварзанд.
- Дар синфи дигар бошад хомӯшона супоришро интизоранд, сухани омӯзгорро такрор мекунанд ва аз иштибоҳ кардан метарсанд.

Ин – **натиҷаи муҳитҳои таълимии гуногун мебошанд.**

| Агар дар синф: | *Ва агар:* |
|---|---|
| • метавон озодона савол дод;<br>• аз иштибоҳ кардан наҳаросид;<br>• имкони интихоби чӣ гуна ва бо кӣ кор кардан мавҷуд аст, он гоҳ эътимод пайдо шуда, ангеза меафзояд ва кӯдакон ба иштирокчиёни фаъол дар раванди таълим табдил меёбанд. | • дар мадди аввал хомӯшӣ ва интизом муҳим бошад;<br>• танҳо барои ҷавобҳои дуруст баҳо гузошта шавад;<br>• Вазифаҳо барои ҳама якхела бошанд, он гоҳ ҳатто кунҷковтарин хонанда низ ташаббус нишон доданро қатъ мекунад. |

Бе инҳо **салоҳиятҳои 4К+, рушд намеёбанд**

Биёед ҳар ду мафҳумро баррасӣ мекунем:

**Муҳити омӯзиш** – муҳитест, ки барои азхудкунии донишҳои фаннӣ мусоидат мекунад.

*Ба он дохил мешаванд*:

- ✓ китобҳои дарсӣ, харита, нақша, ҷадвало, тестҳо ва тавзеҳоти омӯзгор;
- ✓ рушди малакаҳо: ҳодисаҳоро дар хотир нигоҳ доштан, муайян кардани робитаҳои сабабӣ-пайдарпайӣ, таҳияи хронологӣ (пайдарпай рӯх додани воқеаҳо).

**Муҳити таълим** – муҳитест, ки дар рушди шахсияти хонанда тавассути мусоидат мекунад. Ба он дохил мешавад:

- ✓ хонанда фикр мекунад, савол медиҳад, баҳс мекунад, роҳҳои ғайрианъанавиро ҷустуҷӯ мекунад;
- ✓ натиҷагирӣ мекунад, ба воқеияти имрӯз пайваст мешават, мавқеи худро муайян мекунад;
- ✓ ташаббус нишон медиҳад, кунҷковӣ ва омӯзиши кор дар гурӯҳ дар он пайдо мешавад.

*Барои он ки донишҳо ба салоҳиятҳо табдил ёбанд,* ***ҳар ду муҳит*** *- ҳам омӯзиш ва ҳам таълим заруранд.*

Аммо таърифҳои абстрактӣ на ҳамеша имкон медиҳанд, ки чӣ гуна онҳо дар амал татбиқ шударо мушоҳида кунем. Биёед якчанд мисолро баррасӣ намоем, то пай барем, ки чӣ гуна унсурҳои анъанавии дарси география метавонанд тавассути муҳити таълим самаранок карда шаванд ва дар айни замон чӣ гуна салоҳиятҳои калидии хонандагон фаъол мегарданд.

***Намунаи1.*** *Хусусиятҳои иқлимии минтақаҳои Тоҷикистон – синфи 8*

| Намуд | Раванд ва супоришҳо |
|---|---|
| **Муҳити омӯзиш** | Омӯзгор мефаҳмонад, ки иқлим чӣ гуна ҳосил мешавад, аз харита нишон дода, графикҳои ҳароратиро муҳокима мекунад. |
| **Муҳити таълим** | Хонандагон дар гурӯҳҳо «маълумот оид ба обу ҳаво» барои минтақаҳои гуногуни кишвар — Панҷакент, Бохтар, Мурғоб омода карда, онро дар шакли ахбори телевизионӣ муаррифӣ менамоянд |

Сенарияи пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки чӣ гуна дар асоси як мавзуи фаннӣ метавон сатҳҳои гуногуни фаъолиятҳои таълимиро ташкил дод. Аммо ҳатто супориши ҷолиб ҳам на ҳама вақт дарҳол равшан мекунад, ки кадом салоҳиятҳо дар хонандагон ташаккул меёбанд, бахусус агар дарс кӯтоҳ ва танҳо дар шакли мундариҷаи мухтасар баррасӣ шавад.

Аз ҳамин сабаб, дар қадами навбатӣ мо намудҳои супоришҳоро барои муҳити омӯзиш ва муҳити таълим ҷудо намуда, муайян месозем, ки кадом салоҳиятҳои калидӣ дар кадоме аз онҳо фаъол мегарданд.

**Дар муҳити омӯзиш**: салоҳиятҳои **тафаккури интиқодӣ** (муайян кардани хронологии таърихӣ), малакаҳои когнитивии асосӣ ташаккул меёбанд.

**Дар муҳити таълим**: салоҳиятҳои **тафаккури интиқодӣ** (таҳлил ва муқоисаи манбаъҳо, асосноккунии андеша), **иртиботӣ** (муҳокима, руйнамо), ҳамкорӣ (иҷрои гурӯҳии супоришҳо) ва **эҷодкорӣ** (эҷоди мактуб аз номи намояндаи соҳа) ташаккул меёбанд.

***Намунаи 2.*** *География захираҳои обии Тоҷикистон – синфи 8*

| Намуд | Раванд ва супоришҳо |
|---|---|
| **Муҳити омӯзиш** | Кор бо харитаи захираҳои обӣ, омӯзиши хусусиятҳои гидрографии дарёҳои Панҷ, Вахш ва Сирдарё. |
| **Муҳити таълим** | Муҳокима: норасоии об чӣ гуна ба кишоварзии вилояти Суғд таъсир мерасонад? Таҳияи мини-лоиҳа: «Истифодаи оқилонаи об дар деҳа/шаҳри мо». |

**Дар муҳити омӯзиш:** салоҳиятҳои **тафаккури интиқодӣ** (таҳлили сабабу натиҷа), дарки робитаҳои сабабу оқибат ташаккул меёбанд.

**Дар муҳити таълим**: салоҳиятҳои **ҳамкорӣ** (кори гурӯҳӣ), **коммуникативӣ** (муаррифии андешаҳо) ва **эҷодӣ** (ҷустуҷӯи ҳалли масъала) ташаккул меёбанд.

Тавре ки аз мисолҳои овардашуда дида мешавад, муҳити таълим худ ба худ пайдо намешавад он тавассути интихоби супоришҳо, шаклҳои ҳамкорӣ ва муҳити синф ташкил карда мешавад.

*Дар маркази ин раванд омӯзгор қарор дорад.* Маҳз ӯ муайян мекунад, ки дар дарс чӣ рӯх медиҳад: такрори механикии маълумот ё амали маърифатноку мақсаднок.

Акнун биёед муфассал баррасӣ кунем, ки омӯзгор дар ташкили муҳити таълими ба рушди салоҳиятҳо мусоидаткунада, чӣ нақш мебозад.

## 2. Омӯзгор меъмори муҳити таълим

Салоҳиятҳо на ҳамчун ҷузъи ҷудогона, балки дар доираи мазмуни фанн ба қисми муҳимми дарси муосир табдил ёфтаанд. Дар фанни география ин на танҳо омӯзиши харита ва далелҳо, балки рушди малакаҳои дарки робитаҳои байни равандҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, таҳлили таъсири инсон ба муҳити зист ва баррасии мушкилоти глобалиро дар бар мегирад.

Аксар вақт ба хонандагон кумак мекунем, ки нуқтаи назари гуногунро баррасӣ намоянд, бо маълумотҳои додашуда кор кунанд, хулосаҳои мустақилона бароранд. Чунин унсурҳо, аз қабили таҳқиқот, андешаронӣ, қобилияти баён ва ҳимояи мавқеи худ бевосита муҳити таълимро ташкил медиҳанд.

Аксари омӯзгорони фанни география ин равандҳоро тавассути супоришҳои амалӣ, таҳлили иттилоот ва муҳокимаронӣ дар дарс ҷорӣ месозанд.

Барои ташаккули муҳити андеша ва ҷустуҷӯ дар дарси география танҳо ният кофӣ нест. Муҳим аст фаҳмем, ки кадом унсурҳо метавонанд муҳити таълимро ташаккул диҳанд ва чӣ гуна онҳо дар амалияи ҳаррӯзаи мо зуҳур мекунанд.

Дар зер ҷадвале оварда мешавад, ки **принсипҳои асосии муҳити таълимро** бо **мисолҳои татбиқи** онҳо дар дарсҳои география нишон медиҳад.

**Чӣ гуна муҳити таълимро дар дарси география бояд ташкил намуд?**

| Принсип | Чиро бояд дар дарс анҷом дод |
|---|---|
| *Аз **саволҳои кушода** истифода баред* | — «Ба назари шумо, чаро баъзе минтақаҳои Тоҷикистон бо норасоии об рӯбарӯянд?»<br>— «Агар захираҳои оби тоза пурра тамом шаванд, чӣ ҳодиса рух медиҳад?»<br>— «Шумо чӣ гуна таъсири тағйирёбии иқлимро ба захираҳои обии ҷумҳурӣ арзёбӣ мекардед?» |
| ***Супоришҳои нақшофарӣ ва пурмазмун** ворид кунед.* | — Муҳокимаҳо, бозиҳои нақшофарӣ, баҳсҳо дар бораи роҳҳои ҳифзи захираҳои об.<br>— Супоришҳои дорои мазмуни шахсӣ: «Шумо мушкили ифлосшавии рӯдхонаҳоро чӣ гуна ба шахсе шарҳ медодед, ки наздики обанбор зиндагӣ мекунад?»<br>— Алоқаманд намудани равандҳои географӣ бо ҳаёти воқеӣ: «Захираҳои обӣ чӣ гуна ба кишоварзӣ ва иқтисодиёт таъсир мерасонанд?» |
| *Имкон додан ба **интихоб*** | — Шакли кор: харитаҳои захираҳои об, ҳисоботҳои экологӣ, рӯнамоҳо.<br>— Интихоби мавзуи лоиҳа: манбаъҳои оби нӯшокӣ дар минтақаҳои гуногун, усулҳои поксозии об, таъсири нерӯгоҳҳои барқии обӣ ба муҳити зист.<br>— Лоиҳаҳои хурд: рӯзномаи мушоҳидаи сатҳи об дар рӯдхона, таҳқиқи сифати об дар обанборҳои маҳаллӣ. |
| ***Вазъияти ҳамкориро** ташкил кунед.* | — Кори дунафарӣ ва гурӯҳӣ барои таҳлили сабабҳои ифлосшавии об<br>— Мунозира: «Дар шароити хушксолӣ идоракунии захираҳои обиро чӣ гуна самаранок ба роҳ мондан мумкин аст?»<br>— Ангезиши зеҳн: «Кадом навовариҳо метавонанд захираҳои обии Тоҷикистонро ҳифз кунанд?» |
| *Аз **манбаъҳои гуногуни маълумот** истифода баред* | — Таҳлили маълумотҳои китоби дарсӣ, тасвирҳо аз моҳвора ва харитаҳои гидрологӣ<br>— Муқоисаи нуқтаи назари коршиносон дар соҳаи экология ва хоҷагии об<br>— Омӯзиши таҷрибаи байналмилалии идоракунии захираҳои об ва мутобиқсозии он ба шароити Тоҷикистон |

Усулу методҳои таълим танҳо як қисми кор мебошанд. Муҳим аст, ки на танҳо аз вазифа ва супоришҳо истифода барем, балки дарк намоем, ки онҳо дар амал ба хонандагон чӣ гуна таъсир мерасонанд.

Барои он ки муҳити таълим ба рушди салоҳиятҳо мусоидат намояд, бояд раванди дарсро мушоҳида карда гӯш кунем, ки хонандагон чӣ гуна вокуниш нишон медиҳанд, чӣ гуна фикру ҳамкорӣ менамоянд ва худро кушода мекунанд.

Фасли навбатӣ нишон медиҳад, ки ба кадом аломатҳо бояд аҳамият дод ва чӣ гуна метавон фаҳмид, ки муҳити созгор барои рушди салоҳиятҳои калидӣ воқеан ташкил карда шудааст.

**Чӣ гуна метавон фаҳмид, ки муҳити таълим воқеан салоҳиятҳоро ташаккул медиҳад?**

*Мушоҳида кунед ва ба худ савол диҳед:*

- Оё хонандагон савол медиҳанд?
- Оё онҳо робитаҳои сабабу натиҷаро муайян мекунанд?

- Оё онҳо роҳҳои ғайрианъанавии ҳалли масъалаҳоро пешниҳод мекунанд?
- Оё онҳо медонанд, ки чаро ин ё он супоришро иҷро мекунанд?
- Оё онҳо метавонанд муҳокима ва ҳамкорӣ кунанд?

Агар ҷавобҳо бештар «ҳа» бошанд, ин маънои онро дорад, ки шумо **муҳите эҷод кардаед, ки илова ба такрор гардидани донишҳо салоҳиятҳо ташаккул** меёбанд.

Барои он ки фарқият миёни муҳити омӯзиш ва муҳити таълим ба таври равшан намоён гардад, муфид аст, параметрҳои асосиро дар шакли ҷадвал ҷамъбаст намоем.

Ин кумак мекунад, ки ҷанбаи техникии дарс (дониш додан) аз ҷанбаи маърифатӣ ва рушди шахсият (ташаккули салоҳият ва тафаккури таърихӣ) мушаххас ҷудо карда шавад.

**Маълумот дар бора ин ду муҳит**

| Унсур | Муҳити омӯзиш | Муҳити таълим |
|---|---|---|
| ***Мақсад*** | Азхудкунӣ ва тақвияти дониш | Рушди шахсият, ташаккули салоҳиятҳо |
| ***Методҳо*** | Фаҳмондан, машқ, санҷиш | Таҳқиқот, лоиҳа, муҳокима |
| ***Нақши хонанда*** | Қабулкунандаи иттилоот | Иштирокчии фаъол, таҳқиқотчӣ, ҳаммуаллифи раванд |
| ***Салоҳиятҳо*** | Қисман ташаккул меёбанд (асосан фаннӣ) | Комилан рушд меёбанд (хусусан салоҳиятҳои калидӣ |
| ***Ҳавасмандӣ*** | Метавонад коҳиш ёбад | Тавассути иштирок шавқу фаҳмиш меафзояд |
| ***Арзёбӣ*** | Тест, санҷиш, ҷавобҳои шифоҳӣ | Худбаҳодиҳӣ, ҳимояи лоиҳа, робитаи мутақобила (рефлексия) |

Ин ҷадвал на танҳо воситаи муқоисавӣ аст. Он кумак мекунад, ки мо дақиқ дарк намоем, ки **тағйироти мантиқии муҳими таълимӣ** дар чӣ ифода меёбад:

- аз интиқоли дониш ба ҳамкорӣ,
- аз такрори маълумот ба дарку маънидод,
- аз хонандаи иҷрокунанда ба хонандаи иштирокчӣ.

*Муҳити таълим муҳити омӯзишро иваз намекунад — онро такмил медиҳад, ба хонанда дарки маънии шахсӣ мебахшад.* Алоқамандии ин ду раванд агар аз як тараф дарсро пурмазмун ва сохтору асоси донишҳоро таъмин кунад, аз ҷониби дигар — тафаккур, ташаббус ва шавқи хонандагонро рушд медиҳад.

Муносибати босалоҳият дар таълим бештар ба диди хоси омӯзиш такя мекунад, на ба технология. Хонанда на танҳо қобилияти омӯзиш дорад, балки метавонад фикр карда, қарор қабул намояд. Вазифаи омӯзгор — фароҳам овардани шароитест, ки ин ҳама дар доираи дарс амалӣ гардад.

Хулоса, метавон гуфт, ки муҳити таълим на маҷмӯи усулҳо балки **фарҳанги дарс** аст. Он андеша, заҳмат ва таваҷҷуҳи пайвастаро талаб карда, тағйироти воқеии хонанда чӣ гуна омӯхтану омӯзгор чӣ гуна рушд доданро ба миён меорад.

**ЗАМИМАИ 3.**

**Нақшаи дарс**

***Мавзуъ:*** *Нақши Уқёнуси Ҷаҳонӣ дар ҳаёти инсон — синфи 9*

**Мақсадҳои дарс:**

1. Муайян кардани таъсири Уқёнуси Ҷаҳонӣ ба иқлим, иқтисод, биосфера ва ҳаёти ҷомеа.
2. Таҳлил карда тавонистани маълумот, муайян кардани робита ва баровардани хулосаҳоро омӯхтан.
3. Рушд додани малакаи асоснок кардани нуқтаи назар ва иштирок дар муҳокимаҳо.
4. Ташаккули тафаккури экологӣ ва дарки проблемаҳои глобалии ба уқёнус марбут.

**1. Фаъолсозии донишҳо (10 дақиқа)**

- Блтс- пурсиш: «Шумо дар бораи аҳамияти уқёнус чиро медонед?»
- Омӯзгор бо истифода аз рӯнамо дар бораи нақши уқёнус дар ҳаёти инсон маълумоти кӯтоҳ медиҳад.
- Аёният: Харитаи ҷараёнҳои уқёнусӣ, нақшаи гардиши об дар табиат, намунаҳо аз таъсири уқёнус ба иқлим ва обу ҳаво.

**2. Таҳлили манбаъҳо (15 дақиқа)**

Синф дар гурӯҳҳо муттаҳид мешавад. Ҳар як гурӯҳ як қисми матнро барои муайян кардани мавзуъ мегирад:

1. *Таъсири уқёнус ба иқлим.*
2. *Аҳамияти иқтисодии уқёнус.*
3. *Гуногунрангии биологӣ.*
4. *Проблемаи ифлосшавӣ.*

**Супориш барои гурӯҳҳо:**

- Манбаъро хонед ва далелҳои асосиро ҷудо кунед.
- Дар гурӯҳ муҳокима намоед, ки уқёнус ба кадом соҳа чӣ гуна таъсир мерасонад?
- Ҷадвалро пур кунед:

| Соҳа | Далелҳои асосӣ | Оқибатҳо |
|---|---|---|
| ***Иқлим*** | | |
| ***Иқтисод*** | | |
| ***Биология*** | | |
| ***Ифлосшавӣ*** | | |

**3. Баррасии умумӣ ва ҷамъбасти дарс (10 дақиқа)**

*Саволҳо барои муҳокима:*

– Чаро уқёнус дар ҳаёти сайёра нақши калидӣ мебозад?

– Кадом мушкилот экосистемаҳои онро таҳдид мекунанд?

– Мо чӣ гуна метавонем ба ҳифзи он мусоидат кунем?

**Рефлексия:**

1. *Ман чӣ чизи навро фаҳмидам?*
2. *Қисмати ҷолибтарини дарс барои ман … буд*
3. *Як савол оид ба мавзуъ*

**Вазифаи хонагӣ - иҷрои яке аз супоришҳо интихобан:**

- ✓ Омода кардани маълумоти мухтасар: **Намунаҳои ҳалли маҳаллии мушкили ифлосшавии об**
- ✓ Омода кардани маърӯзаи кӯтоҳ: **«Ояндаи уқёнус дар дасти мо»**

## Мавод барои дарс

**Қисматҳо аз манобеъ** (аз китобҳои дарсии география)

**1. Географияи материкҳо ва уқёнусҳо**

Уқёнуси ҷаҳонӣ дар ташаккули иқлими сайёра нақши калидӣ мебозад. Ҷараёнҳои уқёнусӣ ҳароратро танзим мекунанд ва гармиро аз экватор ба қутбҳо интиқол медиҳанд. Масалан, ҷараёни Гольфстрим Аврупоро гарм мекунад, дар ҳоле ки ҷараёни Ла-Ниня дар баъзе минтақаҳо сардиро ба вуҷуд меорад. Бе уқёнус Замин дар минтақаҳои баланд ба биёбони хушку сард табдил меёфт. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки уқёнус гази карбонро ($CO_2$) фурӯ мебарад ва ба қабати гулхонагӣ таъсир мерасонад. Агар қобилияти фурӯбарии гази карбон ($CO_2$) дар уқёнус кам шавад, ҳарорати ҳаво баланд мешавад.

**2. Омилҳои иқтисодӣ**

Уқёнус як манбаи муҳими захираҳо барои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Киштигардӣ материк ва қитъаҳоро ба ҳам мепайванданд ва барои савдо шароит фароҳам меоранд. Соҳаи моҳидорӣ барои миллионҳо одамон воситаи зиндагӣ мебошад, дар ҳоле ки дар тунукобаҳои баҳрӣ истихроҷи нафту газ даромади бузург меорад. Иқтисодиёт аз ҳисоби истифодаи баҳру уқёнусҳо дар ҳоли рушд аст. Бо вуҷуди ин, афзоиши ҷаҳонии киштигардӣ талаб мекунад, ки ба ҳифзи экосистемаҳо бо масъулияти бештар муносибат карда шавад.

**3. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ**

Уқёнуси ҷаҳонӣ манбаи ҳаёт барои миллиардҳо организми зинда мебошад. Дар умқи он экосистемаҳои нодир мавҷуданд: рифҳои марҷонӣ, ҷангалҳои баҳрии обсабзҳо, чашмаҳои гарм. Уқёнус тавозуни тамоми биосфераро нигоҳ медорад. Олимон ба ин ақидаанд, ки уқёнус калиди омӯзиши шаклҳои нави ҳаёт аст. Масалан, микроорганизмҳо дар чуқуриҳои умқии баҳр метавонанд посух ба саволҳои марбут ба эволютсия ва тибро фароҳам оранд.

**4. Ифлосшавии уқёнус — мушкили глобалӣ**

Пластик, доғҳои нафтӣ, металлҳои вазнин — ҳамаи ин ба экосистемаҳои баҳрӣ таҳдид мекунанд. Рифҳои марҷонӣ тадриҷан аз сабаби ифлосшавӣ ва афзоиши туршии об нобуд мешаванд. Ҳар сол беш аз 8 миллион тонна ашёи пластикӣ ба уқёнус партофта мешавад. Аксари ҳайвоноти баҳрӣ аз оби ифлос зарар мебинанд. Ҳалли ин мушкилот талаб мекунад, ки ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ тақвият ёбад ва муносибат оид ба коркарди партовҳо тағйир дода шаванд.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муҳити омӯзиш** — ин заминаи дониш аст, ки бидуни он аз худ кардани асосҳои фан ғайриимкон мегардад. Муҳити омӯзиш моҳияти омӯзиш, сохтор, мавод ва воситаҳоро таъмин менамояд.
2. **Муҳити таълим** — фазои рушд, маъно ва ташаббус мебошад. Маҳз дар ҳамин ҷо тафаккур ташаккул меёбад, салоҳиятҳо рушд мекунанд ва ҳавасмандии воқеӣ барои омӯзиш пайдо мешавад.
3. **География** на танҳо илм дар бораи далелҳо ва харитаҳост. Ин роҳи дарк кардани ҳамкории инсон ва табиат, таҳаввули ҷаҳон ва ҷойгоҳи ҳар фард дар он мебошад.
4. **Муҳитро омӯзгор ташкил мекунад, на барномаи таълимӣ ё технология.**
5. **Салоҳиятҳо, ин асоси дарс мебошанд, на унсури иловагӣ.** Дарсҳое, ки тафаккурро рушд медиҳанд, то охири умр дар хонандагон боқӣ мемонанд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки ғояҳои асосӣ**

1. Ба назари шумо, фарқи асосӣ байни муҳити омӯзиш ва муҳити таълим дар чист?
2. Кадом намунаҳо аз матн барои шумо маълум ва ба таҷрибаи шахсии шумо наздик буданд? Чаро?
3. Ба назари шумо, муҳити таълим чӣ гуна ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ таъсир мерасонад?

*Шакли фаъолият: ҷавобҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд.*

**II. Худбаҳодиҳӣ ба амалҳои шахсӣ**

1. Кадом унсурҳои муҳити омӯзиш дар дарсҳои шумо аллакай самаранок амал мекунанд?
2. Кадом усул ё шароитҳои ба муҳити таълим тааллуқ доштаро аллакай истифода мебаред?
3. Кадом мушкилиҳо барои ташкили муҳити таълим дар муассисаи таълимӣ ё синфи шумо монеъ мешаванд (мавод, вақт, фарҳанг)?

*Шакли фаъолият: қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо.*

**III. Гузариш ба амал**

1. Кадом тағйиротро шумо метавонед дар наздиктарин дарси худ ворид намоед, то муҳити таълимро тақвият диҳед?
2. Кадом намуди фаъолиятҳоро (лоиҳаҳои хурд, супоришҳои нақшофарӣ, муҳокимаронӣ, интихоби супориш) мехоҳед таҷриба кунед?
3. Кадом идеяҳоро метавонистед дар шурои омӯзгорӣ ё иттиҳодияҳои методӣ пешниҳод намоед?

*Шакли фаъолият: қайдҳои инфиродӣ + табодули андеша дар гурӯҳҳои хурд.*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРИ МАН МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 1.3**

*Як ё якчанд ҷавоби дурустро қайд намоед*

**1. Кадоме аз масъалаҳои зерин ба унсурҳои муҳити омӯзиш тааллуқ дорад?**
A. Муҳокимаи гурӯҳӣ
B. Китоби дарсӣ ва атлас
C. Харитаҳои тарҳӣ
D. Иҷрои нақши коршиносони СММ

**2. Мақсади асосии муҳити таълим чист?**
A. Санҷиш ва назорати дониш
B. Интиқоли далелҳои географӣ
C. Ташаккули шахсият, тафаккур ва ташаббус
D. Фаҳмондани маводи нав

**3. Кадоме аз инҳо натиҷаи муҳити таълим мебошад?**
A. Қобилияти пур кардани ҷадвалҳо
B. Қобилияти додани савол
C. Донистани минтақаҳои иқлимӣ
D. Дарки нақши инсон дар экосистема

**4. Нишонаҳои муҳити таълим кадомҳоянд?**
A. Танҳо ҷавобҳои дуруст
B. Кор бо китоб ва атлас
C. Имкони интихоб ва саволҳои кушода
D. Иштибоҳҳо ҳамчун таҷриба қабул мешаванд

**5. Чаро ҳамбастагии муҳити омӯзиш ва муҳити таълим муҳим аст?**
A. Чун танҳо бо ин роҳ барнома пурра мешавад
B. Барои беҳтар кардани баҳои шогирдон
C. Барои пайвастани дониш ва маънӣ, зинда кардани раванди таълим
D. Барои он ки дарс дилгиркунанда набошад

**6. Агар хонанда натиҷаҳои тағйирёбии иқлимро таҳлил намуда, хулоса барорад кадом салоҳият ташаккул меёбад,?**
A. Эҷодкорӣ
B. Коммуникативӣ
C. Тафаккури интиқодӣ
D. Ҳамкорӣ

**7. Дар кадом супориш эҳтимолан эҷодкорӣ бештар зоҳир мегардад?**
A. Ҷавоб додан ба саволҳои охири параграф
B. Таҳияи инфографика оид ба захираҳои обии ноҳия
C. Номгузории объектҳо дар харита
D. Муқоисаи ҷадвали нишондиҳандаҳо оид ба иқлим

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Мушкилиҳои маъмулро ҳангоми эҷоди муҳити таълим ва интихоби роҳҳои ҳалли онҳо шинохтан**.**



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Супориш барои гурӯҳҳо:**

Ҳар як андешаи пешниҳодшударо хонда, мавқеи худро вобаста ба дуруст шуморидан ё нашуморидани он баён намуда, шарҳ диҳед.

**Ақидаҳо:**

1. Бе маводи иловагӣ (расмҳо, манбаъҳо, рӯнамоҳо) муҳити таълимро ташкил додан ғайриимкон аст.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

2. Ташкили муҳити таълим танҳо дар дарсҳое имконпазир аст, ки лоиҳа ва муҳокимаҳоро дар бар мегиранд.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

3. Дар синфи калон ва дорои хонандагони зиёд ташкил кардани шартҳои ҳамкорӣ ғайриимкон аст.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

4. Агар ҳамаи хонандагон супоришҳои якхеларо тибқи як қолаб иҷро кунанд муҳити таълим камтар зуҳур меёбад.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

5. Агар хонандагон дар дарс хато кунанд, муҳим аст, ки фавран ислоҳ карда шаванд, то дигарон роҳгум нашаванд.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

6. Саволҳои кушода ва супоришҳои ғайрианъанавӣ танҳо дар шароите муфиданд, ки хонандагон қавианд ва ҳавасмандии онҳо зиёд аст.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

7. Агар дар синф хомӯшӣ ва интизом набошад пас дарс самаранок нест.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

8. Ҳатто бидуни тағйир додани супоришҳо ҳам метавон муҳити таълим офарид, муҳим он аст, ки чӣ гуна онҳо пешниҳод карда мешаванд.

   ☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 1.4-ро бодиққат хонда, бо истифодаи саволҳои робитаи мутақобила муҳокима кунед.**

**Варақаи иттилоотии 1.4**

### 1. Таҳлили мушкилот ва қадамҳо ба сӯйи тағйирот

Оё воқеият аз идеал хеле дур аст? Ин комилан муқаррарӣ аст. Биёед дар бораи душвориҳои омӯзгорон ҳангоми кӯшиши ҷорӣ кардани муҳити таълим ва рушди салоҳиятҳои калидӣ дар шароити муқаррарии мактабӣ дучор шаванда сухбат кунем.

Ҳамзамон дида мебароем, ки кадом қадамҳои одӣ ва воқеӣ бе он ки омӯзгорон ва хонандагонро зери фишор гузошт, метавонанд моро ба пеш баранд.

**1. Дар синф вақт маҳдуд аст**

**Мушкилот:** *Ҳаҷми маълумоти китоби дарсӣ зиёд, аммо вақт кам аст. Шумо мехоҳед баррасӣ ё лоиҳаро ба роҳ монед. Аммо фикре азиятатон медиҳад, ки «Мо наметавонем мавзуъро пурра омӯзем»*

**Чӣ чиз кумак мекунад:**

- **Супоришҳои хурд** — кутоҳ, вале пурмазмун. Масалан: ба ҷойи таҳлили тӯлонии истихроҷи канданиҳои фоиданоки ҷаҳон муҳокимаи **5-дақиқагӣ дар ҷуфтҳо**: «Оё канданиҳои фоиданокро метавон захираи тамомшаванда номид?»
- Фаъол сохтани муҳити таълим дар **супоришҳои анъанавӣ.** Масалан, ҷадвали «Намуди канданиҳои фоиданок, минтақаи истихроҷ, усули истифода» метавонад бо савол анҷом ёбад: «Кадом кишварҳо бештар ба ин захираҳо эҳтиёҷ доранд?»
- **Тақсим кардани фаъолиятҳои калонҳаҷм ба қисмҳо.** Дар як дарс таҳлили захираҳо дар харитаи ҷаҳон, дар дарси дигар таҳияи мини-лоиҳа бо масъалаҳои:
  - «Дар оянда истихроҷи нафт чӣ гуна тағйир меёбад?»
  - «Усулҳои муосири истихроҷи ангишт чӣ паёмадҳои экологӣ доранд?»
  - «Оё кишварҳое ҳастанд, ки пурра аз содироти канданиҳо вобастаанд?»

***Хулоса:** сохтори дарсро куллан дигар кардан шарт нест. Ҳатто 5 дақиқа муҳокима ё асосноккунии андеша метавонанд мавзуъро зинда ва пурмаънӣ гардонанд.*

**2. Хонандагон ғайрифаъоланд ё ба озодӣ одат накардаанд**

**Проблема:** хонандагонро фаъол гардонидан душвор аст. Онҳо ҷавоби дурустро интизоранд, аз хато метарсанд, намехоҳанд гап зананд.

**Чӣ ба онҳо кумак мекунад:**

- Оғоз кардан аз **саволҳои кушода ва осон**, ки дар ин ҳолат хато кардан мумкин нест. Масалан: «Ин мавзуъ шуморо чаро ба тааҷҷуб овард?» ё «Кадом қисматаш барои шумо муҳим буд?»
- Истифодаи шаклҳои **«фаъолияти нарм»**: аввал навиштани ҷавобҳо дар дафтар, баъд мубодила дар ҷуфтҳо, пас аз он — муҳокима дар синф.
- Таъкид кардан зарур аст, ки **ғалат кардан чизи муқаррарӣ аст** ва ҳар андеша арзишманд мебошад. Метавон гуфт: «Мо як ҷавоби дуруст намеҷӯем — мо фикр кардану муқоиса карданро меомӯзем.»
- Ҷалб намудани **шаклҳои ғайрирасмӣ**, масалан: пурсиши хурд — «Агар ту муҳандис мебудӣ, мушкили норасоии обро чӣ гуна ҳал мекардӣ?» ин усул тарсро кам карда, тафаккурро фаъол месозад.

***Хулоса:** муҳим он аст, ки **фазои бехатар** ташкил карда шавад. Аввал як нафар гап мезанад, баъд дуввум ва ниҳоят — тамоми синф.*

### 3. Маводди иловагӣ вуҷуд надорад

**Мушкилот:** бисёр супоришҳо манбаъ, расм ё маводро талаб мекунанд. Аммо дар муассиса фақат китоб ва тахтаи синф мавҷуд асту халос.

**Чӣ кумак мекунад:**

✓ **Истифода бурдан аз он чизе, ки ҳаст.** Китоби дарсиро метавон ба манбаи таҳлилӣ табдил дод. Масалан, як порча аз мавзуи «Минтақаҳои иқлимӣ»-ро хонанд ва чунин супоришҳо иҷро кунанд:

- Илова намудани маълумот: «Кадом омилҳои табиӣ боз ба иқлим таъсир мерасонанд?».
- Муҳокимаронӣ: «Оё ҷойгиршавии географӣ ҳамеша иқлимро муайян мекунад ё истисно вуҷуд дорад?».

✓ **Офаридаҳои хаёлӣ:**

- **Тарҳрезии эълони намоишгоҳ**: «Кашфиётҳои географӣ нигоҳе ба гузашта» шумо кадом ҷойҳоро тасвир мекардед?
- **Сафарномаи хаёлӣ:** «Тасаввур кунед, шумо муҳаққиқед ва мехоҳед сарчашмаи як дарёи бузургро омӯзед. Кадом масирро интихоб мекардед?».

✓ **Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз хона ё интернет мавод дастрас намоянд** (вобаста ба имконият)

- Акси манзараҳои табиӣ аз минтақаи худ.
- Хабарҳо дар бораи тағйирёбии иқлим ё проблемаҳои экологӣ.
- Харита, нақша, мақолаҳо дар бораи ҳодисаҳои географӣ.

✓ **Муттаҳид шудан бо ҳамкорон:** Сохтани **бонки маълумот** барои мавзуъҳои синфҳои 7–11:

- Харитаҳои захираҳои табиӣ
- Санадҳо дар бораи созишномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи муҳити зист
- Аксҳои моҳворaӣ, ки тағйири манзараро нишон медиҳанд

**Хулоса:** *ҳатто захираҳои кам метавонанд муҳити таълим гарданд, агар мо бо онҳо - на танҳо ҳамчун «матн», балки ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ барои андешаронӣ кор барем.*

### 4. Гуногунии хонандагон

***Мушкилот:*** *Баъзеҳо зуд ҳамаи супоришҳоро иҷро мекунанд, баъзеҳо тамоман фаъол нестанд. Яке фаъол аст, дигаре хомӯш.*

**Чӣ чиз кумак мекунад:**

- **Супоришҳои гуногун (вариативӣ)** додан**.** Масалан: яке ҷадвал месозад, дигаре муколама, сеюмӣ мактуб аз гузашта. Ҳама супоришро иҷро мекунанд, вале ҳар яке мувофиқи сатҳи фаҳмиш ва қобилияти худ.
- Муайян кардани **нақшҳо** дар гурӯҳ: яке таҳлилу дигаре менависад, сеюмӣ муаррифӣ мекунад. Ин имкон медиҳад, ки ҳар кас худро зарурӣ эҳсос кунад.
- Тартиб додани супоришҳо **дар сатҳҳои гуногун:** саволҳои асосӣ + як саволи амиқтар барои хоҳишмандон. Масалан, дар мавзуи «Проблемаҳои экологӣ дар Тоҷикистон»: яке сабабҳоро меҷӯяд, дигаре «гузориш»-еро аз номи шоҳид менависад.

***Хулоса:*** *муҳити таълим ин «баробар барои ҳама» нест, балки «мувофиқи тавони ҳар кас» мебошад. Ҳамин аст, ки ҳама иштирок мекунанд.*

### 5. Фарҳанги суннатии муассисаи таълимӣ навовариро дастгирӣ намекунад

**Мушкилот:** *Маъмурият дарси орому сокит мехоҳад. Падару модарон мегӯянд: «хонандагон бояд танҳо донанд». Ҳамкасбон мегуянд: «Барои чӣ худро ин қадар заҳмат медиҳӣ?»*

**Чӣ кумак мекунад:**

- **Оромона оғоз кардан, бидуни «изтироб»:** метавонад муҳокимаи кутоҳ ивазкунандаи нақл бошад, ё интихоб миёни ду супориш. Мубоҳиса 10-дақиқа кофист.

• **Нишон додани натиҷа:** пас аз лоиҳа рӯзномаи деворӣ, рӯнамо, мусоҳиба. Метавон онро ба волидайн ё дар шурои педагогӣ нишон дод, ё ҳатто дар профили шахсӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram) ҷойгир кард.

• **Бо ҳамфикрон муттаҳид шудан:** гузаронидан дарсҳои кушод ё масъаларо дар иттиҳодияҳои методӣ баррасӣ кардан.

• **Ба стандарт ва ҳадафҳои нави соҳаи маорифи Тоҷикистон такя кардан**, ки аллакай ба салоҳиятҳои калидӣ нигаронида шудаанд.

***Хулоса:*** *набояд танҳо ҳаракат намуд. Бояд қадамҳои пайдарпай гузошт, пас метавон фарҳангеро сохт, ки дар он хонанда фикр мекунад, на танҳо ҷавоб медиҳад.*

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Шароити идеалӣ вуҷуд надорад.** Муносибати босалоҳият дар таълим на дар бораи комилӣ, балки дар бораи интихоби маъно аст. Ҳатто дар шароити маҳдуд низ метавон саволи кушода дод ё имкони интихоби супориш ё шакли фаъолиятро пешниҳод кардан вуҷуд дорад.
2. **Ғалатҳо, гуногунӣ дар ҷавобҳо ва баррасии андешаҳо нуқсон нест, балки нишонаи муҳитест, ки дар он салоҳиятҳо ташаккул меёбанд.**
3. **Ташкили муҳити таълим равандест**, **ки аз дарки таҷрибаи шахсӣ оғоз меёбад**. Тағйироти хурд дар муносибат метавонанд ба ҷалби бештар ва фаъол шудани хонандагон сабаб шаванд.
4. **Монеаи дар роҳи ташаккули муҳити таълим сарбаста нестанд, балки роҳнамо барои ҷустуҷӯи ҳалли масъала мебошанд.** Ҳатто дар шароити маҳдудияти вақт ва захираҳо ҳам, метавон «нуқтаи воридшавӣ» ба тағйиротро пайдо кард.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки муҳтаво**

1. Кадоме аз мушкилот ва душвориҳои баррасишуда аз таҷрибаи шахсӣ ба шумо шинос аст? Чӣ барои шумо ғайричашмдошт буд?
2. Кадом идея ё роҳҳои пешниҳодшуда ба шумо махсусан муфид ва воқеӣ намуданд? Барои чӣ?

**II. Арзёбии таҷрибаи шахсӣ**

1. Кадом монеаҳо бештар дар синфи шумо ташкили муҳити таълимро душвор месозанд?
2. Аз роҳҳои пешниҳодшудаи рафъи монеаҳо кадомҳояшро шумо аллакай озмудаед? Кадоме самар дод, кадоме не?

**III. Банақшагирии амал**

1. Кадом тағйироти мушаххасро шумо метавонед дар сохтори дарс ворид кунед, то имкониятҳои рушди салоҳиятҳои калидӣ бештар гарданд?
2. Кадом як қадамро шумо аллакай омодаед дар дарсатон амалӣ намоед?

## МАШҒУЛИЯТИ 3

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**

**1.** Муҳити таълимро дар дарсҳои география фароҳам оварда, онро таҳлил кардан**.**

## КОРИ АМАЛӢ: ТАҲРЕЗИИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ

### Кори амалии 1. Муҳити таълими фаъол. Дар ин дарс чӣ рух медиҳад?

**Мақсад:** омӯхтани фарқи байни муҳити омӯзиш ва муҳити таълим; муайян кардан, ки кадом унсурҳо ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ (4К+) мусоидат мекунанд ва кадомашон монеъ мешаванд.

**Шакли фаъолият:** кор дар гурӯҳҳо
**Супориш:** Сохтори дарси дар зер овардашударо хонед.
*Баррасӣ кунед:*

1. Кадом унсурҳои муҳити омӯзиш ва муҳити таълим дар он дида мешаванд?
2. Кадом салоҳиятҳои калидӣ (4К+) метавонанд дар чунин шароит рушд ёбанд ва кадоме — не?

**Сенарияи дарс**

Синфи 8: мавзуъ: «Рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон». Дарс бо такя ба китоби дарсӣ гузаронида мешавад: омӯзгор маводро фаҳмонида медиҳад, хонандагон ҷадвали «Солҳо — Воқеаҳо — Рушд»-ро пур мекунанд. Пас аз он, пурсиши умумӣ (фронталӣ) гузаронида мешавад. Аксари хонандагон кӯтоҳ ва бо як ҷумла ҷавоб медиҳанд, баррасӣ сурат намегиранд. Омӯзгор санаҳоро дақиқ намуда, ба нуктаҳои муҳим таваҷҷуҳ ва дарсро ҷамъбаст мекунад. Дар анҷоми дарс супориши хонагӣ дода мешавад: бобро хонда, ба саволҳо ҷавоб диҳед.

**Саволҳо барои таҳлил:**

1. Дар ин ҷо кадом муҳит ҳукмфармо аст — муҳити омӯзиш ё муҳити таълим?
2. Кадом унсурҳои муҳити таълим дар ин сенария намоён нестанд?
3. Чиро метавон тағйир дод, то ҳадди ақал яке аз салоҳиятҳои калидӣ ворид гардад?
4. Дар ин синф чӣ гуна муҳит эҳсос мешавад?

### Кори амалии 2. Таҳрезии муҳити таълим - банақшагирии дарс ҳамчун фазои рушд

**Мақсад:** омӯзиши тарҳрезии як лаҳзаи дарси география, ки дар он муҳити омӯзиш ва таълим бо ҳам омезиш ёфта, салоҳиятҳои калидӣ ташаккул меёбанд.
**Шакли фаъолият:** кор дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд
**Супориш:** Як мавзуъро интихоб намоед.
*Намунаи дар поён овардашударо истифода намуда, сенарияи дарсеро таҳия кунед, ки дар он:*

- муҳити омӯзиш ва таълим бо ҳам омезиш ёфта бошанд;
- ҳадди ақал 2 салоҳият аз салоҳиятҳои калидӣ ташаккул ёбанд;
- интихоби озод, баррасӣ ва амалҳои андешамандона мавҷуд бошанд.

**Намуна: «Муҳит — Амал — Салоҳият»**

**Мавзуъ:** ______________________________________________

**Сенария (тавсифи мухтасар)** ______________________________________________

**Шаклҳои муҳити омӯзиш** (китоби дарсӣ, ҷадвал, харита, шарҳдиҳӣ)

**Шаклҳои муҳити таълим:** (мубоҳиса, бозиҳои нақшофарӣ, мактуб, саволҳои кушода, интихоби намуд)

**Хонандагон чӣ кор мекунанд?** ……………………………………………………

**Кадом салоҳиятҳо ташаккул меёбанд?** □ Ҳамкорӣ □ Коммуникативӣ (иртиботӣ)
□ Эҷодкорӣ □ Тафаккури интиқодӣ □ Маҳорати омӯхтан

**Маслиҳатҳои корӣ:**

- Аз идеяи гуногуншакл истифода баред (як мавзуъ — чанд шакли кор ва ифода).
- Андеша кунед, ки кадом унсурҳо ҳавасмандӣ ва муколамаро «бедор» мекунанд.
- Саволҳои санҷиширо истифода баред.

| Нишонаи муҳити таълим | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Хонандагон илова ба ҷавоб савол медиҳанд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Дар синф якчанд нуқтаи назар иҷозат дода мешавад. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Хонандагон дар гурӯҳҳо ё ҷуфтҳо кор мекунанд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Супоришҳое вуҷуд доранд, ки интихоб мехоҳанд (шакл, нақшофарӣ, шакли ҷавоб). | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Хонандагон мефаҳмонанд, ки «чаро?» ва «ин чӣ маъно дорад? » | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Хонандагон тавассути тааҷҷуб, шавқ ва баҳс фаъол мешаванд | ☐ | ☐ | ☐ |
| 7. Барои ибрози нуқтаи назари шахсии хонанда ҷой мавҷуд аст | ☐ | ☐ | ☐ |

# МАВЗУИ 4

## Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ: воситаҳо барои омӯзгорони фанни география

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Тафовут миёни рақамисозии одӣ ва муҳити рақамии таълим (МТР).
- Сатҳҳои асосии рушди платформаҳои таълимӣ — аз «бойгонии мавод» то ҳалли мутобиқшавандаи системавӣ.
- Имкониятҳо ва маҳдудиятҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф.
- Хатарҳои «иваз кардани тафаккур» ва аз даст рафтани субъектият ҳангоми кор бо зеҳни сунъӣ.
- Нақши омӯзгор: роҳнамоии раванди таълим, рушди тафаккури интиқодӣ, ташаккули малакаҳои истифодаи масъулонаи зеҳни сунъӣ.

**Чиро бояд тавонист?**

- Арзёбии сатҳи ташхиси кор бо захираҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ.
- Тарҳрезии супоришҳо барои хонандагон, ки дар онҳо зеҳни сунъӣ тафаккурро тақвият мебахшад, на иваз мекунад.
- Истифодаи зеҳни сунъӣ ҳамчун воситаи омодасозии дарсҳо ва маводди дидактикӣ.
- Дидани имкониятҳо ва хатарҳои ҳалли рақамӣ ва мутобиқ сохтани онҳо бо мақсадҳои таълимӣ.
- Рушди малакаҳои хонандагон дар самти кор бо маълумотҳои зеҳни сунъӣ.

**Саволҳо барои баррасӣ**

- Муҳити рақамии таълим аз рақамисозии одӣ чӣ фарқ дорад?
- Кадом платформаҳои таълимиро медонед? Шумо ва муассисаи шумо дар кадом сатҳ қарор доред?
- Истифодаи зеҳни сунъӣ ба омӯзгор ва хонандагон чӣ имкониятҳоро пешниҳод мекунед?
- Хатар ва маҳдудиятҳои зеҳни сунъӣ дар раванди таълим дар чӣ зоҳир мешаванд?
- Чӣ гуна зеҳни сунъӣ метавонад воситаи рушди тафаккури интиқодӣ ва географӣ гардад, на ивази он.

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз анҷоми мавзуъ метавонед:

1. Тафовут миёни рақамисозӣ ва муҳити рақамии таълимро **фаҳмед**.
2. Имкониятҳо ва хатарҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маорифро **арзёбӣ кунед.**
3. Супоришҳои таълимӣ бо истифода аз зеҳни сунъиро барои тақвияти тафаккури хонандагон **тарҳрезӣ кунед.**
4. Зеҳни сунъиро ҳамчун восита дар омодасозии дарсҳо **истифода кунед.**

## Муқаддима

Технологияҳои рақамӣ кайҳо фаъолияти муассисаи таълимиро аз китобҳои электронии дарсӣ то курсҳои онлайн тағйир додааст. Аммо имрӯзҳо пешорӯи раванд на танҳо рақамикунонист, балки **муҳити комили рақамии таълим мебошад,** ки илова ба мавод дар он платформа, восита ва акнун зеҳни сунъӣ аҳамияти калидӣ доранд. Омӯзгорон ва хонандагон ҳар рӯз бо ин рӯ ба рӯ мешаванд, бархе дар ҷустуҷӯйи роҳҳои наванд, гурӯҳе ҳанӯз дар марҳилаи шиносоӣ қарор доранд. Дар ин раванд муҳим аст фаҳмидан, ки чӣ воқеан кумак мекунад ва чӣ танҳо тасаввури «мактаби рақамӣ»-ро ба вуҷуд меорад.

Дар қисми аввали машғулият мо баррасӣ мекунем, ки **муҳити рақамии таълим аз рақамисозии одӣ чӣ фарқ дорад**, кадом навъҳои платформаҳои таълимӣ мавҷуданд ва зеҳни сунъӣ чӣ имконият ва хатарҳоро бо худ меорад. Ин ба мо кумак мекунад, ки тасвири умумиро бубинем ва воситаҳое, ки омӯзгор дар амал истифода мебарад, ба таври интиқодӣ арзёбӣ намоем.

Дар қисми дуюм шумо метавонед худро дар амал санҷед: **супоришҳои таълимиро бо истифодаи зеҳни сунъӣ тарҳрезӣ** карда, ташхиси кӯтоҳи малакаҳои рақамии худро гузаронед ва воситаҳое ба даст оред, ки ба шумо имкон медиҳанд зеҳни сунъиро ба раванди таълим ворид намоед. Ҳамаи ин бо такя ба хусусиятҳои таълими фанни география ва шароити воқеии муассисаи таҳсилоти умумӣ сурат мегирад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Рақамикунонӣ** – табдил додани мавод ва равандҳои таълимӣ ба шакли электронӣ (рӯнамоҳо, PDF, журналҳои электронӣ), бе тағйири мантиқии таълим.

**Муҳити рақамии таълим** – маҷмӯи воситаҳои техникӣ, платформаҳои барномавӣ, захираҳои рақамӣ ва методикаҳо, ки якҷоя раванди таълимро таъмин мекунанд.

**Захираҳои рақамии таълим (ЗРТ)** – маводи электронии таълимӣ: китобҳои дарсӣ, манбаи маълумот, дарсҳои видеоӣ, курсҳои онлайнӣ, китобхонаҳои электронӣ.

**LMS (Learning Management System, системаи идоракунии таълим)** – муҳити барномавӣ, ки имкон медиҳад маводҳо нигоҳ дошта шаванд, курсҳо идора карда шаванд, иҷрои супоришҳо назорат ва пешрафти хонандагон пайгирӣ шавад. Он метавонад сода (бойгонӣ ва тестҳо) ё васеъ (функсияҳои интерактивӣ) бошад.

**Платформаи таълимӣ** –системаи рақамӣ, ки дар он мавод, супориш ва воситаҳои ҳамкорӣ байни омӯзгор ва хонанда ҷамъ оварда шуда, метавонад LMS-ро ҳамчун ҷузъ дар бар гирад.

**Платформаи таълимии мутобиқшаванда** – системае, ки раванди таълимро ба сатҳи дониш ва суръати хонанда мутобиқ мекунад, камбудиҳоро муайян ва барои бартараф кардани онҳо кумак мерасонад.

**Зеҳни сунъӣ (ЗС)** – технологияҳое, ки ба техника (мошин) имкон медиҳанд маълумотро таҳлил кунад, ҷавоб диҳад, пешгӯйӣ ва супоришҳоро мутобиқ созад.

**Суръати ноустувори татбиқ** – вазъияте, ки дар он технологияҳо ба муассисаи таълимӣ ба таври номутаносиб ворид мешаванд: бархе омӯзгорон воситаҳои рақамиро фаъолона истифода мебаранд, дигарон ҳанӯз бо усулҳои кӯҳна кор мекунанд.

**Субъективии хонанда** – нақши фаъолонаи хонанда дар таълим, вақте ки ӯ на танҳо ҷавобҳои тайёрро қабул мекунад, балки худаш интихобу таҳлил ва қарор қабул менамояд.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**
1. Тафовут миёни рақамисозӣ ва муҳити рақамии таълимро **мефаҳмед**.
2. Имкониятҳо ва хатарҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маорифро **арзёбӣ мекунед.**



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Кор бо маълумотҳо (инфиродӣ)**

Дар поён — изҳоротҳое оварда шудаанд, ки бо онҳо шумо метавонед розӣ бошед, норозӣ бошед ё дар боари онҳо фикр кунед.

Бо аломатҳои: ✔ – ҳа, ✖ – не, ? – мутмаин нестам, қайд кунед.

| Тасдиқот | Ҷавоб |
|---|---|
| 1. Рақамикунонӣ — ин танҳо табдили китобҳои дарсӣ ба PDF ва боргузорӣ ба интернет аст | |
| 2. Зеҳни сунъӣ аллакай метавонад дарсро беҳтар аз омӯзгор омода созад | |
| 3. Агар хонанда рефератро бо ёрии ЗС нависад, ин маънои онро дорад, ки ӯ наомӯхтааст, балки танҳо «нусхабардорӣ» кардааст | |
| 4. Ояндаи таҳсилот — ин курсҳои пурраи онлайнӣ аст ва дарсҳои анъанавӣ аз байн меравaнд | |
| 5. Омӯзгоре, ки кор бо ЗС-ро намедонад, ба зудӣ «нодаркор» мешавад | |

**2. Саволҳо барои андеша** (дар гурӯҳҳо)

- Ба назари шумо, муҳити воқеии рақамии таълимӣ бояд чӣ чизҳоро дар бар гирад?
- Шумо имрӯз дар мактаб кадом афзалият ва камбудиҳои зеҳни сунъиро мебинед?
- Оё смартфони хонанда метавонад воситаи таълим бошад, ё ҳамеша омилест, ки фикри онро парешон мекунад?

**3. Вазъияти кӯтох** (дар гурӯҳҳо)

Ба хонандагон супориш дода шуд, ки дар мавзуи «Захираҳои обии Осиёи Марказӣ» реферат омода намоянд. Яке аз онҳо зеҳни сунъиро истифода бурда, матнеро овард: мантиқӣ, дорои далелҳо, аммо маълум аст, ки ин фикрҳои шахсии ӯ нестанд.

*Омӯзгор бояд қарор қабул кунад:*
– маводи таҳиянамударо дар ҳамон шакле, ки овардашудааст қабул кунад;
– ба он баҳои паст гузорад;
– хонандаро маҷбур кунад, ки рефератро такмил диҳад;
– ё … .

*Кадом қарор дуруст хоҳад буд? Шумо кадом ҳадафро пайгирӣ мекунед? Ҷавоби худро асоснок намоед.*

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилооттии 1.5 - ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро ба мазмуни он арзёбӣ намоед.**

**Варақаи иттилооттии 1.5**

***Муҳити рақамии таълим***

Муҳити рақамии таълим — ин фазо ё системаест, ки дар он технология, муҳтаво ва педагогика якҷоя мешаванд, то хонанда на танҳо дониш гирад, балки тавонад онро истифода бурда ва қобилиятҳои худро рушд диҳад.

**1. Рақамикунонӣ ҳамчун раванд**

Рақамикунонии маориф — ин тугма нест, ки онро пахш кунем ва фавран натиҷа ба дастояд. **Ин равандест**, ки дар он сохтор қадам ба қадам ташаккул меёбад: мавод омода мешавад, муҳити рақамӣ фароҳам оварда мешавад, омӯзгорон ва хонандагон истифодаи воситаҳои навро меомӯзанд.

*Рақамикунонӣ — марҳилаи табиии рушди маориф аст, ки ба дастовардҳои техникӣ ва педагогӣ такя мекунад.*

Ҳама чизе, ки метавонад рақамӣ гардад — рақамӣ хоҳад шуд. Ҳама чизе, ки метавонад дар шакли мултимедиявӣ пешниҳод шавад — дер ё зуд чунин хоҳад шуд. Курсҳо, барномаҳои таълимӣ ва ҳатто дарсҳои маъмулӣ тадриҷан ба муҳити рақамӣ гузашта, шакли нав мегиранд.

**2. Қонуниятҳои рушди маориф**

Гузариш ба муҳити рақамӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад, ки яке аз онҳо фардикунонии таълим аст. Хонанда метавонад бо суръат пеш равад, ба мавод чанд маротиба баргардад, муҳтаворо васеъ намояд ва ба сатҳи баланди азхудкунии дониш расад. Ин бо шарофати ҳамгироии технологияҳо, муҳтавои босифат ва қарорҳои нави педагогӣ имконпазир мегардад.

Имрӯз ба муҳити рақамӣ **зеҳни сунъӣ** (ЗС) низ илова мешавад. Бар хилофи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК), ки воситаҳо эҷод мекунанд ва муҳити рақамӣ, ки фазои таълимро ташкил медиҳад, ЗС бо муҳтаво кор мекунад: маълумотро таҳлил мекунад, роҳҳои ҳалро пешниҳод менамояд ва дар сохтани траекторияҳои инфиродӣ кумак мерасонад.

*Ҳамин тавр, муҳити рақамӣ ва ЗС — қонунияти объективии рушди таҳсилот мебошанд, ки муҳтаво, усул ва имкониятҳои таълимро тағйир медиҳанд.*

**3. Рақамикунӣ ва муҳити рақамии таълим: фарқ дар чист**

Рақамикунонӣ метавонад танҳо ба табдили маводди коғазӣ ба шакли электронӣ маҳдуд гардад: китобҳои дарсӣ, рӯнамоҳои мултимедиявӣ, тестҳо бо санҷиши автоматӣ. Аммо ин танҳо сатҳи аввал аст. Ҳарчанд қулай бошад ҳам, вале худи ин сатҳ амиқии таълимро тағйир намедиҳад.

Муҳити рақамии таълим ин бештар ба нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот маҳдуд намешавад, балки шароите фароҳам меорад барои:

- **идоракунии раванди таълим** – хонанда метавонад вақти омӯзиш ва ҷойро худаш интихоб кунад, бо суръат пеш равад, ба мавод баргардад ё ба сатҳи нав гузарад;

- **омӯзиши амиқ** – технологияҳо на барои шакл, балки барои ғанисозӣ, аёнӣ ва фаҳмондани раванд истифода мешаванд;
- **шаклҳои гуногун** – ҳузурӣ, омехта ва пурра онлайн, ки тавассути платформаҳои таълимӣ ва ҳатто мессенҷерҳои маъмул, ба мисли Zoom, Google Classroom ё Telegram дастгирӣ мешаванд;
- **тарроҳии педагогӣ ва методология** – унсури калидӣ, ки мантиқ, сенарияи дарс ва намудҳои фаъолиятро муайян мекунад;
- **дастрасӣ ва тағйирпазирӣ** – маводҳоро метавон дар ҳар вақт, аз ҳар ҷой, мутобиқ ба услуб ва ниёзҳои гуногуни хонандагон омӯхт;
- **интерактивӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ** – хонандагон танҳо намемонанд, онҳо якҷоя фаъолият мекунанд, таҳқиқ мегузаронанд, дар лоиҳаҳо иштирок мекунанд ва дар гурӯҳ меомӯзанд.

Рақамикунонӣ аксаран дар табдили мавод ба шакли электронӣ маҳдуд мешавад. Муҳити рақамии таълимӣ бештар ҳамкорӣ, имкони интихоб, фардисозӣ ва ҳамкории иҷтимоиро дар назар дорад.

**4. Унсурҳои асосии муҳити рақамӣ**

Муҳити рақамии таълимӣ якчанд унсурҳои калидиро дар бар мегирад, ки якҷоя онҳо як системаи мукаммалро ташкил медиҳанд.

**Унсурҳои асосӣ:**

- **Инфрасохтори техникӣ**: компютер, планшет, тахтаҳои интерактивӣ, таҷҳизоти VR/AR, интернет, дигар хизматрасониҳо;
- **Ҳалли барномавӣ**: журнал ва рӯзномаҳои электронӣ, системаҳои таълими фосилавӣ, платформаҳои таълимӣ;
- **Воситаҳои рақамӣ**: китобҳои дарсии электронӣ, китобҳои аудиоӣ, мултимедиа, китобхонаҳои электронӣ ва захираҳои маълумотӣ, лабораторияҳои виртуалӣ;
- **Хадамотҳои коммуникатсионӣ**: порталҳои мактабӣ, мессенҷерҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ (Telegram, WhatsApp, Facebook), инчунин Zoom барои видеоконференсияҳо;
- **Санҷиши автоматии дониш ва супоришҳо**: тестҳои онлайн, тренажёрҳо, системаҳои санҷиши имло. Барои сарфаи вақти омӯзгор, вокуниши фаврӣ ба хонанда ва ҷамъоварии омор истифода мешаванд;
- **Системаҳои таҳлил ва назорат**: мониторинги ҳузур, таҳлили пешрафт, пайгирии динамикаи таълим, таҳияи ҳисоботи электронӣ. Ин системаҳо ба муассиса дар идоракунии раванди таълим ва қабули қарорҳо дар асоси маълумот кумак мерасонанд.

Барои дарки беҳтари сохтори муҳити рақамии таълимӣ, бояд ба унсурҳои асосии он назар афканем. Ҳар кадом нақши худро иҷро мекунад: бархе заминаи техникӣ медиҳанд, дигарҳо ташкили раванди таълимро таъмин мекунанд ва сеюм дастрасӣ ба захираҳо ва дастгирии ҳамкориро фароҳам меоранд. Якҷоя онҳо як фазои таълимии ягона месозанд, ки дар он техника, мухтаво ва педагогика муттаҳид мешаванд.

**Ҷадвали 1. Унсурҳои муҳити рақамии таълимӣ**

| Унсур | Мисолҳо | Вазифа |
|---|---|---|
| ***1. Инфрасохтори техникӣ*** | Компютер, планшет, тахтаи интерактивӣ, интернет | Таъмини дастрасӣ ба захираҳои рақамӣ |
| ***2. Ҳалли барномавӣ*** | Журналҳои электронӣ, платформаҳо (Google Classroom) | Ташкил ва идоракунии раванди таълим |
| ***3. Захираҳои рақамӣ*** | Китобҳои дарсии электронӣ, мултимедиа, тамрингоҳҳои (тренажёрҳо) онлайнӣ | Омӯзиш ва худомӯзӣ, васеъ кардани имкониятҳои муҳтавои таълимӣ |
| ***4. Коммуникатсия*** | Порталҳои мактабӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ (WhatsApp), видеоконференсияҳо (Zoom, Teams) | Ҳамкорӣ миёни «омӯзгор – хонанда – муассисаи таълимӣ», мубодилаи супориш ва иттилоот |
| ***5. Санҷиши автоматии дониш ва супоришҳо*** | Тестҳои онлайн, востаҳои техникӣ барои машқи зеҳнӣ, барномаҳои санҷиши имло | Сарфаи вақти омӯзгор, вокуниши фаврӣ ба хонанда, ҷамъоварии омор |
| ***6. Таҳлил ва назорат*** | Ҳисоботи электронӣ, базаҳои маълумот, мониторинги ҳузур ва пешрафт | Пайгирии динамикаи таълим, назорати сифати маориф, дастгирии қарорҳои идоракунӣ |

Чунон ки дида мешавад, муҳити рақамии таълим маҷмӯи тасодуфии воситаҳо нест. Ин як сохтори мураккаб ва бисёрсатҳист, ки ниёз ба стратегияи андешидашуда ва татбиқи марҳилавиро дорад. Танҳо дар он сурат метавонад самаранок фаъолият кунад, ки таълимро дастгирӣ намояд, ба омӯзгор кумак расонида, барои хонандагон имкониятҳои нав фароҳам орад.

**5. Барои чӣ муҳити рақамӣ истифода мешавад**

Муҳити рақамии таълимӣ барои васеъ кардани имкониятҳои таълим, дастрас ва тағйирпазир гардондани он ва мутобиқсозӣ ба талаботи замон таъсис дода мешавад. Бо ёрии он таълим танҳо аз синф ва ҷадвали дарсҳо вобаста намемонад, балки бештар кушода ва гуногунҷабҳа мегардад.

*Муҳити рақамӣ имконият фароҳам меорад барои:*

- таъмини дастрасии баробар ба дониш дар ҳар вақт ва аз ҳар ҷой;
- фардисозии таълим;
- ташкили интерактивӣ ва аёнии раванди таълим;
- баланд бардоштани самаранокии идоракунии муассисаи таълимӣ;
- рушди саводи рақамӣ ва салоҳиятҳои (калидӣ) асри XXI;
- ташкили таълими фосилавӣ ва омехта.

Аммо ҳар система ду тараф дорад. Хуб ва манфиат ҳамеша бо маҳдудият ва хатарҳо ҳамроҳанд. Вақте ки афзалиятҳо бештаранд — ин ба рушди мактаб ва хонандагон мусоидат мекунад. Аммо агар камбудиҳо ба назар гирифта нашаванд, онҳо метавонанд ногаҳон ба мушкил табдил ёбанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки ба муҳити рақамии таълим бо назари интиқодӣ нигарем: ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам таҳдидҳои эҳтимолиро бубинем, то таъсири манфиро пешакӣ коҳиш диҳем.

**Ҷадвали 2. Афзалият ва камбудиҳои муҳити рақамии таълим**

| Афзалиятҳо | Камбудиҳо |
|---|---|
| **Дастрасии дониш** – имкони омӯзиш дар ҳар вақт ва аз ҳар ҷой | **Нобаробарии дастрасӣ** – на ҳама оилаҳо компютер ва интернет доранд, бахусус дар деҳот |
| **Фардисозии таълим** – омӯзгор метавонад супориш ва маводро мутобиқ ба сатҳи хонанда интихоб кунад | **Мушкил кардани кори омӯзгорон** – лозим аст ҳам дар шакли коғазӣ ва ҳам рақамӣ кор кунанд |
| **Интерактивӣ ва аёнӣ** – мултимедиа, лабораторияҳои виртуалӣ, омӯзиш тавассути бозӣ ва амал | **Вобастагӣ аз техника ва интернет** – дар ҳолати қатъ шудани шабакаи интернет ё барқ, таълим қатъ мегардад |
| **Идоракунии самараноки мактаб** – журнал, рӯзнома, ҳисоботҳо, санҷиши автоматӣ, назорати пешрафт | **Омодагии нокофии омӯзгорон** – на ҳама истифодаи воситаҳои рақамиро медонанд; дастгирӣ ё курсҳои такмили ихтисос ҳамеша дастрас нестанд |
| **Санҷиши автоматии дониш ва супоришҳо** – сарфаи вақти омӯзгор, вокуниши фаврӣ ба хонанда, омори қулай барои таҳлил | **Маҳдудияти шакли фаъолиятҳо**– танҳо барои тестҳо ва супоришҳои содда самаранок аст, арзёбии эҷодкориро иваз намекунад |
| **Коммуникатсия ва вокуниши фаврӣ** – мубодилаи иттилоот тавассути платформа ва мессенҷерҳо (Telegram, WhatsApp) | **Бенизомии иттилоот ва бесохторӣ** – паёмҳо парокандаанд, маводи пештараро ёфтан мушкил аст, иттилооти зиёдатӣ аст |
| **Рушди саводи рақамӣ** – хонандагон ва омӯзгорон малакаи кор бо технологияҳоро меомӯзанд, ки барои зиндагӣ ва касб муҳим аст | **Хатарҳои иҷтимоӣ ва равонӣ** – вобастагӣ аз дастгоҳҳо, коҳиши муоширати зинда ва афзоиши хастагӣ |

Муҳим аст, ки на танҳо имкониятҳо, балки хатарҳои муҳити рақамиро низ ба назар гирем, то таъсири мусбаташро тақвият бахшем ва маҳдудиятҳоро коҳиш диҳем.

**6. Намунаҳои захираҳои рақамӣ барои омӯзгорони фанни география**

Муҳити рақамии таълимӣ вақте арзишманд мешавад, ки ба фанни мушаххас татбиқ гардад. Барои омӯзгори география, захираҳои рақамӣ имкониятҳои нав фароҳам меоранд: онҳо ба тасвирнокии мавод, пайваст кардани гузашта бо замони ҳозира ва рушди малакаҳои таҳқиқотию интиқодӣ мусоидат мекунанд. Муҳим аст, ки ин захираҳо метавонанд мутобиқ ба сатҳи синф, муҳити забонӣ ва манфиатҳои хонандагон истифода шаванд.

***Ҷадвали 3. Захираҳои рақамӣ барои омӯзгорони фанни география***

| Захира | Намунаҳо | Тарзи истифода дар дарс |
|---|---|---|
| **Китобҳои дарсии электронӣ ва атласҳо** | Шаклҳои рақамии китобҳои дарсии география, атласҳо дар шакли PDF, рӯнамои мавзуӣ | Аёният барои мавзуъҳо (релъеф, иқлим, кишварҳои ҷаҳон), омодагӣ ва гузаронидани дарсҳо бидуни маводи коғазӣ, истифода дар тахтаи интерактивӣ |
| **Харитаҳои интерактивӣ ва ГИС** | Google Earth, Yandex Maps, NASA EarthData, ESRI Story Maps | Омӯзиши релъефи Тоҷикистон, ҳаракати плитаҳои литосфера, таҳлили минтақаҳои иқлимӣ, сохтани харитаҳои мавзуии шахсӣ (масалан, зичии аҳолӣ ё кишоварзӣ) |
| **Мултимедиа (видео,** | Видеоҳои таълимӣ (YouTube, National | Намоиши ҳаракати плитаҳои материкӣ, сиклон ва андисиклон, |

| | | |
|---|---|---|
| **аниматсия, симулятсия)** | Geographic, BBC Earth), аниматсияҳои 3D дар бораи падидаҳои табиӣ | заминҷумбиҳо дар Тоҷикистон; муҳокимаи мушкилоти экологӣ дар сатҳи ҷаҳон |
| **Китобхонаҳои электронӣ ва маълумотномаҳо** | Wikipedia, Britannica School, геопорталҳои СММ, CAREC, eLIBRARY | Ҷустуҷӯйи маълумоти иловагӣ дар мавзуи «Дарёҳои Тоҷикистон», «Саноати энергетикаи кишварҳои Осиёи Марказӣ», «Гармшавии глобалии иқлим» |
| **Озмоишгоҳҳои виртуалӣ ва симулятсияҳо** | Earth.nullschool.net (ҷараёнҳои атмосфера), PhET Interactive Simulations (экология), LearningApps (машқҳои географӣ) | Кор бо маълумотҳо оид ба иқлим дар вақти воқеӣ, моделсозии обу ҳаво, таҳияи супоришҳо барои ташаккул ва хондани харитаҳо |
| **Саёҳатҳои виртуалӣ ва панорамаҳо** | Google Street View, Google Arts & Culture (объектҳои географӣ), Visit Tajikistan, Pamir Eco-Cultural Tourism | Саёҳатҳои виртуалӣ ба минтақаҳои Тоҷикистон, шиносоӣ бо ёдгориҳои табиӣ ва фарҳангӣ, таҳлили ҷойгиршавии географӣ |
| **Барномаҳои мобилӣ** | GeoGuessr, Google Earth, харитаҳои Яндекс ва 2ГИС, Meteo.TJ | Истифодаи смартфон ҳамчун воситаи самтёбӣ ва таҳлили географӣ: супоришҳо барои ҷустуҷӯйи маконҳо, самтгирӣ, ҷамъоварии маълумот оид ба обу ҳаво |
| **Платформаҳои рақамӣ ва LMS** | Google Classroom, Moodle, Microsoft Teams | Гузаронидани тестҳои географӣ, ҷамъоварии лоиҳаҳо, ташкили таълими фосилавӣ |

Истифодаи захираҳои рақамӣ дар таълими география танҳо ба тасвири маводди дарсӣ маҳдуд намешавад. Он воситаи пуриқтидорест, ки ба хонанда кумак мекунад равандҳои табиӣ ва иҷтимоиро амиқтар дарк намуда, манбаъҳои иттилоотиро муқоиса кунад, андешаи шахсии худро баён ва дар гурӯҳ кор кунад. Бо ин роҳ, захираҳои рақамӣ на танҳо дарсҳоро ҷолиб ва дастрас мегардонанд, балки малакаҳои муҳимро ташаккул медиҳанд - аз таҳлил ва тафаккури интиқодӣ то малакаи ҷустуҷӯйи мустақили иттилоот.

Мо мебинем, ки захираҳои рақамӣ ба омӯзгор ва хонандагон воситаҳои нав барои таълим пешниҳод мекунанд. Аммо рушди маориф дар ҳамин марҳила дар як ҷо намеистад. Дар уфуқ технологияе пайдо мешавад, ки аллакай ба муассиса ворид шудааст ва муносибатҳои маъмулро тағйир медиҳад. Сухан дар бораи зеҳни сунъӣ меравад ва қадами навбатии табдили рақамии таҳсилот аст.

**7. Зеҳни сунъӣ дар таълим**

Зеҳни сунъӣ ҳарчанд аллакай ба муассисаҳои таълимӣ ворид шудааст, аммо он ба ба ҳама дастрас нест. Хонандагон зудтар мутобиқ шуданд: барои навиштани иншо ё ҳалли масъала смартфон кофист. Омӯзгорон сусттар пеш мераванд: бархе бо ёрии ЗС тест ё машқ таҳия мекунанд, дигарон танҳо шунидаанд, вале ҳанӯз истифода накардаанд. Парадокс ба вуҷуд меояд: хонанда аллакай кор мекунад, омӯзгор бошад, роҳ меҷӯяд. Кӣ кӣ-ро меомӯзонад?

Ҳатто имкониятҳои одии ЗС метавонанд қисми кори рутинаро (ҳамаи он чизе ки ҳалу фасл мехоҳад) аз дӯши омӯзгор бардоранд, таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои дарс, санҷиши корҳо, интихоби маводи дидактикӣ ва супоришҳои иловагӣ. Аммо то ҳол ин бештар ташаббуси шахсии омӯзгорони алоҳида аст. Ҳар омӯзгор худ қарор мекунад: истифода кунад ё ба усули анъанавӣ идома диҳад. Ин аст «суръати ноустувори татбиқ» дар баъзе ҷойҳо натиҷаҳо дида мешаванд, дар дигар ҷойҳо ҳама чиз боқӣ мондааст.

Яке аз мисолҳои машҳури муносибати системавӣ — платформаи чинии **Squirrel AI Learning** мебошад. Ин танҳо «бойгонии мавод» нест, балки як системаи мутобиқшавандаи комил аст. Барномаи таълимӣ ба садҳо ва ҳазорҳо «нуқтаҳои дониш» тақсим мешавад, ки бо ҳам пайвастанд: агар хонанда мавзуи А-ро аз худ накарда бошад, то камбудиҳо бартараф нашаванд ба мавзуи В намегузарад. ЗС мантиқро таҳлил мекунад ва бо ёрии алгоритмҳо пайваста сатҳи азхудкуниро ташхис намуда, маҳз он супориш, видео ва шарҳҳоеро пешниҳод мекунад, ки дар он лаҳза заруранд. Дар натиҷа, хонанда бо суръат меомӯзад, «бе холигӣ» дар таълим ва омӯзгор тасвири дақиқ мегирад: кадом мавзуъҳо азхуд шудаанд ва дар куҷо мушкилот боқист.

Муҳим аст, ки чунин платформаҳо танҳо алгоритмҳои муҳандисӣ нестанд. Дар паси онҳо кори дастаҷамъонаи омӯзгорон, равоншиносон, методистҳо ва таҳиягарони муҳтаво меистад. Маҳз онҳо «муҳтаво»-ро месозанд: супориш, матн, шарҳ, дарсҳои видеоӣ. Аз ин рӯ, чунин системаҳо синтези технология ва таҷрибаи педагогӣ мебошанд, на танҳо ҳалли муҳандисӣ.

Ҳамзамон, бояд муҳтаворо ба назар гирифт: дар модели чинӣ ҳаракат ҳамеша дар доираи барномаи умумӣ сурат мегирад. Ҳар хонанда бо траекторияи худ меравад, аммо ҳадафи ниҳоии таълим барои ҳама як аст. Дар ин ҷо фардисозӣ пеш аз ҳама ҳамчун воситаи баландбардории самаранокии азхудкунии дониш ва таъмини иҷрои стандартҳо истифода мешавад, на ҳамчун воситаи васеъ кардани озодии интихоби шахсӣ дар таълим.

Таҷрибаи Чин имкониятҳои ҳалли системавиро нишон медиҳад, аммо муҳим аст, ки ба воқеияти кунунии мо такя кунем. Дар шароити мо платформаҳои мутобиқшавандаи мураккаб мавҷуд нестанд, вале чизҳое ҳастанд, ки аллакай барои ҳар хонанда ва омӯзгор дастрасанд — смартфонҳо ва версияҳои ройгони зеҳни сунъӣ. ChatGPT, Copilot, Gemini, DeepSeek, Алиса/Яндекс ва дигарон, ҳамаи ин воситаҳое мебошанд, ки дастрасии осон доранд.

Дар ин шароит, омӯзгор бояд ба саволи калидӣ посух ёбад: чӣ гуна ин вазъиятро ба захираи таълим табдил диҳад, на ба таҳдид? Ҳатто бе системаҳои мураккаб, метавон супоришҳоро тавре тарҳрезӣ кард, ки зеҳни сунъӣ ба воситаи ёрирасон табдил ёбад, на ивази тафаккури хонанда.

Дар поён якчанд усул оварда шудаанд, ки метавонанд аллакай фардо дар дарсҳои география истифода шаванд.

**Ҷадвали 4. Усулҳои истифодаи ЗС дар дарсҳои география**

| Усул | Намунаи супориш | Амалҳои хонанда | Маҳорати рушдёбанда |
|---|---|---|---|
| **Таҳлили далелҳои географӣ** | Бо ёрии ЗС сето далелро дар бораи кам будани растаниҳо дар Помирро ёбед. | Далелҳои пешниҳодкардаи ЗС-ро мехонанд → робитаҳои мантиқӣ байни иқлим, баландӣ ва хокро ҷудо мекунанд → пуррагӣ ва дақиқии шарҳҳоро арзёбӣ мекунанд → ҷавоби беҳтаринро интихоб ва асоснок мекунанд | Малакаи таҳлили робитаҳои сабаб ва натиҷа, мантиқ дар шарҳ додан |
| **Муқоисаи шарҳҳо** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки сабабҳои тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистонро шарҳ диҳад, сипас бо маълумоти китоб муқоиса кунед | Маълумоти ЗС ва китобро муқоиса мекунанд → мувофиқат ва ихтилофҳоро қайд мекунанд → саволҳои дақиқкунанда мегузорад → дар бораи дурустӣ ва пуррагии маълумотҳо хулоса мебароранд | Хондан бо дарки маъно, малакаи муқоисаи манбаъҳо, тафаккури интиқодӣ |
| **Савол ба «муаллиф» (ЗС)** | Аз ЗС тавсифи кӯтоҳи хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои иқлимии Тоҷикистонро гиред | Матниро таҳлил мекунанд → нодурустиҳо ва умумиятҳоро меёбанд → саволҳои мушаххас мегузоранд → ҷавобҳоро бо истифодаи харита ва китоб дақиқ мекунанд | Малакаи дақиқ-созии маълумот, саволгузорӣ, муносибати интиқодӣ ба умумисозӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Санҷиши далелҳо (фактчекинг)** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки бузургтарин кӯл ва дарёҳои Тоҷикистонро тавсиф кунад, сипас маълумотро санҷед | Ном, андоза ва ҷойгиршавии географиро бо атлас ва китоб муқоиса мекунанд → хатоҳоро меёбанд → ҷадвал ё харитаи дурустро таҳия мекунанд | Малакаи санҷиши дурустии маълумот, кор бо маводди харитавӣ |
| **Кор бо пешгӯиҳо ва оқибатҳо** | Аз ЗС пурсед, ки тағйирёбии иқлим дар 20 соли оянда чӣ гуна ба захираҳои обии Тоҷикистон таъсир мерасонад | Пешгӯиро таҳлил мекунанд → оқибатҳои эҳтимолиро ҷудо мекунанд → бо манбаъҳои илмӣ муқоиса мекунанд → баррасӣ мекунанд, ки кадом пешгӯиҳо воқеъиянд. | Тафаккури пешгӯишаванда, арзёбии оқибатҳо, кор бо сенарияҳои илмӣ |

**Хулоса**

Намунаҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълим тафаккурро иваз намекунад, балки онро тақвият мебахшад. Хонанда ҷавоби тайёрро нусхабардорӣ намекунад, балки ҳамчун субъект боқӣ мемонад: таҳлилу арзёбӣ мекунад, муқоиса намуда, қарор қабул мекунад. Ӯ аз синфҳои аввал меомӯзад, ки ЗС воситаи фаъолият аст, на роҳнамо ва тадриҷан нақши меъмори фикрҳои шахсии худро меомӯзад.

Барои омӯзгор ин имкониятҳои нав фароҳам меорад: вазифаҳои такроршавандаро метавон ба мошин супурд, ва вақти озодро ба рушди супоришҳои эҷодӣ ва таҳқиқотӣ равона кард. Ин гуна муносибат имкон медиҳад, ки сатҳи таълим ба марҳилаи самараноктар бирасад, аз шаклҳои одии машғулият, тавсифи объектҳо, супоришҳои харитасозӣ — то натиҷаҳои эҷодии бештар, ба монанди лоиҳаҳои таҳқиқотии хурд, муҳокимаи пешгӯиҳои географӣ, кейсҳо оид ба мушкилоти экологӣ, рӯнамо ё харитаҳои рақамие, ки худи хонандагон таҳия мекунанд.

Мо танҳо чанд усули асосиро нишон додем, аммо самт равшан аст: технологияҳо метавонанд дарсро тақвият бахшанд, ба рушди тафаккур ва эҷодкорӣ мусоидат кунанд. Аммо, мисли ҳар соҳа, бо имкониятҳои нав ҳамзамон хатарҳои нав пайдо мешаванд. Дар зиндагӣ хуб ва бад, фоида ва зарар қариб ҳамеша паҳлуи ҳаманд ва дар воридшавии зеҳни сунъӣ ба таълим истисно нест. Барои дидани тасвири пурра, бояд на танҳо ҷиҳатҳои мусбат, балки хатарҳои ин технологияро низ баррасӣ кард.

**Ҷадвали 5. Имконият ва хатарҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар таълим**

| Таъсири мусбат ва имкониятҳо | Хатар ва маҳдудиятҳо |
|---|---|
| – Таълими мутобиқшаванда: траекторияҳои инфиродӣ, ба назар гирифтани суръат ва сатҳи дониш | – Аз даст рафтани мустақилият: одат ба ҷавобҳои тайёр |
| – Ёрдамчиёни зеҳнӣ: кумак дар иҷрои супоришҳо, шарҳ ва маслиҳатҳо | – Коҳиши ангеза: «чаро фикр кунем, ҳол он ки ЗС инро зудтар иҷро мекунад» |
| – Санҷиши худкори (автоматии) тест ва фаъолиятҳо, сарфаи вақти омӯзгор | – Аз даст рафтани субъектият: нақши истеъмолгар ба ҷои иштирокчии фаъол |
| – Таҳлил: муайян кардани камбудиҳо дар сатҳи хонанда ва синф | – Хатари хато ва таҳриф кардан: назорати интиқодӣ зарур аст |
| – Дастгирӣ дар банақшагирии дарс ва таҳияи мавод | – Нобаробарии дастрасӣ: бархе смартфон ва интернет доранд, дигарон не – ЗС метавонад нобаробарии рақамиро ба вуҷуд оварад. |
| – Фарогир буданро дастгирӣ мекунад: ЗС метавонад супоришҳоро барои кӯдакони дорои ниёзҳои гуногуни таълимӣ мутобиқ созад | – Махфияти маълумот: кор бо ЗС бо интиқоли иттилоот алоқаманд аст |

**Хулоса**

Зеҳни сунъӣ - воситаи пуриқтидорест, ки ҳарчанд барои муассиса самтҳои нав кушояд ҳам, ҳеҷ гоҳ омӯзгорро иваз намекунад ва хонандаро низ аз заҳмати фикррронӣ озод намесозад. Қудраташ дар он аст, ки таълимро тағирпазир ва дастрас мегардонад, вокуниши фаврӣ медиҳад ва вақтро сарфа мекунад. Вазифаи омӯзгор - роҳнамоии ин раванд, рушди тафаккури интиқодӣ ва пешгирии иваз шудани таълими фаъол бо ЗС мебошад.

Бо муносибати дуруст, кор бо ЗС мустақилияти хонандаро коҳиш намедиҳад, балки онро тақвият бахшида, ба ташаккули худмухторӣ мусоидат мекунад, фикр ва муқоиса кардан, саволгузорӣ ва қабули қарорро меомӯзонад. Дар ин ҳолат, технология на чӯбчаи ёрирасон, балки воситаи рушд мегардад, ки ҳам хонанда ва ҳам омӯзгорро ба сатҳи нав мебарорад.

ЗАМИМАИ 5

**Қонуниятҳои рушди платформаҳои таълимӣ**

Эволютсияи платформаҳои таълимӣ қонуниятҳои рушди системаҳои техникӣ ва таълимиро аз ҳалли сода бо як функсия то полисистемаҳо, ки ташхис, мутобиқсозӣ ва дастгирии траекторияҳои инфиродиро муттаҳид мекунанд, инъикос менамояд.

Муҳим аст, ки «бойгонии мавод» бо платформаи воқеӣ омехта нашавад: маҳз системаҳои мукаммал ба хонанда дар бартараф кардани камбуди пешравӣ кумак мекунанд. Барои омӯзгорон ва маъмурон ин тарҳ ҳамчун самтнамо хизмат мекунад, ки имрӯз дар куҷоем ва ба куҷо бояд равем.

**Ҷадвали 6. Эволютсияи платформаҳои таълимӣ**

| Сатҳ | Тавсиф | Имконият | Маҳдудиятҳо | Намунаҳо |
|---|---|---|---|---|
| **Рақамисозии сода** | Мавод ба муҳити рақамӣ боргузорӣ шудаанд: китобҳои сканшуда, рӯнамоҳо, PDF | Дастрасӣ ба мавод аз ҳар ҷой, дар ҳар вақт | Вокуниши бозгашт нест, назорат ва дарки азхудкунӣ вуҷуд надорад | Бойгониҳо PDF, китобхонаҳои электронӣ, LMS-и сода бе интерактивӣ |
| **Рақамикунонӣ бо тестҳо ва видеозангҳо** | Ба мавод тестҳо илова шудаанд, имкони видеоконферен-сияҳо мавҷуд аст (Zoom, Teams) | Назорати дониш, дарсҳои фосилавӣ, нигоҳ доштани иртибот | Таълим хаттӣ аст, камбудиҳо бартараф намешаванд, хатоҳо ҷамъ мешаванд, ангеза коҳиш меёбад | Moodle бо тестҳо, Zoom, MS Teams, Google Classroom (дар шакли асосӣ) |
| **Курсҳо ва барномаҳои онлайн (бе мутобиқсозӣ)** | Курсҳо бо сохтори тайёр: видео, супоришҳо, барномаи умумӣ барои ҳама | Систематизат-сия ва сохтор медиҳад, имкони омӯзиш дар вақти қулай | Мутобиқсозӣ нест: дар ҳолати камбудиҳо хонанда равиши курсро гум мекунад, камбудиҳо афзоиш меёбанд | Coursera, Udemy, Open edX |
| **Платформаҳои мутобиқшаванда** | Унсурҳои мутобиқсозӣ мавҷуданд: супоришҳо ба сатҳи хонанда мутобиқ мешаванд, ташхиси хатоҳо | Камбудиҳоро қисман бартараф мекунанд, машқҳои иловагӣ медиҳанд | Сатҳи фарогирӣ ва амиқии мутобиқсозӣ маҳдуд аст | Khan Academy, Smart Sparrow, Amrita Learning |
| **Платформаҳои мутобиқша-вандаи системавӣ** | Мутобиқшавии комил: «нуқтаҳои дониш», шабакаи мавзъҳои пайваст, ташхис, траекторияҳои инфиродӣ | Хатарҳои камбудиро ба ҳади ақал мерасонанд: хонанда то бартараф кардани нофаҳмӣ пеш меравад | Талаботи муҳандисӣ ва методии мураккаб, захираҳои зиёд | Squirrel AI Learning (Чин), ALEKS (ИМА) |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**Рақамикунонӣ танҳо қадами аввал аст**: табдили мавод ба шакли электронӣ дастрасиро осон мекунад, аммо амиқии таълимро тағйир намедиҳад.

**Муҳити рақамии таълим на танҳо техника**, балки муҳтаво, методика ва ташкили равандро дар бар гирифта, як системаи мукаммал аст.

**Зеҳни сунъӣ сатҳи навро ворид мекунад** — он бо муҳтаво кор мекунад: дар сохтани траекторияҳои инфиродӣ кумак мекунад, камбудиҳоро ташхис ва роҳҳал пешниҳод менамояд.

**Таҷрибаи платформаҳои системавӣ** (масалан, Squirrel AI) нишон медиҳад, ки ЗС метавонад ҷамъшавии камбудиҳоро коҳиш диҳад ва бори такроркунандаро аз дӯши омӯзгор бардорад, аммо ниёз ба кори ҷиддии методӣ ва муҳандисӣ дорад.

**Дар шароити имрӯза низ метавон аз хидматҳои дастрасии ЗС** (ChatGPT, Copilot, Gemini ва ғ.) дар раванди таълим истифода бурд. Муҳим аст, ки супоришҳо тавре сохта шаванд, ки ЗС тафаккури хонандаро тақвият бахшад, на иваз кунад.

**Ҳар як технология ҳам афзалият ва ҳам хатарҳо дорад**, бо имкониятҳои нав таҳдидҳо - аз даст рафтани мустақилият, хатоҳо, нобаробарии дастрасӣ низ пайдо мешаванд.

**Вазифаи асосии омӯзгор — роҳнамоии раванд**, рушди тафаккури интиқодӣ ва субъектияти хонанда мебошад, то ЗС ба воситаи рушд табдил ёбад, на ба ивази таълими зинда.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Дар бораи мафҳуми «муҳити рақамии таълимӣ» чӣ чизи нав омӯхтед? Он аз рақамисозии одӣ чӣ фарқ дорад?

2. Кадом захираҳои рақамии таълимиро (китобхонаҳои электронӣ, бонкҳои маълумот, курсҳои онлайн) аллакай дар кори худ истифода мебаред?

3. Кадом имкониятҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар муассиса ба шумо муфидтар намуданд ва чаро?

4. Кадом хатар ё маҳдудиятҳои истифодаи ЗС дар маорифро ҷиддитар мешуморед?

5. Ба назари шумо, хонандагонро ҷиҳати кор бо ЗС пеш аз ҳама бояд чиро омӯзонд?

6. Кадом усул аз машғулияти пешниҳодшударо метавонед аллакай пагоҳ дар амалияи худ санҷед?

7. Ба назари шумо, ворид кардани кадом захираҳои нави рақамӣ ба муҳити таълимии муассисаи шумо муҳим аст?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧИРО ЁД ГИРИФТАМ, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 1.4.**

1. **Фарқи асосии муҳити рақамии таълимӣ аз рақамисозии одӣ дар чист?**
   a) Ҳузури китобҳои дарсии электронӣ ва рӯнамоҳо, ки дар ҳар вақт дастрасанд
   b) Имкони нигоҳдорӣ ва пурра кардани маводҳо барои ғанисозии муҳтаво
   c) Маҷмӯи унсурҳои техникӣ ва муҳтавоӣ, ки якҷоя фаъолият мекунанд
   d) Истифодаи компютер ва смартфон дар дарс бо назардошти ҳадаф ва вазифаҳо

2. **«Таълими мутобиқшаванда» чӣ маъно дорад?**
   a) Омӯзгор барномаро вобаста ба руҳия ва имкониятҳои синф тағйир медиҳад
   b) Ба хонанда супоришҳое пешниҳод мешаванд, ки ба сатҳ ва суръати омӯзиши ӯ мутобиқанд
   c) Дарс бо истифодаи маводди гуногун дар шакли тағйирпазир гузаронида мешавад
   d) Хонандагон метавонанд мавзуъҳои писандидаи худро барои омӯзиши амиқ интихоб кунанд

3. **Вазифаи муҳимтарини муҳити рақамии таълимӣ чист?**
   a) Нигоҳдорӣ ва паҳн кардани маводди электронии рӯнамоҳо
   b) Ташкили нигоҳдории мавод дар компютер ва хидматҳои абрӣ
   c) Эҷоди шароит барои ҳамкорӣ миёни омӯзгор, хонанда ва захираҳо
   d) Истифодаи интернет барои ҷустуҷӯйи маълумоти иловагӣ

4. **Рақамисозӣ имрӯз ба муассиса чӣ фоида оварда метавонад?**
   a) Баланд бардоштани сифати таълим тавассути захираҳои интерактивӣ ва дастрас
   a) Қисман ё пурра иваз намудани омӯзгор тавассути системаҳои автоматии таълим
   b) Коҳиши соатҳои таълим дар ҷадвал, сабуксозии бори омӯзгор
   d) Қисман ё пурра тағйир додани шаклҳои анъанавии назорат ва арзёбӣ

5. **Кадом вазифаи одатиро ЗС аллакай имрӯз метавонад иҷро кунад?**
   a) Гузаронидани экскурсияҳо ва сафарҳои таълимӣ
   b) Санҷиши тестҳо ва интихоби супоришҳои иловагӣ
   c) Муоширaт бо волидон ва маъмурияти муассиса
   d) Таҳияи барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои дарс

6. **Кадом хатар ба истифодаи ЗС дар маориф дахл дорад?**
   a) Тақвияти нақши омӯзгор ҳамчун роҳнамо ва ҳамоҳангсози раванди таълим
   b) Рушди тафаккури интиқодӣ ва фаъолиятҳои эҷодии омӯзгор ва хонандагон
   c) Аз даст рафтани мустақилият, коҳиши ангезаи фикр кардан дар омӯзгор ва хонанда
   d) Баланд шудани дақиқии ташхиси дониш, хонанда метавонад худро баҳогузорӣ кунад

7. **Вазифаи асосии омӯзгор дар шароити кор бо ЗС чист?**
   a) Гузоштани қисми функсияҳои шарҳдиҳӣ ба системаҳои автоматии таълим
   b) Роҳнамоии раванд, рушди тафаккури интиқодӣ ва мустақилияти хонанда
   c) Гузоштани ҳамаи функсияҳои санҷиш ва шарҳдиҳӣ ба зеҳни сунъӣ
   d) Тамаркуз танҳо ба ташкили дарс ва ҷанбаҳои техникии таълим.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

1. Супоришҳои таълимӣ бо истифода аз зеҳни сунъиро барои тақвияти тафаккури хонандагон **тарҳрезӣ кардан.**
2. Зеҳни сунъиро ҳамчун восита дар омодасозии дарсҳо **истифода кардан.**



### КОРИ АМАЛӢ: ЗЕҲНИ СУНЪӢ ВА МУҲИТИ РАҚАМИИ ТАЪЛИМ

**Супориши 1. Ташхиси хурд: «Ман ва муҳити рақамии таълим»**

**Мақсад:** муайян кардани сатҳи ибтидоии дониши захираҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар се сатҳ: хонанда, синф ва муассиса.

**Дастур:** барои ҳар як банд қайд кунед:
• «Ҳа» – агар пурра ба амалияи шумо мувофиқат кунад;
• «Баъзан» – агар баъзан ё қисман истифода мебаред;
• «Не» – агар ҳоло истифода намебаред.

**Варақаи санҷишӣ (Чек-лист) барои худбаҳодиҳӣ**

| Савол | Ҳа | Баъзан | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Ман истифодаи захираҳои электрониро медонам (китобхонаҳо, бонки маълумот) | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Ман дар дарсҳо рӯнамо ва маводди рақамиро истифода мебарам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Ман барои санҷиши дониш тест ё викторинаҳои онлайнӣ истифода мекунам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Дар синф дастрасӣ ба компютерҳо/тахтаҳои интерактивӣ мавҷуд аст | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Хонандагон захираҳои интернетро, аз ҷумла смартфонҳоро барои таълим фаъолона истифода мебаранд | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Дар муассиса LMS ё рӯзномаи/журналҳои электронӣ мавҷуд аст | ☐ | ☐ | ☐ |
| 7. Ман ягон бор барои омодасозии дарс аз зеҳни сунъӣ истифода накардаам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 8. Медонам, ки кадом хидматҳои ройгони ЗС барои ман ва хонандагон дастрасанд | ☐ | ☐ | ☐ |
| 9. Дар муассиса тренинг, семинар ё практикумҳо оид ба малакаҳои рақамӣ гузаронида мешаванд | ☐ | ☐ | ☐ |
| 10. Ман ба истифодаи ЗС дар дарси география боварӣ дорам | ☐ | ☐ | ☐ |

**Сатҳ:**

- **Ибтидоӣ** – 3 ё камтар «Бале»: таҷрибаи минималӣ, кор асосан бо маводи одии рақамӣ.
- **Асосӣ** – 4–6 «Бале»: истифодаи воситаҳои алоҳида, вале бе низом.
- **Пешрафта** – 7 ё бештар «Бале»: амалияи мунтазам, омодагӣ ба ҳамгироии ЗС дар дарсҳо.

**Кори амалии 2. «Хонанда + ЗС»**

**Мақсад:** таҳияи супориши таълимӣ барои хонандагон аз фанни география, ки **ЗС** дар он барои таҳлил кумак мекунад, на ивази тафаккур.

**Марҳилаҳои иҷро:**

1. **Як мавзуъро аз нақшаи таълимии фанни география интихоб кунед.** Ин метавонад мавзуе бошад аз курси умумии география ё географияи Тоҷикистон.
2. **Ду супориш барои хонанда бо истифодаи ЗС таҳия кунед** (нигаред ба ҷадвали 4 «Усулҳои истифодаи ЗС»):
   • Супориши аввалро аз ҷадвал мутобиқ созед.
   • Супориши дуюмро мустақилона бо назардошти мавзуи дарс таҳия кунед, мақсадҳои таълим ё идеяи педагогии шумо.
3. **Қадамҳои иҷрои супоришро аз ҷониби хонанда тавсиф намоед**:
   • аввал чӣ кор мекунад, баъд чӣ, натиҷаи ниҳоӣ чӣ бояд бошад;
   • дар назар гиред, ки кадом амалҳо тафаккурро рушд медиҳанд;
   • кор бо матн ё ҷавоби ЗС (хондан, ҷудо кардани калимаҳои асосӣ, саволгузорӣ);
   • таҳлил ва муқоиса (масалан, нуқтаи назар ё далелҳо);
   • ташаккули хулосаҳои шахсӣ.
4. **Натиҷаи интизоршавандаро нависед**. Чӣ маҳсулоти кории хонанда хоҳад буд (масалан: далелҳои ҷудошуда, хулоса, саволҳо ба матн).
5. **Супоришро бо чек-лист санҷед**. Бовар ҳосил кунед, ки он тафаккурро воқеан тақвият медиҳад, на иваз мекунад.

| **Мавзуи дарс:** | | |
|---|---|---|
| **Супоришҳо барои ЗС** | **Қадамҳои иҷрои супориш аз ҷониби хонанда** | **Натиҷаи интизоршаванда** |
| 1 | 1) …<br>2) …<br>3) … | |
| 2 | 1) …<br>2) …<br>3) … | |

| Ҷадвал (Чек-лист) барои худсанҷӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| 1. Супориш ба мавзуи дарс алоқаманд аст | ☐ | ☐ |
| 2. Дар супориш мушкили таълимӣ мавҷуд аст: таҳлил, интихоб, далеловарӣ ё арзёбии интиқодӣ талаб мешавад | ☐ | ☐ |
| 3. Супориш барои хонандагони синф дастрас аст | ☐ | ☐ |
| 4. Супоришро дар ҷараёни як дарс иҷро кардан мумкин аст | ☐ | ☐ |
| 5. Дар супориш ҳамкорӣ, муҳокима ё баҳс байни хонандагон пешбинӣ шудааст | ☐ | ☐ |
| 6. Натиҷа маҳсули маъноиро дар бар мегирад (хулоса, далелҳо, саволҳо ва ғ.) | ☐ | ☐ |
| 7. Истифодаи ЗС кори хонандаро тақвият медиҳад, на иваз мекунад | ☐ | ☐ |

**Кори амалии 3. «Омӯзгор + ЗС»**

**Мақсад:** дарк кардани он, ки чӣ гуна омӯзгор метавонад зеҳни сунъиро барои омодасозии дарс — таҳияи супоришҳо ва маводи методӣ — истифода барад ва ҳамзамон мавқеи муаллифии худро нигоҳ дорад.

**Марҳилаҳои иҷро:**

1. **Як мавзуъро аз фанни география интихоб кунед** (масалан, **Захираҳои табиӣ ва истифодаи онҳо)**
2. **Бо ёрии ЗС (ChatGPT, Copilot, Gemini ва ғ.) чунин маълмотро гиред**:
   - нақшаи дарс,
   - намунаҳои супориш барои хонандагон,
   - маводи шарҳдиҳӣ (матни кӯтоҳ, ҷадвал, тарҳ).
3. **Натиҷаро таҳлил намоед**:
   - кадом идеяҳоро метавон истифода бурд,
   - чӣ ниёз ба таҳрир ё ислоҳ дорад,
   - чӣ комилан номувофиқ аст.
4. **Варианти ниҳоии супориши таълимӣ** (ё фрагменти дарс) **тартиб диҳед**, ки дар он таҳрири муаллифии шумо мавҷуд бошад.

| Марҳила | Амалҳо | Натиҷа |
|---|---|---|
| 1. Дархост ба ЗС | Масалан: «Нақшаи дарсро оид ба мавзуи … таҳия намо» | … |
| 2. Таҳлили натиҷа | Қайд кардед: чӣ мувофиқ аст; чӣ ниёз ба таҳрир дорад; чӣ номувофиқ аст | … |
| 3. Таҳрир/дархостҳои такрорӣ ба ЗС | Тағйиротҳои худ, иловаи унсурҳои муаллифӣ мустақилона ё бо ёрии ЗС | … |

| Ҷадвал (Чек-лист) барои худро санҷидан | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| 1. Дархост ба ЗС дақиқ ва мушаххас буд | ☐ | ☐ |
| 2. Натиҷаи гирифташуда таҳлил шуд (мувофиқ/номувофиқ) | ☐ | ☐ |
| 3. Дархостҳои такрорӣ барои беҳтарсозӣ ё таҳрири «нуқтаӣ» истифода шуданд | ☐ | ☐ |
| 4. Дар супориши ниҳоӣ таҳрири муаллифии омӯзгор мавҷуд аст | ☐ | ☐ |
| 5. Супориши ниҳоӣ ба мавзуъ ва ҳадафҳои дарс мувофиқат мекунад | ☐ | ☐ |
| 6. Супоришро дар дарси география воқеан метавон истифода бурд | ☐ | ☐ |
| 7. Истифодаи ЗС дар омодасозии мавод вақтро сарфа кард | ☐ | ☐ |

**Саволҳо барои робитаи мутақобила**

- Кадом унсурҳое, ки ЗС пешниҳод кард, муфид буданд?
- Дар куҷо таҳрири шахсии шумо зарур шуд ва чаро?
- Ин таҷриба чӣ нишон медиҳад: ЗС кори омӯзгорро тақвият медиҳад ё онро иваз мекунад?

## Адабиёт ва сарчашмаҳо


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013.
3. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
4. Чаҳорчубаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2025-07-25.
5. Мухторӣ Қ., Сафин Д. В., Кабиров Н., Садруддинов Х. ва дигарон. Воситаҳои истифодаииарзёбии ташаккулдиҳанда барои рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон. Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2018.
6. Бобизода Ғ., Зиёӣ Х., Акобиров Ш., Исоев К., Байзоев А., Алиев А. Таҳияи стандарт, барномаи таълим ва роҳнамои омӯзгор барои зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (дастури методӣ).-Душанбе, 2020.
7. Веббер Ричард. Моҳият ва заминаҳои таҳияи барномаҳои таълим барои муассисаҳои таълимӣ (дар доираи муносибати босалоҳият). – Душаебе, 2019.
8. Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2009, № 206 тасдиқ карда шудааст.
9. Е. А. Жижина Поурочные разработки по географии, Москва, ВАКО, 2016.
10. Иброҳимова Р. К. Истифодаи усулҳои муосири таълим дар дарсҳои география ва луғатҳои истилоҳӣ (Дастури методӣ), Душанбе, 2009.
11. Қодиров Н., Ибрагимова Р. Методикаи таълими масъалаҳои пешгирӣ ва паст кардани хатари офатҳои табиӣ ҳангоми омӯзиши фанни география (тавсияҳои методӣ барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география), - Душанбе, 2010.
12. Раҳимов М., Самиев А., Содиқов Ш. Методикаи таълими география, нашр. - Душанбе, 2019.
13. Роҳнамои фанни география (барои синфҳои 6-11). - Душанбе, 2018.
14. Туронов С. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ, - Душанбе, 2018.
15. Третьяков П.И. и др. Технологии модульного обучения в школе.- М., 1997.
16. Маҷаллаи «Омӯзгор ва замон». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. – Душанбе, дастрас аз: https://takmili-ihtisos.tj/?page_id=1309.
17. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.
18. Маҷаллаи «Роҳнамои омӯзгор». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон.